**ШАЙХ АБӮСАИДИ АБУЛХАЙР**

# РУБОИЁТ

**ДУШАНБЕ**
**«ИРФОН»**
**2013**

**ББК 84 тоҷик 7-5**
**А - 19**

**Зери назари** ***Лола Ҳоҷибоева***

**Мураттиб** ***Иброҳими Наққош***
**Муҳаррир** ***Равшани Ҳамроҳ***

**Шайх Абӯсаиди Абулхайр.**
**А – 19 Рубоиёт. – Душанбе: «Ирфон», 2013. 136 саҳ.**

***Китобе, ки дар дасти хонандаи гиромист, маҷмӯи рубоиётест, ки ба номи Абӯсаиди Абулхайр машҳур аст. Умед аст шефтагони шеъри ноби порсии тоҷикиро аз ин китоб баҳрае шоиста бошад.***

**0401000000 – 309**
**А ---------------------- - 2013**
**М 507 (12) - 2013**

**ISBN 978-99947-0-534-4** **ББК 84 тоҷик 7-5**

**©** ***Наққош Иброҳим, 2013***

# ПЕШГУФТОР

***Чун хок шудӣ, хоки туро хок шудам,***
***Чун хоки туро хок шудам, пок шудам.***

Ин байт ним рубоиест, ки орифи ворастаи Хуросон, «он фонии мутлақ, он боқии барҳақ,… он арши фалаки сайр, қутби олам – Абӯсаиди Абулхайр»[1] дар посух ба суоли мурherе Ҳамзатуттуроб ном, бар пушти руқъаи вай нигошта ва бар дӯши чанд ҳарфи ороста ба «хок», бори маънӣ ба вазни каҳкашонҳо ниҳодааст, то моҷаро ба манзили мурод, ки *нокуҷо* бувад, бирасонанд…

* * *

Аз падидаҳои боризе, ки дар мазраи фикрии қарнҳои IV-V ҳиҷрӣ *(X-XI милодӣ)* ба бор омад, ташаккули навъи ирфонии рубоӣ буд, ки батадриҷ, таҳаввуле чашмгир дар руҳи куллии шеъри форсии тоҷикӣ ва аз ҷумла, тарзи тасвирро дар пай дошт.

Агарчи манзур аз ҷараёни мазкур марҳалаест бо тӯли ҳадди ақкал ду-се қарн аз таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, номи Абӯсаиди Абулхайрро мақоме вижа дар он аст. Низ, агарчи миёни таъбирҳои ирфонии шеъри аҳди ӯ ва иҳому тамсилҳое, ки масалан, дар осори Ҷалолуддини Балхӣ ё Ҳофизи Шерозӣ дида мешавад, ҳанӯз фосилаҳост, вале ӯст, ки дар таъвили маъниҳои қуръонӣ ва ҳикмати ирфонӣ ба шеър муроҷиа бурд ва онро дар хидмати тариқат гузошт. Ибтикор ва зарофати завқи ӯст, ки рубоиёти сода ва гоҳе ба зоҳир дур аз маъниҳои ирфонӣ ба гунаи

[1] Фаридуддин Аттори Нишопурӣ. Тазкират-ул-авлиё. – Теҳрон: 1373 ҳ.ш., с. 905.

шигарфе ходими маърифат ва намояндаи ҳақиқат гардиданд.

Номи Абӯсаиди Абулхайр *(нимаи дувуми а. IV – нимаи якуми а. V ҳиҷрӣ / нимаи дувуми а. X – нимаи якуми а. XI милодӣ)* дар сарчашмаҳои муътабари таърихиву адабии гузашта ва муосир сабт аст, ки қадимтарини онҳо ду зиндагинома мебошад, ҳар ду таълифи аберагонаш; яке – «Ҳолот ва суханони Абӯсаиди Абулхайр», навиштаи Ҷамолуддин Абӯруҳ Лутфуллоҳ ибни Абӯсаъд ибни Абӯтоҳир ибни Абӯсаид ибни Абулхайр (а. XII) ва дигар – «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абӯсаид», асари Муҳаммад ибни Мунаввари Майҳанӣ (а. XII). Китобҳои мазкур аз куҳантарин осор дар навъи худ ва аз беҳтарин намунаҳои насри форсии тоҷикӣ ба шумор омадаанд.

Бино ба сарчашмаҳои зикршуда, Абӯсаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Иброҳим аввали моҳи муҳаррами соли 357 ҳ.қ. дида ба дунё гушуд. Ӯ зодаи Меҳана (=Маҳна) буд, ки дар қарнҳои IV-V ҳиҷрӣ *(X-XI милодӣ)* аз ободиҳои муҳими миёни Сарахс ва Абеварди Хуросон ва қарияе аз Дашти Ховарон ба шумор меомадааст. Саид Нафисӣ – муҳаққиқи равоншоди эронӣ дар қарни XX дар бораи ин ноҳия нигоштааст: «Дар сафаре, ки дар [соли] 1327 [шамсӣ] бад-он сарзамин доштам, аз доноёни он диёр ҷӯё шудам, гуфтанд ин шаҳри кӯчак ҳанӯз ба ҳамин ном дар ҷануби Ишқободи кунунӣ – пойтахти Туркманистон … аст»[1]. Ҳамон ҷо бо ирҷоъ ба қавли Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар «Нузҳат-ул-қулуб», абёти зайлро, ки дар васфи Дашти Ховарон машҳур аст, афзудааст:

***То сипеҳри сит гардон шуд ба хоки Ховарон,***

[1] Нафисӣ, Саид. Суханони манзуми Абӯсаиди Абулхайр. – Теҳрон: 1350 ҳ.ш., с. 4.

***То шабонгоҳ омадаш чор офтоби ховарӣ:***
***Хоҷае чун Бӯалӣ Шодонӣ – он соҳибқирон,***
***Муфтие чун Асъади Маҳна, зи ҳар шине барӣ.***
***Суфие софӣ чу султони тариқат Бӯсаид,***
***Шоире фохир чу машҳури Хуросон – Анварӣ.***
***Шод бош, эй обу хоки Ховарон, к-аз рӯйи лутф***
***Ҳамчу оби баҳру хок, кони гуҳар мепарварӣ[1].***

Ба мӯҷиби орамидани турбати он орифи бузург дар хоки мавзеи мазбур, дар осори таърихӣ аз он бо номи *машҳади Абӯсаид* низ ёд гардидааст. Дар китоби «Ҳолот ва суханони Абӯсаиди Абулхайр» нақлест аз Хоразмшоҳ Отсиз, ки ба соли 536 қамарӣ ба Хуросон омад ва қасди ғорати Ховарон (=Хобирон) намуд. Чун огоҳ шуд, ки он ҷо «машҳади шайх Абӯсаиди Абулхайр» аст, аз нияти худ даст кашид ва «фармон дод, ки ҳеч зиёне бад-он ноҳият нарасад…»[2]. Ин мавзеъ дар тӯли қарнҳо ҳамвора зиёратгоҳи аҳли таҷоруби руҳонӣ ва завқу сулуки ирфонӣ будааст. Ҳамакнун ҳамин мазори Абӯсаиди Абулхайр танҳо бақоест аз он замини замоне шодоб ва пур аз зиндагӣ, ки сукуташ аз ҳикмати «чашми гирдгардон» ҳикоятҳо дорад…

Аз тарафе, ҷавҳари зотии Абӯсаиди Абулхайр буд, ки ӯро то мартабае расонд, ки расонд ва аз тарафе низ муҳит ва фазое маърифатзо дар парвариши ҷисму руҳи вай муассир омад. Падараш Бобу Булхайр машғул ба атторӣ (доруфурӯшӣ) ва шефтаи суҳбатҳои дарвешону аниси самои суфиён буд. Нақл аст, ки шабе ба даъвати дарвешон озими хонақоҳ шуд, ки дар маҷлиси самоъ ҳузур ёбад, ҳамсараш аз ӯ хост Абӯсаиди хурдсолро низ бо худ бибарад, то «назари бузургон бар вай уфтад».

---

[1] Ҳамон ҷо.

[2] Абӯруҳ Лутфуллоҳ ибни Абӯсаъд. Ҳолот ва суханони Абӯсаиди Абулхайр. *Муқаддима, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.* – Теҳрон: 1384 ҳ.ш., с. 30.

Падар писарро бо худ бурд, «чун ба самоъ машғул шуданд, қаввол ин байт бигуфт:

***Ин ишқ, бале, атои дарвешон аст,***
***Худ куштанашон вилояти эшон аст.***
***Динору дирам на рутбати мардон аст,***
***Ҷон карда фидо кори ҷавонмардон аст.***

Чун қаввол ин байт бигуфт, дарвешонро ҳолате падид омад ва он шаб то рӯз бар ин байт ракс мекарданд ва дар он ҳолат буданд ва аз бисёре, ки қаввол ин байт бигуфт, шайх *(Абӯсаиди Абулхайр – Л. Ҳ.)* ёд гирифт. Чун ба хона бозомаданд, шайх падарро гуфт, ки «ин байт, ки қаввол мегуфт ва дарвешонро аз он вақт хуш гашта буд, чӣ маънӣ дорад?» Падар гуфт: «Хомӯш! Ки ту маънии он дарнаёбӣ ва надонӣ, туро боз-он чӣ кор?!» Баъд аз он, чун шайхро ҳолат бад-он дараҷа расид ва падари шайхи мо – Бобу Булхайр ба раҳмати Худой расида буд, шайх дар миёни сухан ин байт бисёр гуфтӣ ва гуфтӣ: «Бобу Булхайр имрӯз мебояд, то боз-ӯ бигӯям, ки ту худ намедонистаӣ, ки чӣ мешунудаӣ он вақт»[1]. Аз дигар ҳикоёте, ки далел бар равобити маънавии шуниданӣ ва омӯхтанӣ миёни ин падару писар аст, ҳамин бас, ки «гуфтаанд, ки падари шайхи мо – Бобу Булхайр султон Маҳмудро азим дӯст доштӣ ва ӯ дар Меҳана сарое бикард ва акнун маъруф аст ба «сарои Шайх» ва бар девору сақфҳои он бино номи султон Маҳмуд ва зикри ҳашаму хидам ва пилону марокиби ӯ нақш фармуд. Ва шайх кӯдак буд. Падарро гуфт: «Маро дар ин саро як хона бино кун, чунон-к он хона хосаи ман бошад ва ҳеч касро дар он ҳеч тасарруф набошад». Падар ӯро хонае бино кард дар болои сарой,

[1] Муҳаммад ибни Мунаввари Майҳанӣ. Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомотушшайх Абӯсаид. *Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.* Бахши аввал. – Теҳрон: 1366 ҳ.ш., с. 16.

ки савмааи шайх дар он аст. Чун хона тамом шуд, шайх бифармуд, то бар дару девору сақфи он бинваштанд, ки «Аллоҳ-Аллоҳ-Аллоҳ». Падараш гуфт: «Ё писар! Ин чист?» Шайх гуфт: «Ҳар касе бар девори хонаи хеш номи амири хеш нависад». Падарашро вақт хуш гашт ва аз он-ч карда буд, пушаймон шуду бифармуд, ки то он ҳама, ки набишта буданд, аз саройи ӯ дур карданд…»[1].

Абӯсаиди Абулхайр таҳсилоти муқаддамотиро дар улуми қироати Қуръон ва адабиёти араб дар зодгоҳаш касб намуда ва аз он пас дар Марву Сарахс ва Нишопур улуми фиқҳ, ҳадис ва тафсири Қуръонро назди устодони шинохтаи он замон дар он макон омӯхт. Аз ҳофизае қавӣ бархурдор буд ва ба навиштаи муаллифони ҳар ду зиндагиномааш, дар синни дувоздаҳсолагӣ ҳудуди 30 ҳазор байти ҷоҳилӣ* ҳифз кардааст. Ҳикоёте аз «Ҳолот ва суханони Абӯсаиди Абулхайр» ва «Асрор-ут-тавҳид» гувоҳ бар онанд, ки аз овони хурдсолӣ нахустин ишораҳои пирону устодони ирфон бар зеҳну замири вай дар пирояи манзум нишаста ва бар унси ӯ бо шеър афзудаанд. Метавон гуфт, машраби шайх Абӯсаиди Абулхайр аз ҳамин зарфияти камназираш дар ҳазми ҳарду буъди шеър шеър, яъне ҳам бори маънӣ ва ҳам ҳаҷму сурати он ғизо андӯхтааст.

Ба тасреҳи Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ – муҳаққиқ ва шоири соҳибзавқи муосири Эрон, ки дар таҳқиқ ва нашри аҳволи Абӯсаиди Абулхайр хидмате шоиста анҷом додааст, «бо ин ки вай дар хонадоне мутамоил ба тасаввуф ва хонақоҳ мутаваллид шуда буд ва падараш худ аз асҳоби суффа буд ва дар кӯдакӣ Абӯсаидро бо хеш дар маҷолиси самои онон мебурд ва бо ин ки Бӯсаид дар айёме, ки ба мактаб мерафт, дар

---

[1] Ҳамон манбаъ, с.16-17.

* Манзур аз «байти ҷоҳилӣ» ашъори тоисломии араб аст.

хидмати пир Абулқосими Бишри Ёсин осоре аз тарбияти ирфониро дида буд, аммо пайвастани ӯ ба ин маънӣ ва даст шустани ӯ аз улуми зоҳир дар охирин солҳои умри Зоҳир ибни Аҳмади Фақеҳ (мутаваффои 389 ҳ.) ва эҳтимолан, пас аз 380 ҳ. *(ки соли вафоти Абулқосими Бишри Ёсин аст)* рӯй дод ва ӯ бо пайвастан ба хонақоҳи Абулфазли Ҳасани Сарахсӣ дар Сарахс … расман улуми расмиро ба як сӯй ниҳод»[1]. Дар робита бо руҷуи Абӯсаиди Абулхайр ба сулуки ирфонӣ, ривоёти афсонагуна дар бораи рӯй бартофтани ӯ аз улуми расмӣ ва бар ин мабно, шустани китобҳои улум ва ё зери хок кардани онҳо ва дарахт киштани вай бар рӯйи онҳо маъруф аст.

Аз ҷумлаи риёзатҳои Абӯсаиди Абулхайр, ки пайваста дар нимаи аввали умраш дошта, 7 соли дурӣ аз халқ аст, ки дар саҳрои атрофи Меҳана гузаронидааст. Силсилае аз рубоиёти Абӯсаиди Абулхайрро, ки дар онҳо ёд аз дашт ё замини Ховарон аст, метавон бозтобе аз ҳоли вай дар он вақт донист. Маъруфтарини онҳо, ки мусалламан, сурудаи худи шайх Абӯсаид аст, рубоии зайл мебошад:

***Ҷоно, ба замини Ховарон хоре нест,***
***К-аш бо ману рӯзгори ман коре нест.***
***Бо лутфу навозиши ҷамоли ту маро***
***Дар додани сад ҳазор ҷон оре нест!***

Пас аз баргаштан ба халқ, марҳалаи хирқа пӯшидани вай ва иршоди соликони тариқат оғоз ёфтааст. Шоёни таваҷҷуҳ аст, ки хонаводаи Абӯсаиди Абулхайр комилан аз фазои машраби ӯ бархурдор ва баҳравар будаанд; яке аз ду ҳамсари вай низ аҳли

---

[1] Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Муқаддимаи мусаҳҳеҳ. *Р.к.: кит.* Муҳаммад ибни Мунаввари Майҳанӣ. Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомот-уш-шайх Абӯсаид. *Бахши аввал.* – Теҳрон: 1366 ҳ.ш., с. сиву ду.

тариқат буд ва занонро хирқа мепӯшонд ва нахустин фарзандаш Абӯтоҳир аз муридони шайх ва пас аз вафоти падар ҷонишини вай гардидааст.

Дар тариқати тасаввуф Абӯсаиди Абулхайр пайрави Боязиди Бастомист ва ба Мансури Ҳаллоҷ эҳтироме вижа дорад. Маърифати Абӯсаид намунаи боризе аз ирфони Хуросон аст, ки дар буъди умеди инсон хушбинонатарини завқҳост:

***Боз о, боз о, ҳар он чи ҳастӣ, боз о,***
***Гар кофару габру бутпарастӣ, боз о,***
***Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,***
***Сад бор агар тавба шикастӣ, боз о.***

ва дар шинохти ҷамол ва дар пайи он, ҷалоли мутлақ – бинотарин ва озодатарини дидгоҳҳо, ки ба абзори сухани бадеъ парда аз розҳои нуҳуфта ва маҳрамонаи хилқат бармедорад:

***Гуфтам, ки «Кироӣ ту бад-ин зебоӣ?»***
***Гуфто: «Худро, ки ман худам яктое.***
***Ҳам ишқаму ҳам ошиқу ҳам маъшуқам,***
***Ҳам ойинаи ҷамолу ҳам биноӣ».***

Абӯсаиди Абулхайр зимни сафарҳое, ки дигарон ба Меҳана доштаанд ва ё худи вай ба нуқтаҳое аз Хуросон анҷом додааст, дидору мулоқот ва суҳбатҳои зиёд бо аҳли улум ва тариқу эътиқодоти гуногун – аз улуми зоҳир то улуми ботин, аз даҳрӣ то суфӣ, аз габру масеҳиву яҳуд то мусалмон доштааст. Меҳварҳои шинохти ҳақиқат, озодагии дидгоҳи орифона ва завқи ошиқонаи ӯ ангезаи аслӣ барои тундравиҳои мухолифонаш ва низ барои эҳтиромест, ки, иродатмандонаш ба вай қойил буданд, ба ҳадде, ки агар гурӯҳи аввал ӯро муттаҳам ба куфру зандақа менамуд, гурӯҳи сонӣ вайро ҷуз дар мартабаи «султони тариқат» намедид. Аз ҷумлаи мухолифони сарсахти

Абӯсаиди Абулхайр дар тариқат яке Абулқосими Қушайрӣ ва дигаре Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ будаанд. Абулқосими Қушайрӣ, ки низ зодаву парвардаи Меҳана ва аз машоҳири тасаввуфи он рӯзгор ва соҳиби чандин рисола дар тасаввуф будааст, саранҷом, пас аз солҳо мухолифат варзидан бо шайх Абӯсаиди Абулхайр, ба эҳтирому иззати мақоми ӯ эътироф намудааст. Бино ба нақли Муҳаммад ибни Мунаввар, зимни сафаре аз сафарҳои шайх Абӯсаид ба Нишопур, имом Қушайрӣ муддати як сол ӯро надид ва мункири ӯ буд. «Рӯзе бар зуфони устод имом *(Абулқосими Қушайрӣ – Л.Ҳ.)* бирафт, ки «Беш аз он нест, ки Бӯсаид Ҳакро субҳонаҳу ва таоло, дӯст медорад ва Ҳақ субҳонаҳу ва таоло моро дӯст медорад. Фарқ чандин аст, ки дар ин роҳ мо пилеем ва Бӯсаид – пашшае». Ин хабар ба шайхи мо оварданд, шайх он касро гуфт: «Бирав, ба наздики устод шав ва бигӯ, ки он пашша ҳам туӣ, мо ҳеч чиз нестем». Он дарвеш биёмаду он сухан бо устод имом бигуфт. Устод имом аз он соат боз бо худ қавл кард, ки низ ба бади шайх сухан нагӯяд ва нагуфт, то он гаҳ, ки ба маҷлиси шайх омад ва он доварӣ бо мувофиқату улфат бадал гашт»[1], ба ҳадде, ки вақте имом Абулқосими Қушайрӣ хабари вафоти шайх Абӯсаиди Абулхайр шунид, гуфт: «Рафт касе, ки аз ҳеч кас халаф[2] набуд ва ҳеч кас аз ӯ халаф нест»[3].

Дар баробар, шахсиятҳое назири Абулҳасани Харақонӣ ва Абӯалӣ ибни Сино аз вусъати назар, покизагии пиндору кирдор ва парҳези Абӯсаиди Абулхайр аз ҳар навъи таассуб шинохти сазовор ва ба ҳамин далел, эҳтироме хос ба шахс ва ҷойгоҳи ӯ доштаанд. Зимнан, аз дидори шайхурраис Абӯалӣ Сино бо шайх Абӯсаиди Абулхайр ривояти зебое машҳур аст,

---

[1] Ҳамон манбаъ, с. 236.
[2] Ҷонишин; он ки пас аз дигаре ба дунё меояд.
[3] Ҳамон манбаъ, с. 361.

ки ин ду шахсият, ки ҳар кадом дар тариқи худ қутбе буданд, се шабонарӯз паси дарҳои баста бо ҳам суҳбат доштаанд. Вақте берун омаданд, шогирдони шайхурраис аз ӯ пурсиданд, ки «шайхро чи гуна ёфтӣ?» Гуфт: «ҳар чӣ ман медонам, ӯ мебинад». Муридони шайх аз вай суол карданд: «шайхурраисро чӣ гуна ёфтӣ?» Гуфт: «ҳар чӣ ман мебинам, ӯ медонад». Мукотиботе низ миёни Абӯалӣ Сино ва Абӯсаиди Абулхайр сурат доштааст.

Аз ҷумлаи пайравону шефтагони тариқати Абӯсаид шайх Фаридуддин Аттори Нишопурист, ки пас аз як қарн аз даргузашти шайх Абӯсаиди Абулхайр зиста ва худро муриди маънавии вай дониставу аз андӯхтаҳои ишроқии ӯ баҳраҳо доштааст. Абёти зайл аз ӯст:

***То гули дил зи Ховарон бишкуфт,***
***Ҳама дил бӯстон ҳамеёбам.***
***Турфа хоре, ки ишқ худ гули ӯст,***
***Дар раҳи Ховарон ҳамеёбам.***
***Аз дами Бӯсаид медонам***
***Давлате, к-ин замон ҳамеёбам.***
***Аз мададҳои ӯ ба ҳар нафасе***
***Давлате ногаҳон ҳамеёбам.***
***Дили худро зи нури синаи ӯ***
***Ганҷи ин хокдон ҳамеёбам[1].***

Ва низ:

***Сухан бишнав зи султони тариқат,***
***Сипаҳсолори дин, шоҳи ҳақиқат.***
***Ба ҳар ҷузве ҳазорон кулл, алалҳақ,***
***Ба кулл маҳбуби Ҳақ, маъшуқи мутлақ.***
***Шигарфе, к-офтоби ин вилоят***
***Дар ӯ метобад аз бурҷи ҳидоят.***
***Сулаймони сухан дар «Мантиқ-ут-тайр»,***

---

[1] Аттор, Фаридуддин. Девон. – Теҳрон: 1386 ҳ.ш., с. 107.

***Ки ин кас Бӯсаид аст ибн Абулхайр.***
***Чунин гуфт ӯ, ки дар ҳар кору ҳар ҳол***
***Нишони пай ҳамеҷустам ба сӣ сол,***
***Чу дидам он-ч ҷустам, гум шудам ман,***
***Ҳаме чун қатра дар қулзум шудам ман[1].***

Ба тадқиқи Бадеуззамони Фурӯзонфар, «…рӯйиҳамрафта Аттор дар «Мусибатнома» нӯҳ ҳикоят ва дар «Илоҳинома» панҷ ҳикоят ва дар «Мантиқ-ут-тайр» се ҳикоят ва дар «Асрорнома» як ҳикоят аз Абӯсаид ба назм оварда ва дар тамоми маворид ниҳояти таъзимро маръӣ доштааст»[2].

Зимнан, аз вижагиҳои тариқати Абӯсаиди Абулхайр яке корбурди самоъ буд, ки омиле муҳим барои ривоҷи шеъру мусиқӣ дар муҳити хонақоҳ гардида ва дигар – кароматӣ зоҳир, ки мункирони таҷоруби руҳониро дар таҷдиди назар вомедоштааст.

Абӯсаиди Абулхайр дар 84-умин соли умр, дар шаби чаҳоруми моҳи шаъбони соли 440 ҳ.қ. аз дунё рафтааст. Шеър, ки дар ин ҳазор моҳ[3] ҳамвора ҳамроҳу қарини вай будааст, ба васияти худи шайх, то дами манзили ниҳоӣ ҳампои ӯ рафтааст: «Аз шайхи мо суол карданд, ки «эй шайх, дар пеши ҷанозаи Шумо кадом оят хонанд аз Қуръон?» Шайхи мо гуфт: «он коре бузург бошад, дар пеши ҷанозаи мо ин байт бояд хонд:

***Хубтар андар ҷаҳон аз ин чӣ бувад кор?***
***Дӯст бари дӯст рафту ёр – бари ёр.***
***Он ҳама андӯҳ буду ин ҳама – шодӣ,***

---

[1] Шайх Фаридуддин Аттори Нишобурӣ. «Илоҳинома», «Пандномa» ва «Асрорнома». *Муқаддимаи Фаршеди Иқбол.* – Теҳрон: 1384 ҳ.ш., с. 451.
[2] Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Шарҳи аҳволи Аттор. *Р.к.: кит.* Девони Аттор. – Теҳрон: 1386 ҳ.ш., с. 19.
[3] 84 соли умри шайх Абӯсаиди Абулхайрро 1 000 моҳ шумурдаанд.

***Он ҳама гуфтор буду ин ҳама – кирдор».***

Пас аз он рӯз, ки ҷанозаи шайх аз сарой берун оварданд, муқриён ба ҳукми ишорати шайх, дар пеши ҷанозаи шайх ин байт[ҳо] мехонданд»[1]. Ҳаққо, ки султони тариқат бо рафтани хеш ҳам ба асл ва ҳам ба маҷоз ошиқони Маъшуқро роҳи васл бинмуд: *хоки Ӯро хок гашту пок гашт…*

* * *

Мурод аз ин сайри мухтасар дар зиндагии Абӯсаиди Абулхайр – қутби ирфони Хуросонзамин, таъкид бар хидмат ва мартабати вай дар шеъру адабиёт аст.

Аз нуктаҳои муҳиме, ки ирфони Абӯсаиди Абулхайрро бо шеъри форсии тоҷикӣ, ба вижа, бо рубоӣ ба гунае бесобиқа пайванд додааст, ба бардошти ин ҷониб, ду буъди зайл аст:

- *аз тарафе,* бар ҳасби унси Абӯсаид бо шеър ва завқи зебоиписандаш буд, ки ҳар андешае аз ниҳоди ӯ бо мусиқии шеър метаровид ва ҳар далелу шоҳиди маъниро аз водии каломи мухайял ва мавзун ҷӯё мешуд. Ҳамин асл мӯҷиб гардид бо ин ки ҳеч гоҳ иддаои шоирӣ муроди вай набуда, номаш дар зумраи шоирон дарояд[2] ва фузун бар он – бо ин ки парвои сабту забти ҳеч қавлеву суханеву байте надошт ва андарзаш ба шогирдон буд, ки «ҳикоятнавис мабош, тавре бизӣ, то аз ту ҳикоятҳо бинависанд», ба номи ӯ девони ашъор

---

[1] Муҳаммад ибни Мунаввари Майҳанӣ. Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомотушшайх Абӯсаид. *Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.* Бахши аввал. – Теҳрон: 1366 ҳ.ш., с. 346.

[2] *Р.к.:* Мудаббирӣ, Маҳмуд. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон *(дар қарнҳои III-V ҳиҷрӣ)*. – Теҳрон: 1370 ҳ.ш.

фароҳам намудаанд[1]. Зимнан, бахше аз ашъори мазбур, ба вижа, рубоӣ, сарфи назар аз ихтилофи назари мавҷуд, минҷумла, тасреҳи зиндагиноманависонаш, ки ҳарду аз аберагонаш будаанд, мусалламан, сурудаи худи ӯст ва бахше, низ ба таъйиди Абуруҳ Лутфуллоҳ ва Муҳаммад ибни Мунаввар, гуфтаҳои пирону устодони вай дар тариқат ва шоирони гузаштаву муосири Абӯсаид будааст. Миқдоре рубоӣ ба номи вай миёни мардум – аз Хуросон то Фарорӯдон ба гунаи шигарфе машҳур аст, ба ҳадде, ки дар тӯли қарнҳо дар мавридҳои мухталиф аз онҳо ба унвони дуо ва таъвиз низ баҳра мебурдаанд;

- *аз тарафе дигар,* наҳваи истеъмоли байтҳое аз гузаштагон ва пирону устодони шайх Абӯсаиди Абулхайр дар суханони ӯ аст, ки дар воқеъ, сафҳае вижа аз таърихи шеърро дар зеҳнҳо ҷилва медиҳад. Ин наҳварo боясти *таъвили ирфонии суханони ғайриирфонӣ* унвон намуд, зеро шоирони ориф ё орифони шоир дар марҳалаи оғозини вуруди мазмунҳои тасаввуфӣ ба шеър, бар ҳасби завқи озодагаро, ки дар ҳар заррае аз мавҷудот ҷилвае аз сифоти куллро мешинохтанд, аз таъвили орифонаи ашъори ғайритасаввуфӣ вом гирифтаанд, то баъдан бар рӯи ин нақдина, равишҳо, рамзҳо ва истилоҳоти хоси ирфониро шакл дода ва суфтаанд. Ба иборате дигар, наҳваи мазкур барои баёну тақвияти матлабе ба кор мерафтааст, ки гоҳе дар зоҳири маънӣ бо ҳадафи гӯяндагони он ашъор фосилаҳо дошта ва дар навъи худ ва замони худ падидае шигарф будааст. Ба ҳамин мӯҷиб буд, ки гӯши зеҳнҳо ҳанӯз бо ин равиш хӯ нагирифта буд ва иддаеро бар он водошт, ки аз шайх Абӯсаиди Абулхайр то ба дарбори Ғазнин шиква бурданд, ки «…марде омада аз

---

[1] *Р.к.:* Девони Абӯсаиди Абулхайр. *Ба кӯшиши Муҳаммад Оламгири Теҳронӣ ва пешгуфтори Раҳим Човаши Акбарӣ.* – Теҳрон: 1369 ҳ.ш.

Меҳана ва даъвии суфӣ мекунад ва маҷлис мегӯяду бар сари минбар байт мегӯяд ва тафсиру ахбор намегӯяд...»[1].

Дар таҳқиқи рӯзгор ва осори Абӯсаиди Абулхайр, ки дар гузаштаву ҳол пажӯҳишгарони шарқӣ ва мусташриқони ғарбӣ анҷом додаанд, умдатан ба тариқати ӯ ва ашъоре таваҷҷуҳ шудааст, ки ба номи вай омада ва вуруди ишораҳои рамзгунаи суфиёни Хуросонро ба шеъри ошиқона оғоз ниҳодаанд[2]. Намунаҳои манзум, ки ғолиби онҳо дар қолаби рубоист, аз «аҷзои шарҳи ирфони Абӯсаиди Абулхайр»[3] шинохта шудааст. Бар ҳамин мабно аст, ки гузашта аз ҳамоно матраҳ ва боқӣ будани баҳси гарми *рубоиёти саргардон* дар адабиёти форсии тоҷикӣ, маҷмуаҳои фаровоне аз рубоиёти мазбур гоҳе дар ҳадди мумкин олимона ва гоҳе низ сирфан ошиқона ба Абӯсаиди Абулхайр нисбат ёфтаанд. Дар ҳоле, ки бархе аз он рубоиҳо айнан ва ё бо андаке тафовут ба рубоисароёни дигари порсигӯй низ интисоб доранд, ки Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Умари Хайём, Бобо Афзали Кошонӣ, Сайфиддини Бохарзӣ, Наҷмиддини Кубро ва дигарон аз он ҷумлаанд. Зимнан, ҳадафи аслии маҷмуаҳое, ки таҳиягари муҳтарами китоби ҳозир аз онҳо ба унвони манобеъ истифода намудаанд, куллан дар дастрас ва ихтиёри хонанда гузоштани ин рубоиёт будааст ва ба ҳамин мӯҷиб, дар онҳо аз интихоби илмии мӯшикофона

---

[1] Муҳаммад ибни Мунаввари Майҳанӣ. Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомотушшайх Абӯсаид. *Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Бахши аввал.*-Теҳрон: 1366 ҳ.ш., с. 68-69.

[2] Бертельс, Е.Э. Суфизм и суфийская литература.-Москва: 1965, с. 292.

[3] Мейер, Фритс. Абӯсаиди Абулхайр: ҳақиқат ва афсона (Meier, Fritz. Abu Sa’id-i Abul-Hayr: Wirklichkeit und Legende). *Тарҷ. Меҳрофоқи Бойбурдӣ.*-Теҳрон: 1378 ҳ.ш., с. 110.

ва сабкшиносонаи рубоиҳое, ки сурудаи Абӯсаиди Абулхайр бошанд, сарфи назар гардидааст. Шоёни зикр аст, баҳси мазбур хориҷ аз ин навиштори мухтасар ва мавзуи тааммуле ҷудогона мебошад.

Ба ҷуз он чи дар оғози ин пешгуфтор ва зимни мурурe дар зиндагии Абӯсаиди Абулхайр ва ҷойгоҳи ирфониву адабии ӯ ишора гардид, метавон бо баҳра аз натиҷагирии жарфбинона ва сареҳи доктор Шафеии Кадканӣ нуқта бар ин мухтасар гузошт, ки нигоштааст: «Абӯсаид дар тасаввуф ва ирфони эронӣ ҳамон мақомро дорад, ки Ҳофиз дар қаламрави шеъри форсӣ; ҳар ду тан ду нуқтаи камол ва гулчинкунандаи маҷмуаи зебоиҳо ва арзишҳои қабл аз хешанд» [1].

Китобе, ки дар дасти хонандаи гиромист, маҷмуаи рубоиётест, ки ба номи Абӯсаиди Абулхайр машҳур аст ва ба кӯшиши фаровон ва ҳиммати баланди Иброҳими Наққош ба хатти кириллии тоҷикӣ фароҳам омадааст. Тавфиқ пайваста ёрашон бод. Умед аст шефтагони шеъри ноби порсии тоҷикиро аз ин китоб баҳрае шоиста бошад.

* * *

***Лола Ҳоҷибоева***

***Душанбе, 2012***

---

[1] Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Муқаддимаи мусаҳҳеҳ. *Р.к.: кит.* Муҳаммад ибни Мунаввари Майҳанӣ. Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомотуш-шайх Абӯсаид. Бахши аввал. – Теҳрон: 1366 ҳ.ш., с. *бисту се.*

# РУБОИЁТ

## *Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим*

То дард расид чашми хунхори туро,
Хоҳам, ки кашад ҷони ман озори туро.
Ё Раб, ки зи чашмзахми даврон ҳаргиз
Дарде нарасад наргиси бемори туро.

* * *

Ё Раб, зи карам даре ба рӯям бигушо,
Роҳе, ки дар ӯ наҷот бошад, бинамо.
Мустағниям[1] аз ҳар ду ҷаҳон кун ба карам,
Ҷуз ёди Ту ҳар чӣ ҳаст, бар аз дили мо.

* * *

Ё Раб, макун аз лутф парешон моро,
Ҳарчанд ки ҳаст ҷурму[2] исён[3] моро.
Зоти Ту ғанӣ[4] будаву мо муҳтоҷем,
Муҳтоҷ ба ғайри Худ магардон моро.

* * *

Гар бар дари дайр[5] менишонӣ моро,
Гар дар раҳи Каъба медавонӣ моро.
Инҳо ҳамагӣ лозимаи ҳастии мост,
Хуш он, ки зи хеш вораҳонӣ моро.

* * *

То чанд кашам ғуссаи ҳар нокасро,
В-аз хиссати[6] худ хок шавам ҳар касро.

---

[1] **Мустағнӣ – ғайримуҳтоҷ, бениёз; сарватманд, давлатманд, тавонгар, доро.**
[2] **Ҷурм – гуноҳ, айб.**
[3] **Исён – нофармонӣ, саркашӣ, сарпечӣ, шӯриш, балво.**
[4] **Ғанӣ – сарватманд, давлатманд, тавонгар, бениёз.**
[5] **Дайр – ибодатгоҳ ва савмаа, ҷое, ки роҳибони масеҳӣ ё зардуштӣ дар он иқомат кунанд ва ба узлату ибодат бипардозанд.**
[6] **Хиссат – хасисӣ, бахилӣ; фурӯмоягӣ, пастӣ.**

Корам ба дуо чу барнамеояд рост,
Додам се талоқ ин фалаки атласро[1].

* * *

Эй шери сарафрози забардасти Худо,
Эй тири шиҳоби соқиби[2] шасти Худо.
Озодам кун зи дасти ин бедастон,
Дасти ману домани ту, эй дасти Худо.

* * *

Ё Раб, ба Муҳаммаду Аливу Заҳро,
Ё Раб, ба Ҳусайну Ҳасану Оли Або[3].
К-аз лутф барор ҳоҷатам дар ду саро,
Бе миннати халқ, ё Алийюлаъло.

* * *

Дар дида ба ҷойи хоб об аст маро,
Зеро ки ба диданат шитоб аст маро.
Гӯянд: «Бихоб, то ба хобаш бинӣ»,
Эй бехабарон, чӣ ҷойи хоб аст маро?

* * *

Он ришта, ки қуввати равон аст маро,
Оромиши ҷони нотавон аст маро.
Бар лаб чу кашӣ, ҷон кашадам аз пайи он,
Пайванд чу бо риштаи ҷон аст маро.

* * *

Пурсидам аз ӯ воситаи ҳиҷронро[4],
Гуфто: «Сабабе ҳаст, бигӯям онро.
Ман чашми туам, агар набинӣ, чӣ аҷаб,

---

[1] **Фалаки атлас – фалаки тосеъ, яъне табақаи нӯҳуми осмон, ки баландтарин табақаи фалакҳо буда, *фалакулафлок* низ номида мешавад.**

[2] **Шиҳоби соқиб – ситораи тобон, ситораи дурахшон.**

[3] **Оли Або – лақаби панҷ тан аст: расули акрам Муҳаммад (с), домоди ӯ Алӣ, духтараш Фотима ва неберахояш Ҳасану Ҳусайн.**

[4] **Ҳиҷрон – дурӣ аз ёрону дӯстон ва хешон, махсусан аз маъшуқ; ҷудоӣ, фироқ.**

Ман ҷони туам, касе набинад ҷонро».

* * *

Эй дӯст, даво фирист беморонро,
Рӯзӣ деҳ ҷин(н)у[1] инсу[2] ҳам ёронро.
Мо ташналабони водии ҳирмонем[3],
Бар кишти умеди мо бидеҳ боронро.

* * *

Тасбеҳ малакрову[4] сафо Ризвонро[5],
Дӯзах бадро, биҳишт мар неконро.
Дебо[6] Ҷамрову[7] Қайсару[8] Хоқонро[9],
Ҷонон морову ҷони мо ҷононро.

* * *

Дӣ[10] шона зад он моҳ хами гесӯро,
Бар чеҳра[11] ниҳод зулфи анбарбӯро.
Пӯшид бад-он ҳила рухи некуро,
То ҳар кӣ на маҳрам, нашиносад ӯро.

* * *

Боз о, боз о, ҳар он чӣ ҳастӣ, боз о,
Гар кофиру габру бутпарастӣ, боз о.
Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,
Сад бор агар тавба шикастӣ, боз о.[1]

---

[1] **Ҷин(н) – ҷин; парӣ.**
[2] **Инс – одамон, мардум, навъи башар.**
[3] **Ҳирмон – маҳрумӣ, бенасибӣ, бебаҳрагӣ, ноумедӣ.**
[4] **Малак – фаришта.**
[5] **Ризвон – хушнудӣ, хурсандӣ, ризомандӣ; биҳишт.**
[6] **Дебо – матоест аз абрешим.**
[7] **Ҷам – мухаффафи *Ҷамшед* – подшоҳи бузург дар асотири Эрону Ҳинди бостон.**
[8] **Қайсар – подшоҳи Рум; лақаби подшоҳони Рум ва Юнон дар замони пешин.**
[9] **Хоқон – подшоҳи бузург; хони хонон, шоҳаншоҳ; лақаби подшоҳони турк ва муғул.**
[10] **Дӣ – рӯзи гузашта, дирӯз, дина.**
[11] **Чеҳра – рӯй, талъат; симо, сурат.**

* * *

Эй дил, бари мо мабош бе дилбари мо,
Як дилбари мо беҳ, ки дусад дил бари мо.
На дил бари мо, на дилбар андар бари мо,
Ё дил бари мо фирист, ё дилбари мо.

* * *

Эй карда ғамат ғорати ҳуши дили мо,
Дарди ту шуда хонафурӯши дили мо.
Рамзе, ки муқаддасон аз ӯ маҳруманд,
Ишқи ту мар ӯ гуфт ба гӯши дили мо.

* * *

Мустағриқи[2] нили[3] маъсият[4] ҷомаи мо,
Маҷмӯаи феъли зишт ҳангомаи мо.
Гӯянд, ки рӯзи ҳашр[5] шаб менашавад,
Он ҷо накушоянд, магар номаи мо.

* * *

Меҳмони ту хоҳам омадан, ҷононо,
Мутворику[6] зи ҳосидон пинҳоно.
Холӣ кун ин хона, паси меҳмон о,
Бо мо касро ба хона-дар маншоно.

* * *

Ман дӯш дуо кардаму бод омино,
То беҳ шавад он ду чашми бодомино.
Аз дидаи бадхоҳ туро чашм расид,
Дар дидаи бадхоҳи ту бодо мино[1]!

---

[1] **Ин рубоиро ба Бобо Афзали Кошонӣ низ мансуб медонанд.**
[2] **Мустағриқ *(ар.)* – ғарқшуда, фурӯрафта.**
[3] **Нил – исми хос, номи дарозтарин рӯди ҷаҳон аст, дар ин ҷо ба маънои рӯди гуноҳу маъсият омадааст.**
[4] **Маъсият *(ар.)* – рафтор ва ҳаракат бар хилофи амру наҳйи дину шариат, кори номашруъ; гуноҳ, ҷурм.**
[5] **Ҳашр *(ар.)* – 1. гирд овардани мардум; 2. барангехтан; 3.растахез, қиёмат.**
[6] **Мутворик *(ар.)* – пинҳон.**

* * *

Во фарёдо зи ишқ, во фарёдо,
Корам ба яке турфа нигор уфтодо.
Гар доди мани шикаста додо, додо
В-арна ману ишқ, ҳар чӣ бодо, бодо!

* * *

Гуфтам: «Санамо, лоларухо, дилдоро,
Дар хоб намой чеҳра боре моро».
Гуфто, ки: «Равӣ ба хоб бе мо в-он гаҳ
Хоҳӣ, ки дигар ба хоб бинӣ моро?!»

* * *

Дар Каъба агар дил сӯйи ғайр аст туро,
Тоат ҳама фисқу Каъба дайр аст туро.
В-ар дил ба Худову сокини майкадаӣ,
Май нӯш, ки оқибат ба хайр аст туро.

* * *

Васли ту кучову мани маҳҷур кучо?
Дурдона кучо, ҳавсалаи мӯр кучо?
Ҳарчанд зи сӯхтан надорам боке,
Парвона кучову оташи Тур кучо?

* * *

Гуфтӣ, ки: «Манам моҳи Нишопурсаро»,
Эй моҳи Нишопур, Нишопур туро.
Они ту турову они мо низ туро,
Бо мо бинагӯӣ, ки хусумат зи чиро.

* * *

Аз зуҳд агар мадад диҳӣ имонро,
Муртоз[2] кунӣ ба тарки дунё ҷонро.
Тарки дунё, на зуҳди дунё, зеро-к
Наздики хирад зуҳд нахонанд онро.

---

[1] **Мино – обгина, шиша.**
[2] **Муртоз – риёзаткаш.**

* * *

Он ишқ, ки ҳаст ҷузви лоянфаки[1] мо,
Ҳошо, ки шавад ба ақли мо мудраки[2] мо.
Хуш он ки зи нури ӯ диҳад нури яқин,
Моро бираҳонад зи зиломи[3] шаки мо.

* * *

Мансури Ҳаллоҷ – он наҳанги дарё,
К-аз пунбаи тан донаи ҷон кард ҷудо.
Рӯзе, ки «ан-ал-Ҳақ» ба забон меовард,
Мансур куҷо буд?! Худо буд, Худо!

* * *

Ҳар гоҳ, ки бинӣ ду-се саргардонро,
Айби раҳи мардон натавон кард онро.
Тақлиди ду-се муқаллиди бемаънӣ
Бадном кунад раҳи ҷавонмардонро.

* * *

Бартофт инон[4] сабурӣ[5] аз ҷони хароб,
Шуд ҳамчу рикоб ҳалқа чашм аз табу тоб.
Дигар чу инон напечам аз ҳукми ту сар,
Гар давлати побӯси ту ёбам чу рикоб.

* * *

Гаҳ мегардам ба оташи ҳаҷр[6] кабоб,
Гаҳ саргардони баҳри ғам ҳамчу ҳубоб.
Алқисса, чу хору хас дар ин баҳри хароб
Гаҳ бар сари оташам, гаҳе бар сари об.

* * *

Корам ҳама нолаву хурӯш аст имшаб,

---

[1] **Лоянфак – ҷудоношуданӣ, ҷудоинопазир.**
[2] **Мудрак – он чӣ ба василаи ҳавоси ботинӣ идрок ва дарёфт шавад.**
[3] **Зилом – торикӣ, зулмати шаб.**
[4] **Инон – лаҷом, ҷилав, афсор.**
[5] **Сабурӣ – сабру тоқат, шикебоӣ дар муқобили сахтиҳо.**
[6] **Ҳаҷр – ҷудоӣ, фироқ, ҳиҷрон.**

Не сабр падид асту на ҳуш аст имшаб.
Дӯшам хуш буд соате, пиндорӣ,
Каффораи[1] хушдилии дӯш аст имшаб.

* * *

Эй зоту сифоти Ту мубарро[2] зи уюб[3],
Як ном зи асмои[4] Ту алломи ғуюб[5].
Раҳм ор, ки умру тоқатам рафт ба бод,
На Нуҳ бувад ном маро, на Айюб.

* * *

Эй ойинаи ҳусни ту дар сурати зеб,
Гирдоби ҳазор киштии сабру шикеб.
Ҳар ойинае, ки ғайри ҳусни ту бувад,
Хонад хирадаш сароби саҳрои фиреб.

* * *

Дар дафъи ҳуҷуб[6] кӯш, на дар ҷамъи кутуб[7],
К-аз ҷамъи кутуб намешавад рафъ ҳуҷуб.
Дар таййи кутуб бувад куҷо нашъаи хуб,
Тай кун ҳамарову гӯ «илаллоҳи атуб».

* * *

То зулфи ту шоҳ гашту рухсори ту тахт,
Афканд дилам баробари тахти ту рахт.
Рӯзе бинӣ маро шуда куштаи бахт,
Ҳалқам шуда дар ҳалқаи симини ту сахт.

* * *

То пойи ту ранҷа гашту[8] бо дард бисохт,

---

[1] **Каффора – чизе, ки дар товони гуноҳ дода мешавад.**
[2] **Мубарро *(ар.)* – барӣ, пок, беайб.**
[3] **Уюб *(ар.)* – ҷамъи *айб,* айбҳо.**
[4] **Асмо(ъ) *(ар.)* – ҷамъи *ном*, номҳо.**
[5] **Алломи ғуюб – донандаи асрори ғайбӣ.**
[6] **Ҳуҷуб *(ар.)* – ҷамъи *ҳиҷоб,* пардаҳо.**
[7] **Кутуб *(ар.)* – ҷамъи *китоб*, китобҳо.**
[8] **Ранҷа гаштан – ғамгин шудан.**

Мискин дили ранҷури[1] ман аз дард гудохт.
Гӯё ки зи рӯзгор дарде дорад,
Ин дард, ки дар пойи ту худро андохт.

* * *

Маҷнуни Ту кӯҳро зи саҳро нашинохт,
Девонаи ишқи Ту сар аз по нашинохт.
Ҳар кас ба Ту раҳ ёфт, зи худ гум гардид,
Он кас ки Туро шинохт, худро нашинохт.

* * *

Он рӯз, ки оташи муҳаббат афрӯхт,
Ошиқ равиши сӯз зи Маъшуқ омӯхт.
Аз ҷониби Дӯст сар зад ин сӯзу гудоз,
То дарнагирифт Шамъ, парвона насӯхт.

* * *

Дишаб, ки дилам зи тоби ҳиҷрон месӯхт,
Ашкам ҳама дар дидаи гирён месӯхт.
Месӯхтамончунон, ки ғайр аз дили ту
Бар ман дили кофиру мусалмон месӯхт.

* * *

Ишқ омаду гарди фитна бар ҷонам бехт,
Ақлам шуду ҳуш рафту дониш бигрехт.
З-ин воқеа ҳеч дӯст дастам нагирифт,
Ҷуз дида, ки ҳар чӣ дошт, бар поям рехт.

* * *

Ишқ омаду хоки меҳнатам бар сар рехт,
З-он барқи бало ба хирманам ахгар рехт.
Хун дар дилу решаи танам сӯхт чунон,
К-он дида ба ҷойи ашк хокистар рехт.

* * *

Мерафтаму хуни дил ба роҳам мерехт,
Дӯзах-дӯзах шарар зи оҳам мерехт.

---

[1] **Ранҷур – озурда, касал, бемор.**

Меомадам аз шавқи ту бар гулшани кавн[1],
Доман-доман гул аз гуноҳам мерехт.

* * *

Аз куфри сари зулфи вай имон мерехт
В-аз нӯши лабаш чашмаи Ҳайвон[2] мерехт.
Чун кабки хироманда ба сад раънойӣ
Мерафту чу хоки қадамаш ҷон мерехт.

* * *

Аз нахли тараш бор чу борон мерехт
В-аз сафҳаи рух гул ба гиребон мерехт.
Аз ҳасрати хоки пойи он тозаниҳол
Селоб зи чашми оби Ҳайвон мерехт.

* * *

Эй дил, чу фироқаш раги ҷон бигшудат,
Манмой ба кас хирқаи хунолудат.
Менол чунон, ки нашнаванд овозат,
Месӯз чунон, ки барнаёяд дудат.

* * *

Он ёр, ки аҳди дӯстдорӣ бишикаст,
Мерафту манаш гирифта доман дар даст.
Мегуфт: «Дигарбора ба хобам бинӣ»,
Пиндошт, ки баъд аз ӯ маро хобе ҳаст.

* * *

Аз бори гунаҳ шуд тани мискинам паст,
Ё Раб, чӣ шавад, агар маро гирӣ даст?
Гар дар амалам он чи Туро шояд, нест,
Андар карамат он чи маро бояд, ҳаст.

* * *

---

[1] **Гулшани кавн – киноя аз дунё *(кавн – олами вуҷуд, ҳастӣ, зиндагӣ)*.**

[2] **Чашмаи Ҳайвон – чашмаест, ки Хизр (а) аз оби он нӯшида, умри ҷовидон ёфтааст.**

Аз Каъба раҳест то ба мақсад пайваст
В-аз ҷониби майхона раҳе дигар ҳаст.
Аммо раҳи майхона зи ободонӣ
Роҳест, ки коса меравад даст ба даст.

* * *

Тире зи камонхонаи абрӯйи ту ҷаст,
Дил партави васлро хаёле барбаст.
Хуш-хуш зи дилам гузашту мегуфт ба ноз:
«Мо паҳлуи чун туе нахоҳем нишаст».

* * *

Чун нест зи ҳар чӣ ҳаст, ҷуз бод ба даст,
Чун ҳаст зи ҳар чӣ нест, нуқсону шикаст.
Ангор[1], ки ҳар чӣ ҳаст дар олам, нест,
Пиндор, ки ҳар чӣ нест дар олам, ҳаст.

* * *

Суфастоӣ[2], ки аз хирад бехабар аст,
Гӯяд: «Олам хаёле андар гузар аст».
Оре, олам ҳама хаёлест, вале
Пайваста ҳақиқате дар ӯ ҷилвагар аст.

* * *

Дӣ тифлаки хокбези ғирболбадаст,
Мезад ба ду дасту рӯйи худро мехаст[3].
Мегуфт ба ҳой-ҳой, к: – «Афсӯсу дареғ,
Донге[4] бинаёфтему[5] ғирбол[6] шикаст».

---

[1] **Ангор (аз масдари *ангоштан*) – гӯй, пиндорӣ, тасаввур кунӣ.**

[2] **Суфастоӣ – ҷараёни фалсафӣ дар Юнони қадим, ки олам ва мавҷудотро хаёлӣ ва мавҳум медонистанд.**

[3] **Мехаст – меканд, мехарошид.**

[4] **Донг – 1) аз шаш ҳисса як ҳисса, шашяки ҳар чиз; 2) воҳиди вазнест, ки дар асрҳои мухталиф ва маҳалҳои гуногун вазн ва баҳои он мутафовит буд ва ҳоло баробари шашяки дирам аст (як дирам ду қирот ва ҳар қирот аз 0,19 грамм иборат аст).**

[5] **Бинаёфтем – наёфтем.**

[6] **Ғирбол – элак, парвезан.**

* * *

Кардам тавба, шикастамаш рӯзи нахуст,
Чун бишкастам, ба тавбаам хондӣ чуст[1].
Алқисса, зимоми[2] тавбаам дар кафи туст,
Як дам на шикастааш гузорӣ, на дуруст.

* * *

Гоҳе чу малоикам сари бандагӣ аст,
Гаҳ чун ҳаявон[3] ба хобу хӯр зиндагӣ аст.
Гоҳе чу баҳоим[4] сари даррандагӣ аст,
Субҳоналлоҳ, ин чӣ парокандагӣ аст?

* * *

Озодиву ишқ чун ҳаме н-омад рост,
Банда шудаму ниҳодам аз як сӯ хост.
З-ин пас чунон ки дорадам дӯст, равост,
Гуфтору хусумат[5] аз миёна бархост.

* * *

Кардем ҳар он ҳила, ки ақл он донист,
То бу, ки тавон роҳ ба Ҷонон донист.
Раҳ менабарему ҳам тамаъ менабарем,
Натвон донист, бу, ки натвон донист.

* * *

Исёни халоиқ арчи саҳро-саҳрост,
Дар пеши инояти[6] Ту як барги гиёст.
Ҳарчанд гуноҳи мост киштӣ-киштӣ,
Ғам нест, ки раҳмати Ту дарё-дарёст.

* * *

Ҳарчанд ба тоати ту исёну хатост,

---

[1] **Чуст – зуд, тез.**
[2] **Зимом – лаҷом, инон, миҳор.**
[3] **Ҳаявон – чорпо, ҳайвон.**
[4] **Баҳоим – ҷамъи *баҳима,* ҳайвоноти ваҳшӣ.**
[5] **Хусумат – душманӣ, рақобат.**
[6] **Иноят – мададгорӣ, ёрӣ, лутфу меҳрубонӣ, таваҷҷуҳ.**

З-ин ғам накашӣ, ки гаштани чарх балост.
Гар хастаӣ аз касрати[1] туғёни гуноҳ,
Мандеш, ки нохудои[2] ин баҳр Худост.

* * *

Мо куштаи ишқему ҷаҳон маслахи[3] мост,
Мо бехӯру хобему ҷаҳон матбахи[4] мост.
Моро набувад ҳавои фирдавс аз он-к
Сад мартаба болотар аз он дӯзахи мост.

* * *

Ғам ошиқи синаи балопарвари мост,
Хун дар дили орзу зи чашми тари мост.
Ҳон ғайр, агар ҳарифи моӣ, пеш ой,
К-алмос ба ҷойи бода дар соғари мост.

* * *

Ё Раб, ғами он чи ғайри Ту дар дили мост,
Бардор, ки беҳосилӣ аз ҳосили мост.
Алҳамд, ки чун Ту раҳнамое дорем,
К-аз гумшудагонем, ки ғам манзили мост.

* * *

Ёди ту шабу рӯз қарини дили мост,
Савдои дилат гӯшанишини дили мост.
Аз ҳалқаи бандагит берун наравад,
То нақши ҳаёт дар нигини дили мост.

* * *

Гардун камаре зи умри фарсудаи мост,
Дарё асаре зи ашки олудаи мост.
Дӯзах шараре зи ранҷи беҳудаи мост,
Фирдавс даме зи вақти осудаи мост.

---

[1] **Касрат – бисёрӣ, зиёдӣ; анбӯҳӣ.**
[2] **Нохудо – киштибон, киштирон.**
[3] **Маслах – ҷойи забҳ ва пӯст кандани чорпоён; кушишхона, саллоххона.**
[4] **Матбах – ошхона, ҷойи ошпазӣ, ошпазхона.**

* * *

Онро, ки ҳалолзодагӣ одату хӯст,
Айби ҳама мардумон ба чашмаш некуст.
Маъюб ҳама айби касон менигарад,
Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст.

* * *

Он оташи сӯзанда, ки ишқаш лақаб аст,
Дар пайкари куфру дин чу сӯзанда таб аст.
Имон дигару кеши муҳаббат дигар аст,
Пайғамбари ишқ на аҷам, на араб аст.

* * *

Гӯянд, дил ойинаи ойинаҷаб аст,
Дар вай рухи шоҳидони худбин аҷаб аст.
Дар ойина рӯйи шоҳидон нест аҷаб,
Худ шоҳиду худ ойинааш, ин аҷаб аст.

* * *

Аз мо ҳама аҷзу нестӣ матлуб[1] аст,
Ҳастию тавобеаш зи мо манкуб[2] аст.
Ин Ӯст падид гашта дар сурати мо,
Ин қудрату феъл аз он ба мо мансуб[3] аст.

* * *

Гар субҳаи[4] саддона шуморӣ, хуб аст
В-ар ҷоми май аз каф нагузорӣ, хуб аст.
Гуфтӣ: «Чӣ кунам, чӣ тухфа орам бари дӯст?»
Бе дард маё, ҳар он чӣ орӣ, хуб аст.

* * *

Пайваста зи ман кашида доман дили туст,
Фориғ зи мани сӯхтахирман дили туст.
Гар умр вафо кунад, ман аз ту дили хеш

---

[1] **Матлуб – талабшуда, он чӣ талаб карда шавад; мақсуд.**
[2] **Манкуб – накбатзада, бадбахт, ба сахтӣ дучоргардида.**
[3] **Мансуб – нисбат додашуда; вобаста, тааллуқдор.**
[4] **Субҳа – тасбеҳ.**

Фориғтар аз он кунам, ки аз ман дили туст.

* * *

Дил кист, ки гӯям аз барои ғами туст,
Ё он ки ҳарими тан сарои ғами туст.
Лутфест, ки мекунад ғамат бо дили ман
В-арна дили танги ман чӣ ҷойи ғами туст.

* * *

Эй дил, ғами ишқ аз барои ману туст,
Сар бар хати ӯ неҳ, ки сазои ману туст.
Ту чошнии[1] дард надонӣ в-арна
Як дам ғами дӯст хунбаҳои ману туст.

* * *

Нокомиям, эй дӯст, зи худкомии туст,
В-ин сӯхтагиҳои ман аз хомии туст.
Магзор, ки дар ишқи ту расво гардам,
Расвоии ман боиси бадномии туст.

* * *

Эй Ҳайдари шаҳсавор, вақти мадад аст,
Эй зубдаи[2] ҳашту чор, вақти мадад аст.
Ман оҷизам аз ҷаҳону душман бисёр,
Эй соҳиби Зулфиқор[3], вақти мадад аст.

* * *

Асрори малак бин, ки ба ғул уфтодаст
В-он сиккаи заррин, ки ба пул уфтодаст.
В-он даст барафшондани мардон зи ду кавн
Акнун ба таронаи качул[4] уфтодаст.

* * *

Ишқам, ки ба ҳар рагам ғаме пайванд аст,

---

[1] **Чошнӣ – мазза ва лаззат, таъм.**
[2] **Зубда – 1) саршир, қаймоқ; 2) беҳтарин қисмати чизе, баргузида, яккачин.**
[3] **Зулфиқор – номи шамшери ҳазрати Алӣ (раз).**
[4] **Качул – ҷунбонидани сурин ба вақти рақс.**

Дардам, ки дилам ба дард ҳоҷатманд аст.
Сабрам, ки ба коми панҷаи шерам ҳаст,
Шукрам, ки мудом хоҳишам хурсанд аст.

* * *

Наққоши рухат зи таънаҳо осудаст,
К-аз ҳар чӣ тамомтар бувад, бинмудаст.
Рухсору лабат чунонки бояд, будаст,
Гӯйӣ, ки касе ба орзу фармудаст.

* * *

Дар олам агар фалак, агар моҳу хур[1] аст,
Аз бодаи мастии ту паймонахур аст.
Фориғ зи ҷаҳонию ҷаҳон ғайри ту нест,
Берун зи маконию макон аз ту пур аст.

* * *

Пай[2] дар гов асту гов дар кӯҳсор аст,
Моҳии сирешимин[3] ба дарёбор аст.
Буз дар камар асту туз[4] дар Булғор аст,
Зеҳ[5] кардани ин камон басе душвор аст.

* * *

Эй барҳаман[6], он узори[7] чун лола параст,
Рухсори нигори чордаҳсола параст.

---

[1] **Хур – хуршед, офтоб.**
[2] **Пай – раг.**
[3] **Сирешимин – моддаи часпандае, ки аз ҷӯшонидани устухон, рагу пай, пӯсти баъзе аз ҳайвоноти чорпо, мурғ ва моҳӣ ҳосил мешавад ва дар дуредгарӣ, зингарӣ, камонгарӣ ва ғайра ба кор меравад. Моҳии сирешимин – моҳие, ки аз он сирешим ҳосил мекунанд.**
[4] **Туз – пӯсти дарахти сахт, ки бар камон, зини асп ва ғайра мепечонанд.**
[5] **Зеҳ – ресмони камон. *Зеҳ кардани камон* – тори камонро таранг кардан.**
[6] **Барҳаман, бараҳман – пешвои руҳонии ойини браҳмоӣ, ки болотарин табақа аз се табақа (каста)-и ҷомеа ба эътиқоди динии ҳиндуён ба шумор меояд.**
[7] **Узор – рухсор.**

Гар чашми худойбин надорӣ, боре
Хуршедпараст шав, на гӯсолапараст.

* * *

Олудаи дунё ҷигараш рештар аст,
Осудатар аст, ҳар кӣ дарвештар аст.
Ҳар хар, ки бар ӯ зангеву занҷире ҳаст,
Чун беҳ нигарӣ, бор бар ӯ бештар аст.

* * *

Ё Раб, сабаби ҳаёти ҳайвон бифирист
В-аз хони карам неъмати алвон[1] бифирист.
Аз баҳри лаби ташнаи тифлони набот[2]
Аз синаи абр шири борон бифирист.

* * *

Ё Раб, Ту замонаро далеле[3] бифирист,
Намрудонро пашша чу пиле[4] бифирист.
Фиръавнсифатон ҳама забардаст шуданд,
Мӯсову асову рӯди Ниле бифирист.

* * *

Эй Холиқи халқ, раҳнамое бифирист,
Бар бандаи бенаво навое[5] бифирист.
Кори мани бечора гиреҳ дар гиреҳ аст,
Раҳме бикуну гиреҳкушое бифирист.

* * *

Моро ба ҷуз ин ҷаҳон ҷаҳоне дигар аст,
Ҷуз дӯзаху фирдавс[6] маконе дигар аст.
Қаллошию[7] ошиқиш сармояи мост,

---

[1] **Неъмати алвон – хӯрокҳои гуногун.**
[2] **Тифлони набот – киноя аз набототи навруста.**
[3] **Далел – роҳнамо.**
[4] **Пил – фил.**
[5] **Наво – сарват, дороӣ.**
[6] **Фирдавс – боғи биҳишт.**
[7] **Қаллошӣ – майхонаравӣ, айёшӣ.**

Қавволию[1] зоҳидӣ[2] аз они дигар аст.

* * *

Сармояи умри одамӣ як нафас аст,
Он як нафас аз барои як ҳамнафас аст.
Бо ҳамнафасе гар нафасе биншинӣ,
Маҷмуи ҳаёти умр он як нафас аст.

* * *

Гуфтӣ, ки фалон зи ёди мо хомӯш аст,
Аз бодаи ишқи дигаре мадҳуш аст.
Шармат бодо, ҳанӯз хоки дари ту
Аз гармии хуни дили ман дар ҷӯш аст.

* * *

Роҳи ту ба ҳар равиш, ки пӯянд[3], хуш аст,
Васли ту ба ҳар ҷиҳат, ки ҷӯянд, хуш аст.
Рӯйи ту ба ҳар дида, ки бинанд, накуст,
Номи ту ба ҳар забон, ки гӯянд, хуш аст.

* * *

Дил рафт бари касе, ки симош хуш аст,
Ғам хуш набувад, валек ғамҳош хуш аст.
Ҷон металабад, намедиҳам рӯзе чанд,
Дар ҷон сухане нест, тақозош[4] хуш аст.

* * *

Дил бар сари аҳди устувори хеш аст,
Ҷон дар ғами ту бар сари кори хеш аст.
Аз дил ҳаваси ҳар ду ҷаҳонам бархост,
Илло ғами ту, ки бар қарори хеш аст.

* * *

Бар шакли бутон раҳзани ушшоқ[1] Ҳақ аст,

---

[1] **Қавволӣ – сухандонӣ.**
[2] **Зоҳидӣ – парҳезгорӣ.**
[3] **Пӯянд – ҷӯянд (аз масдари *пӯидан* ба маънии *ҷустуҷӯ кардан; рафтан*).**
[4] **Тақозо – талаб; боисрор талаб кардан.**

Ло, бал[2], ки аён дар ҳама офоқ Ҳақ аст.
Чизе, ки бувад зи рӯйи тақлиди ҷаҳон,
Валлоҳ, ки ҳамон ба ваҷҳи итлоқ[3] Ҳақ аст.

* * *

Гирям зи ғами ту зору гӯйӣ зарқ[4] аст,
Чун зарқ бувад, ки дида дар хун ғарқ аст.
Ту пиндорӣ, ки ҳар диле чун дили туст,
Не, не, санамо, миёни дилҳо фарқ аст.

* * *

Ганҷам чу гуҳар дар дили ганҷина шикаст,
Розам ҳама дар синаи бекина шикаст.
Ҳар шуълаи орзу, ки аз ҷон бархост,
Чун пораи обгина[5] дар сина шикаст.

* * *

Он шаб, ки маро зи васлат, эй маҳ, ранг аст,
Болои шабам кӯтаҳу паҳно[6] танг аст.
В-он шаб, ки туро бо мани мискин ҷанг аст,
Шаб кӯру хурӯс гунгу Парвин[7] ланг аст.

* * *

Дур аз ту фазои даҳр бар ман танг аст,
Дорам дилаке, ки зери сад ман[8] санг аст.
Умрест, ки муддаташ замонро ор аст,
Ҷонест, ки бурданаш аҷалро нанг аст.

---

[1] **Ушшоқ – ошиқон.**
[2] **Ло, бал – не, балки.**
[3] **Ваҷҳи итлоқ – тарзи мутлақ.**
[4] **Зарқ – ҷилои зоҳир, ҷилваву намоиши зоҳирӣ.**
[5] **Обгина – шиша; булӯр.**
[6] **Паҳно – арз, бар, паҳнӣ.**
[7] **Парвин – номи чанд ситорае, ки дар як ҷо ҷамъ шудааст ва ба бурҷи Савр дохил мешавад; Сурайё.**
[8] **Ман – миқёси вазн, ки дар ҷойҳои мухталиф гуногун будааст. Масалан, мани Самарқанд – 8 пуд, мани Табрез – қариб 3 кг ва дар истилоҳи шариат як ман (мани шаръӣ) 180 мисқол (864 г) аст.**

* * *

Нардест ҷаҳон, ки бурданаш бохтан аст,
Нарродии[1] ӯ ба нақши кам сохтан аст.
Дунё ба масал чу каъбатайни[2] нард аст,
Бардоштанаш барои андохтан аст.

* * *

Овози дар омад, бинигар, ёри ман аст,
Ман худ донам, киро ғами кори ман аст.
Сесад гули сурх бар рухи ёри ман аст,
Хезам, бичинам, ки гул чидан кори ман аст.

* * *

То меҳри Абӯтуроб дамсози ман аст,
Ҳайдар ба ҷаҳон ҳамдаму ҳамрози ман аст.
Ин ҳар ду ҷигаргӯша ду боланд маро,
Машкан болам, ки вақти парвози ман аст.

* * *

Ишқи  ту балои дили дарвеши ман аст,
Бегона намешавад, магар хеши ман аст.
Хоҳам сафаре кунам, зи ғам бигрезам,
Манзил-манзил ғами ту дар пеши ман аст.

* * *

Аз гул табақе ниҳода, к-ин рӯйи ман аст
В-аз шаб гиреҳе фиканда, к-ин мӯйи ман аст.
Сад нофа[3] ба бод дода, к-ин бӯйи ман аст
В-оташ ба ҷаҳон барзада, к-ин хӯйи ман аст.

* * *

Дарде, ки зи ман ҷон биситонад, ин аст,
Ишқе, ки касаш чора надонад, ин аст.

---

[1] **Нарродӣ – нардбозӣ.**

[2] **Каъбатайн *(ар.)* – ду мухраи шашпаҳлу, ду тоси мукааби бозии нард.**

[3] **Нофа – халтачаи мушкдор, ки аз нофи оҳу ҳосил мешавад; моддаи хушбӯй, ки аз нофи оҳу фароҳам мегардад.**

Чашме, ки ҳамеша хун фишонад, ин аст,
Он шаб, ки ба рӯзам нарасонад, ин аст.

* * *

Онро, ки фано шеваву фақр ойин аст,
На кашфи яқин, на маърифат, на дин аст,
Рафт ӯ зи миён, ҳамин Худо монд, Худо,
«Ал-фақру изо тамма ҳуваллоҳ» ин аст.

* * *

Эй дӯст, эй дӯст, эй дӯст, эй дӯст,
Ҷаври ту аз он кашам, ки рӯйи ту накуст.
Мардум гӯянд: «Биҳишт хоҳӣ ё дӯст?»
Эй бехабарон, биҳишт бо дӯст накуст.

* * *

Эзид, ки ҷаҳон ба қабзаи қудрати Ӯст,
Додаст туро ду чиз, к-он ҳар ду накуст:
Ҳам сирати он, ки дӯст дорӣ касро,
Ҳам сурати он, ки кас туро дорад дӯст.

* * *

Чашме дорам, ҳама пур аз дидани дӯст,
Бо дида маро хуш аст, чун дӯст дар ӯст.
Аз дидаву дӯст фарқ кардан натавон,
Ё ӯст даруни дида, ё дида худ ӯст.

* * *

Дунё ба ҷаве вафо надорад, эй дӯст,
Ҳар лаҳза ҳазор мағз саргаштаи ӯст.
Медон, ки Худой душманаш медорад,
Гар душмани Ҳақ найӣ, чаро дорӣ дӯст?

* * *

Шаб омаду боз рафтам андар ғами дӯст,
Ҳам бар сари гиряе, ки чашмамро хӯст.
Аз хуни дилам ҳар мижае пиндорӣ
Сихест, ки пораи ҷигар бар сари ӯст.

* * *

Ишқ омаду шуд чу хунам андар рагу пӯст,
То кард маро тиҳию[1] пур кард зи Дӯст.
Аҷзои[2] вуҷудам ҳамагӣ Дӯст гирифт,
Номест зи ман бар ману боқӣ ҳама Ӯст.

* * *

Ғозӣ[3] ба раҳи шаҳодат андар такупӯст,
Ғофил, ки шаҳиди ишқ фозилтар аз ӯст.
Фардои қиёмат ин бад-он кай монад,
К-он куштаи душман асту ин – куштаи дӯст.

* * *

Ҳарчанд, ки одамӣ малаксирату хӯст,
Бад гар набувад, ба душмани худ некуст.
Девона дили касест, к-ин[4] одати ӯст,
К-ӯ душмани ҷони хеш медорад дӯст.

* * *

Анбарзулфе, ки моҳ дар чанбари ӯст,
Ширинсухане, ки шаҳд дар шаккари ӯст.
З-он чандон борнома, к-андар сари ӯст,
Фармондеҳи рӯзгор фармонбари ӯст.

* * *

Ақраб сари зулфи ёру маҳ пайкари ӯст,
Бо ин ҳама кибру ноз, к-андар сари ӯст.
Шириндаҳанею шаҳд дар шаккари ӯст,
Фармондеҳи рӯзгор фармонбари ӯст.

* * *

Он маҳ, ки вафову ҳусн сармояи ӯст,
Авҷи фалаки ҳусн камин пояи ӯст.

---

[1] **Тиҳӣ – холӣ.**

[2] **Аҷзо – ҷузв, аъзо.**

[3] **Ғозӣ – касе, ки дар роҳи дини ислом бо ғайримусалмонон меҷангад, ҷиҳодкунанда дар роҳи дини ислом.**

[4] **Кин – душманӣ.**

Хуршеди рухаш нигар в-агар натвонӣ,
Он зулфи сияҳ нигар, ки ҳамсояи ӯст.

* * *

З-он май хӯрдам, ки руҳ паймонаи ӯст,
З-он маст шудам, ки ақл девонаи ӯст.
Дуде ба ман омад, оташе бо ман зад,
З-он шамъ, ки офтоб парвонаи ӯст.

* * *

Мо дил ба ғами ту баста дорем, эй дӯст,
Дарди ту ба ҷони хаста дорем, эй дӯст.
Гуфтӣ, ки ба дилшикастагон наздикам,
Мо низ дили шикаста дорем, эй дӯст.

* * *

Бар мо дари васл баста медорад дӯст,
Дилро ба фироқ хаста медорад дӯст.
Минбаъд ману шикастагию дари дӯст,
Чун дӯст дили шикаста медорад дӯст.

* * *

Эй хоҷа, туро ғами ҷамоли моҳ аст,
Андешаи боғу роғу[1] хирмангоҳ аст.
Мо сӯхтагони олами таҷридем[2],
Моро ғами «ло илоҳа иллаллоҳ» аст.

* * *

Ориф, ки зи сирри маърифат огоҳ аст,
Бехуд зи худ асту бо Худо ҳамроҳ аст.
Нафйи[3] худу исботи[4] вуҷуди Ҳақ кун,
Ин маънии «ло илоҳа иллаллоҳ» аст.

* * *

---

[1] **Роғ – домани фарохи сабзу хуррами кӯҳ, марғзор, саҳро.**
[2] **Таҷрид *(ар.)* – аз дигарон дурӣ кардан, аз дигарон дур гаштан, танҳо мондан, гӯшагирӣ.**
[3] **Нафй *(ар.)* – инкор, рад.**
[4] **Исбот *(ар.)* – собит кардан, тасдиқ кардан.**

Дар кори кас ар қарор мебояд, ҳаст
В-ин ёр, ки дар канор мебояд, ҳаст.
Ҳаҷре, ки ба ҳеч кор мен-ояд, нест,
Васле, ки чу ҷон ба кор мебояд, ҳаст.

* * *

То дарнарасад ваъдаи ҳар кор, ки ҳаст,
Суде надиҳад ёрии ҳар ёр, ки ҳаст.
То заҳмати сармои зимистон накашад,
Пургул нашавад домани ҳар хор, ки ҳаст.

* * *

Бо дил гуфтам, ки: «Эй дил, аҳволи ту чист?»
Дил дида пуроб карду бисёр гирист.
Гуфто, ки: «Чӣ гуна бошад аҳволи касе,
К-ӯро ба муроди дигаре бояд зист».

* * *

Пурсид зи ман яке, ки: «Маъшуқи ту кист?»
Гуфтам, ки: «Фалонӣ аст, мақсуди ту чист?»
Биншасту ба ҳой-ҳой бар ман бигирист,
К-«Аз дасти чунон касе ту чун хоҳӣ зист?»

* * *

Ҷисмам ҳама ашк гашту чашмам бигирист,
Дар ишқи ту бе ҷисм ҳамебояд зист.
Аз ман асаре намонд, ин ишқ зи чист?
Чун ман ҳама маъшуқ шудам, ошиқ кист?

* * *

Дирӯз, ки чашми ту ба ман дарнигарист,
Халқе ба ҳазор дида бар ман бигирист.
Ҳар рӯз ҳазор бор дар ишқи туам
Мебояд мурду боз мебояд зист.

* * *

Ошиқ натавонад, ки даме беғам зист,
Бе ёру диёр агар бувад, худ ғам нест.
Хуш он, ки ба як карашма ҷон кард нисор,

Ҳиҷрону висолро надонист, ки чист.

* * *

Гар мурда бувам[1], баромада соле бист,
Чӣ пиндорӣ, ки гӯрам аз ишқ тиҳист.
Гар даст ба хок барниҳӣ, к-«Ин ҷо кист?»
Овоз ояд, ки: «Ҳоли маъшуқам чист?»

* * *

Мегуфтам «ёр»-у менадонистам кист,
Мегуфтам «ишқ»-у менадонистам чист.
Гар ёр ин аст, чун тавон бо ӯ буд?
В-ар ишқ ин аст, чун тавон бо ӯ зист?

* * *

Эй дил, ҳама хун шавӣ, шикебои чист?
В-эй ҷон, бадар о, ин ҳама раъноӣ чист?
Эй дида, чӣ мардумист, шармат бодо,
Нодида ба ҳоли дӯст, биноӣ чист?

* * *

Андар ҳама дашти Ховарон гар хорест,
Оғушта ба хуни ошиқи афгорест.
Ҳар ҷо, ки парирухеву гулрухсорест,
Моро ҳам дархур аст, мушкил корест.

* * *

Дар баҳри яқин, ки дурри таҳқиқ басест,
Гирдоб дар ӯ чу дому киштӣ нафасест.
Ҳар гӯши садаф ҳалқаи чашмест пуроб,
Ҳар мавҷ ишорае зи абрӯйи касест.

* * *

Ранҷи мардум зи пешию аз бешист,
Амну роҳат ба зиллату[2] дарвешист.
Бигзин тангдастӣ аз ин олам,

---

[1] **Бувам – бошам.**
[2] **Зиллат – хорӣ, беиззатӣ, забунӣ.**

Гар бо хираду ба донишат ҳам хешист.

* * *

Мо ошиқу аҳди ҷони мо муштоқист,
Моем ба дарди ишқ, то ҷон боқист.
Ғам нуқлу[1] надим[2] дарду мутриб нола,
Май хуни ҷигар, мардуми чашмам соқист.

* * *

Чун ҳосили умри ту фиребею дамест,
З-ӯ дод макун, гарат ба ҳар дам ситамест.
Мағрур машав ба худ, ки асли ману ту
Гардею шарорею насимею намест.

* * *

Доим на ливои[3] ишрат афроштанист,
Пайваста на тухми хуррамӣ коштанист.
Ин доштаниҳо ҳама бигзоштанист,
Ҷуз равшании рӯ, ки нигаҳдоштанист.

* * *

Дардо, ки дар ин сӯзу гудозам кас нест,
Ҳамроҳ дар ин роҳи дарозам кас нест.
Дар қаъри дилам ҷавоҳири роз басест,
Аммо чӣ кунам, маҳрами розам кас нест.

* * *

Дар сина касе, ки рози пинҳонаш нест,
Чун зинда намояд ӯ, вале ҷонаш нест.
Рав, дард талаб, ки иллатат бедардист,
Дардест, ки ҳеч гуна дармонаш нест.

* * *

Дар кишвари ишқ ҷойи осоиш нест,

---

[1] **Нуқл – навъе ширинӣ, ки маъмулан бо анвои мағз (чормағз, бодом ва ғ.) сохта мешавад.**
[2] **Надим – ҳамнишин, ҳамсуҳбат.**
[3] **Ливо – байрақ, парчам.**

Он ҷо ҳама коҳиш асту афзоиш нест.
Бе дарду алам таваққуи[1] дармон нест,
Бе ҷурму гунаҳ умеди бахшоиш нест.

* * *

Афсӯс, ки кас бохабар аз дардам нест,
Огоҳ зи ҳоли чеҳраи зардам нест.
Эй дӯст, барои дӯстиҳо, ки мароcт,
Дарёб, ки то дарнигарӣ, гардам нест.

* * *

Гуфтори наку дораму кирдорам нест,
Аз гуфти накуи беамал орам нест.
Душвор бувад кардану гуфтан осон,
Осон бисёру ҳеч душворам нест.

* * *

Ҳаргиз аламе[2] чу фурқати ҷонон нест,
Дарде батар аз воқеаи ҳиҷрон нест.
Гар тарки видоъ кардаам, маъзурам,
Ту ҷони манӣ, видои ҷон осон нест.

* * *

Гар кори ту нек аст, ба тадбири ту нест
В-ар низ бад аст, ҳам зи тақсири[3] ту нест.
Таслиму ризо пеша куну шод бизӣ,
Чун неку бади ҷаҳон ба тақдири ту нест.

* * *

Аз дард нишон мадеҳ, ки дар ҷони ту нест,
Бигзар зи вилояте, ки он з-они ту нест.
Аз бехирадӣ бувад, ки бо ҷавҳариён
Лоф аз гуҳаре занӣ, ки дар кони ту нест.

* * *

---

[1] **Таваққуъ – чашмдошт, чашми умед.**
[2] **Алам – дард, озор, нохушӣ, ранҷ.**
[3] **Тақсир – кӯтоҳӣ.**

Дар ҳиҷронам қарор мебояду нест,
Осоиши ҷони зор мебояду нест.
Сармояи рӯзгор мебояду нест,
Яъне, ки висоли ёр мебояду нест.

* * *

Ҷоно, ба замини Ховарон хоре нест,
К-аш бо ману рӯзгори ман коре нест.
Бо лутфу навозиши ҷамоли ту маро
Дар додани сад ҳазор ҷон оре нест.

* * *

Андар ҳама дашти Ховарон санге нест,
К-аш бо ману рӯзгори ман ҷанге нест.
Бо лутфу навозиши ҷамоли ту маро
Дар додани сад ҳазор ҷон нанге нест.

* * *

Сар то сари дашти Ховарон санге нест,
К-аз хуни дилу дида бар ӯ ранге нест.
Дар ҳеч замину ҳеч фарсанге нест,
К-аз дасти ғамат нишаста дилтанге нест.

* * *

Кибрест дар ин ваҳм, ки пинҳонӣ нест,
Бардоштани сарам ба осонӣ нест.
Имон-ш ҳазор дафъа талқин кардам,
Ин кофирро сари мусалмонӣ нест.

* * *

Эй дида, назар кун, агарат биноист,
Дар кори ҷаҳон, ки сар ба сар расвоист.
Дар гӯшаи хилвату қаноат бинишин,
Танҳо хӯ кун, ки оқибат танҳоист.

* * *

Симобӣ шуд ҳавову зангорӣ дашт,
Эй дӯст, биёву бигзар аз ҳар чӣ гузашт.
Гар майли вафо дорӣ, инак, дилу ҷон

В-ар ройи ҷафо дорӣ, инак, сару ташт.

* * *

Онро, ки қазо зи хайли ушшоқ навишт,
Озод зи масҷид асту фориғ зи куништ[1].
Девонаи ишқро чи ҳиҷрон, чи висол,
Азхешгузаштаро чи дӯзах, чи биҳишт.

* * *

Ҳон[2]! То ту набандӣ ба муроoташ[3] пушт,
К-ӯ бо гули нарм парварад хори дурушт.
Ҳон! То нашавӣ ғарра ба дарёи карам,
К-ӯ бар лаби баҳр ташна бисёр бикушт.

* * *

Аз аҳли замона ор мебояд дошт
В-аз суҳбаташон канор мебояд дошт.
Аз пеши касе кори касе нагшояд,
Уммед ба Кирдигор мебояд дошт.

* * *

Афсӯс, ки айёми ҷавонӣ бигузашт,
Даврони нишоту комронӣ бигузашт.
Ташна ба канори ҷӯй чандон хуфтам,
К-аз ҷӯйи ман оби зиндагонӣ бигузашт.

* * *

Рӯзам ба ғами ҷаҳони фарсуда гузашт,
Шаб дар ҳаваси будаву нобуда гузашт.
Умре, ки аз ӯ даме ҷаҳоне арзад,
Алқисса, ба фикрҳои беҳуда гузашт.

* * *

Сирри сухани Дӯст намеёрам гуфт,

---

[1] **Куништ – ибодатхонаи яҳудиён; аксаран ба маънии умумии ибодатгоҳи ғайримусалмонон меояд.**
[2] **Ҳон – калимаи нидо: огоҳ бош, бохабар бош, ҳушёр бош!**
[3] **Мурооt – риояти чизе; муомилаи нек, поси эҳтиром.**

Дуррест гаронбаҳо, намеёрам суфт.
Тарсам, ки ба хоб-дар бигӯям ба касе,
Шабҳост, к-аз ин бим намеёрам хуфт.

* * *

Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,
Як мӯй надонист, басе мӯй шикофт.
Гарчи зи дилам ҳазор хуршед битофт,
Охир ба камол заррае роҳ наёфт.

* * *

Осон-осон зи худ амон натвон ёфт
В-ин шарбати шавқ ройгон натвон ёфт.
З-он май, ки азизи ҷони муштоқон аст,
Як ҷуръа ба сад ҳазор ҷон натвон ёфт.

* * *

Аз боди сабо дилам чу бӯйи ту гирифт,
Бигзошт марову ҷустуҷӯйи ту гирифт.
Акнун зи манаш ҳеч намеояд ёд,
Бӯйи ту гирифта буд, хӯйи ту гирифт.

* * *

Дил одати хӯйи ҷангҷӯйи ту гирифт,
Ҷон гавҳари ҳиммат сари кӯйи ту гирифт.
Гуфтам ба хати ту: ҷониби моро гир,
Он ҳам тарафи рӯйи накуйи ту гирифт.

* * *

Онӣ, ки зи ҷонам орзуи ту нарафт,
Аз дил ҳаваси рӯйи накуйи ту нарафт.
Аз кӯйи ту ҳар кӣ рафт, дилро бигузошт,
Кас бо дили хештан зи кӯйи ту нарафт.

* * *

Он дил, ки ту дидаӣ, зи ғам хун шуду рафт
В-аз дидаи хунгирифта берун шуду рафт.
Рӯзе ба ҳавои ишқ сайре мекард,
Лайлисифате бидиду Маҷнун шуду рафт.

* * *

Ёр омаду гуфт: «Хаста медор дилат,
Доим ба умед баста медор дилат.
Моро ба шикастагон назарҳо бошад,
Моро хоҳӣ, шикаста медор дилат».

* * *

Илмӣ на, ки аз зумраи инсон ниҳамат,
Ҷудӣ на, ки аз асли каримон ниҳамат.
На илму амал, на фазлу эҳсону адаб,
Ё Раб, ба кадом тарра[1] дар хон ниҳамат.

* * *

Сад шукр, ки гулшани вафо гашт танат,
Сиҳҳат гули ишқ рехт дар пираҳанат.
Табро ба ғалат дар танат уфтод гузор,
Он таб араќе шуду чакид аз баданат.

* * *

Дӣ зулфи абирбези анбарсоят,
Аз тарфи баногӯши сумансимоят.
Дар пойи ту уфтоду ба зорӣ мегуфт:
«Сар то поям фидои сар то поят».

* * *

Эй қиблаи ҳар кӣ муқбил[2] омад кӯят,
Рӯйи дили муқбилони олам сӯят.
Имрӯз касе, к-аз ту бигардонад рӯй,
Фардо ба кадом дида бинад рӯят?

* * *

Эй мақсади хуршедпарастон рӯят,
Меҳроби ҷаҳониён хами абрӯят.
Сармояи айши тангдастон даҳанат,
Сарриштаи дилҳои парешон мӯят.

---

[1] **Тарра – барги навъе аз гиёҳ, ки барои нонхӯриш ба кор мебаранд, сабзиҷоти хӯрокӣ.**
[2] **Муқбил *(ар.)* – соҳиби иқбол, хушбахт.**

* * *

Зуннорпарасти зулфи анбарбӯят,
Меҳробнишини гӯшаи абрӯят.
Ё Раб, ту чӣ Каъбаӣ, ки бошад шабу рӯз
Рӯйи дили кофиру мусалмон сӯят.

* * *

Шириндаҳане, ки аз лабаш ҷон мерехт,
Куфраш зи сари зулфи парешон мерехт.
Гар шайх ба куфри зулфи ӯ раҳ мебурд,
Хоки раҳи ӯ бар сари имон мерехт.

* * *

Гар толиби роҳи Ҳақ шавӣ, раҳ пайдост,
Ӯ рост бувад бо ту, ту гар бошӣ рост.
В-он гаҳ ки ба ихлосу даруни софӣ,
Ӯро бошӣ, бидон, ки Ӯ низ туродт.

* * *

Ман бандаи осиям, ризои Ту куҷост?
Торикдилам, нуру сафои Ту куҷост?
Моро Ту биҳишт агар ба тоат бахшӣ,
Ин байъ бувад, лутфу атои Ту куҷост?

* * *

Дӯзах шараре зи оташи синаи мост,
Ҷаннат асаре з-ин дили ганҷинаи мост.
Фориғ зи биҳишту дӯзах, эй дил, хуш бош
Бо дарду ғамаш, ки ёри деринаи мост.

* * *

Олам ба хурӯши «ло илаҳ илло Ҳу»-ст,
Оқил ба гумон, ки душман аст ин ё дӯст.
Дарё ба вуҷуди хеш мавҷе дорад,
Хас пиндорад, ки ин кашокаш бо ӯст.

* * *

Дар дард шаке нест, ки дармоне ҳаст,
Бо ишқ яқин аст, ки ҷононе ҳаст.

Аҳволи ҷаҳон чу дам ба дам мегардад,
Шак нест дар ин ҳол, ки гардоне ҳаст.

* * *

Эй дар Ту аёнҳову ниҳонҳо ҳама ҳеч,
Пиндору яқинҳову гумонҳо ҳама ҳеч.
Аз зоти Ту мутлақан нишон натвон дод,
К-он ҷо, ки Туӣ, бувад нишонҳо ҳама ҳеч.

* * *

Эй бо рухат анвори[1] маҳу хур ҳама ҳеч,
Бо лаъли ту Салсабилу[2] Кавсар[3] ҳама ҳеч.
Будам ҳамабин, чу тезбин шуд чашмам,
Дидам, ки ҳама Туиву дигар ҳама ҳеч.

* * *

Гар дарвешӣ, макун тасарруф бар ҳеч,
На шодӣ кун ба ҳечу на ғам х(в)ар ҳеч.
Хурсанд бад-он бош, ки дар мулки Худой
Дар дунёву охират набошӣ бар ҳеч.

* * *

Гуфтам: «Чашмам». Гуфт, ки: «Бар маст мапеч».
Гуфтам: «Даҳанат». Гуфт: «Манеҳ дил бар ҳеч».
Гуфтам: «Зулфат». Гуфт: «Пароканда магӯй,
Боз овардӣ ҳикояте печопеч».

* * *

Рухсораат, эй тозагули гулшани руҳ,
Нозук бувад он қадар, ки ҳар шому сабуҳ
Наздик ба дида гар хаёлаш гузарад,
Аз сояи хори дида гардад маҷруҳ.

* * *

Гар дард кунад пойи ту, эй ҳурнажод,

---

[1] **Анвор *(ар.)* – ҷамъи *нур*, нурҳо.**
[2] **Салсабил – номи чашмаест дар биҳишт.**
[3] **Кавсар – номи чашмаест дар биҳишт.**

Аз дард бидон, ки ҳаргизат дард мабод.
Он дарди ман аст, ки бар манаш раҳм ояд,
Аз баҳри шафоатам ба пойи ту фитод.

* * *

Дар силсилаи ишқи ту ҷон хоҳам дод,
Дар ишқи ту тарки хонумон хоҳам дод.
Рӯзе, ки туро бубинам, эй умри азиз,
Он рӯз яқин бидон, ки ҷон хоҳам дод.

* * *

Ҳар роҳату лаззате, ки Халлоқ ниҳод,
Аз баҳри муҷаррадони офоқ[1] ниҳод.
Ҳар кас, ки зи тоқ[2] мунқалиб[3] гашт ба ҷуфт,
Осоиши хеш бурду бар тоқ[4] ниҳод.

* * *

Дар васл зи андешаи дурӣ фарёд,
Дар ҳаҷр зи дарди носабурӣ фарёд.
Афсӯс зи маҳрумии дурӣ, афсӯс,
Фарёд зи дасти носабурӣ, фарёд.

* * *

Бо кӯйи ту ҳар киро сару кор уфтад,
Аз масҷиду дайру Каъба безор уфтад.
Гар зулфи ту дар Каъба фишонад доман,
Ислом ба дасту пойи зуннор уфтад.

* * *

Гар ишқ дили маро харидор уфтад,
Коре бикунам, ки парда аз кор уфтад.
Саҷҷодаи[1] парҳез чунон афшонам,

---

[1] **Офоқ *(ар.)* – ҷамъи *уфуқ*, канораҳои осмон; ба маънои ҷаҳон низ меояд.**
[2] **Тоқ – *(дар муқ.* ҷуфт*)* фард, танҳо.**
[3] **Мунқалиб – гарданда; аз сӯе ба сӯе гарданда; аз ҳоле ба ҳоле гарданда.**
[4] **Тоқ – тоқча, раф.**

К-аз ҳар торе ҳазор зуннор уфтад.

* * *

Бо илм агар амал баробар гардад,
Коми ду ҷаҳон туро муяссар гардад.
Мағрур машав ба худ, ки хондӣ вараќе,
З-он рӯз ҳазар кун, ки варақ баргардад.

* * *

Онро, ки ҳадиси ишқ дар дил гардад,
Бояд, ки зи теғи ишқ бисмил гардад.
Дар хок тапон-тапон, рух оғушта ба хун
Бархезаду гирди сари қотил гардад.

* * *

Моро набувад диле, ки хуррам гардад,
Худ бар сари кӯйи мо тараб кам гардад.
Ҳар шодии олам, ки ба мо рӯй ниҳад,
Чун бар сари кӯйи мо расад, ғам гардад.

* * *

Дил дар назари ту ҷовидонӣ гардад,
Ғам бо алами ту шодмонӣ гардад.
Гар бод ба дӯзах барад аз кӯйи ту хок,
Оташ ҳама оби зиндагонӣ гардад.

* * *

Эй софии даъвии туро маънӣ дурд,
Фардо ба қиёмат ин амал хоҳӣ бурд.
Шармат бодо, агар чунин хоҳӣ зист,
Нангат бодо, агар чунон хоҳӣ мурд.

* * *

Дардо, ки дар ин замонаи пурғаму дард,
Ғабно[2], ки дар ин доираи ғампарвард.
Ҳар рӯз фироқи дӯсте бояд дид,

---

[1] **Саҷҷода – ҷойнамоз.**
[2] **Ғабно – дареғо.**

Ҳар лаҳза видои ҳамдаме бояд кард.

* * *

Фардо, ки ба маҳшар[1] андарояд зану мард
В-аз бими ҳисоб рӯйҳо гардад зард.
Ман ҳусни туро ба каф ниҳам, пеш равам,
Гӯям, ки ҳисоби ман аз ин бояд кард.

* * *

Дил софӣ кун, ки Ҳақ ба дил менигарад,
Дилҳои парканда ба як ҷав нахарад.
Зоҳид, ки кунад соф дил аз баҳри Худо,
Гӯйе зи ҳама мардуми олам бибарад.

* * *

Гӯянд, ки: «Муҳтасиб гумоне бибарад
В-ин пардаи ту пеши ҷаҳоне бидарад».
Гӯям, ки: «Аз ин шароб агар муҳтасибат
Дарёбад, қатрае ба ҷоне бихарад».

* * *

Ман зиндаву кас бар остонат гузарад,
Ё мурғ ба гирди сари кӯят бипарад.
Хори гӯрам шикаста дар чашми касе,
К-ӯ аз паси марги ман ба рӯят нигарад.

* * *

Аз чеҳраи ошиқонаам зар борад
В-аз чашми тарам ҳамеша озар[2] борад.
Дар оташи ишқи ту чунон биншинам,
К-аз абри муҳаббатам самандар[3] борад.

---

[1] **Маҳшар – рӯзи ҳашр, растахез, қиёмат.**

[2] **Озар – оташ.**

[3] **Самандар – ҷонварест аз табори калтакалосҳо, ки дар ҷойҳои намнок ва ғорҳо зиндагӣ мекунад ва ҳашараву кирм мехӯрад. Самандар ҷонвари беозор аст ва моддае бар рӯи пӯсти вай ҷудо мегардад, ки онро шилм ва лағзанда медорад. Ба эҳтимоли зиёд, ба ҳамин далел гуфтаанд самандар ҷонварест, ки дар оташ намесӯзад,**

* * *

Аз дафтари ишқ ҳар ки фарде дорад,
Ашки гулгун, чеҳраи зарде дорад.
Бар гирди саре шавад, ки шӯрест дар ӯ,
Қурбони диле равад, ки дарде дорад.

* * *

Толеъ сари офиятфурӯшӣ дорад,
Ҳиммат ҳаваси палоспӯшӣ дорад.
Ҷое, ки ба як суол бахшанд ду кавн,
Истиғноям сари хамӯшӣ дорад.

* * *

Дил вақти самоъ бӯйи дилдор барад,
Моро ба саропардаи асрор барад.
Ин замзамаи маркаб мар руҳи туррост,
Бардораду хуш ба олами ёр барад.

* * *

Гул аз ту чароғи ҳусн дар гулшан бурд
В-аз рӯйи ту ойина дили равшан бурд.
Ҳар хона, ки шамъи рухат афрӯхт дар ӯ,
Хуршед чу зарра нур аз равзан бурд.

* * *

Шодам ба даме, к-аз орзуят гузарад,
Хушдил ба ҳадисе, ки зи рӯят гузарад.
Нозам ба ду чашме, ки ба сӯят нигарад,
Бӯсам кафи пое, ки ба кӯят гузарад.

* * *

Гар пинҳон кард айбу гар пайдо кард,
Миннат дорам аз ӯ, ки бас бар ҷо кард.
Тоҷи сари ман хоки сари пои касест,
К-ӯ чашми маро ба айби ман бино кард.

---

**ки иғроқомез аст ва бар мабнои ҳамин ақида, образи рамзии самандар дар ривоёту қиссаҳои афсонагуна ривоҷ ёфтааст.**

* * *

Гуфтори дароз мухтасар бояд кард
В-аз ёри бадомӯз ҳазар бояд кард.
Дар роҳи нигор кушта бояд гаштан
В-он гоҳ нигорро хабар бояд кард.

* * *

Дардо, ки ҳама рӯй ба раҳ бояд кард
В-ин мафраши[1] ошиқӣ дутаҳ бояд кард.
Бар тоату хайри худ набояд нигарист,
Дар раҳмату фазли Ӯ нигаҳ бояд кард.

* * *

Қаддат қаддам зи бори меҳнат хам кард,
Чашмат чашмам чу чашмаҳо пурнам кард.
Холат ҳолам чу рӯзи ман тира намуд,
Зулфат корам чу тори худ дарҳам кард.

* * *

Ман бе Ту даме қарор натвонам кард,
Эҳсони Туро шумор натвонам кард.
Гар бар тани ман зуфон[2] шавад ҳар мӯе,
Як шукри Ту аз ҳазор натвонам кард.

* * *

Аз воқеае туро хабар хоҳам кард
В-онро ба ду ҳарф мухтасар хоҳам кард:
Бо ишқи ту дар хок ниҳон хоҳам шуд,
Бо меҳри ту сар зи хок бархоҳам кард.

* * *

Хуррам дили он, ки аз ситам оҳ накард,
Касро зи даруни хеш огоҳ накард.
Чун шамъ зи сӯзи дил саропо бигудохт

---

[1] **Мафраш – чизи густурданӣ бар рӯи фарш: қолин, палос, шол, намад ва ғайра.**
[2] **Зуфон – забон.**

В-аз домани шуъла даст кӯтоҳ накард.

* * *

Он душмани дӯст буд, дидӣ, ки чӣ кард?
Ё ин ки ба ғаври ӯ расидӣ, ки чӣ кард?
Мегуфт ҳамон кунам, ки хоҳад дили ту,
Дидӣ, ки чӣ мегуфту шунидӣ, ки чӣ кард?

* * *

Ҷамъияти халқро раҳо хоҳӣ кард,
Яъне, зи ҳама рӯй ба мо хоҳӣ кард.
Пайванд ба дигарон надомат дорад,
Муҳкам макун ин ришта, ки во хоҳӣ кард.

* * *

Ошиқ чу шавӣ, теғ ба сар бояд хӯрд,
Заҳре, ки расад, ҳамчу шакар бояд хӯрд.
Ҳарчанд туро бар ҷигар обе набувад,
Дарё-дарё хуни ҷигар бояд хӯрд.

* * *

Ориф ба чунин рӯз каноре гирад,
Ё домани кӯҳу лолазоре гирад.
Аз гӯшаи майхона паноҳе талабад,
То олами шӯрида қароре гирад.

* * *

Ман сарфабарам[1], ки бар сафам аъдо[2] зад,
Муште хокам, ки латма[3] бар дарё зад.
Мо теғи бараҳнаем дар дасти қазо,
Шуд кушта ҳар он, ки хешро бар мо зад.

* * *

Ҳуро ба назораи нигорам саф зад,
Ризвон ба аҷаб бимонду каф бар каф зад.

---

[1] **Сарфабар – фоидабар, судбар.**
[2] **Аъдо *(ар.)* – ҷамъи *аду*, душманон.**
[3] **Латма – зарба.**

Он холи сияҳ бар он рухи мутриф[1] зад,
Абдол[2] зи бим чанг дар мусҳаф[3] зад.

* * *

Гар ғарра ба умрӣ, ба табе бархезад
В-ин рӯзи ҷавонӣ ба шабе бархезад.
Бедод макун, ки мардумозории ту
Дар зери лабе ба «ё Рабе» бархезад.

* * *

Хоҳӣ, ки туро давлати аброр расад,
Мапсанд, ки аз ту бар кас озор расад.
Аз марг маяндешу ғами ризқ махӯр,
К-ин ҳар ду ба вақти хеш ночор расад.

* * *

Ин гидии[4] габр аз куҷо пайдо шуд?
Ин сурати қабр аз куҷо пайдо шуд?
Хуршеди моро зи дидаам пинҳон кард,
Ин лаккаи[5] абр аз куҷо пайдо шуд?

* * *

Анвои хато гарчи Худо мебахшад,
Ҳар исм ати(й)яе[6] ҷудо мебахшад.
Дар ҳар оне ҳақиқати оламро
Як исми фано, яке бақо мебахшад.

* * *

Дилхаставу синачок мебояд шуд
В-аз ҳастии хеш пок мебояд шуд.

---

[1] **Мутриф – моли нав, чизи тоза, *дар ин ҷо:* киноя аз ҷисми Одам дар рӯзи хилқат (офариниш).**
[2] **Абдол *(ар.)* – ҷамъи *бадал* ва *бадил*; мардуми шариф ва солеҳу накукор, мардони Худо, роҳнамоёни тариқат.**
[3] **Мусҳаф – 1. варақҳои саҳифабанд кардашуда; китоб, маҷмӯа. 2. Қуръон.**
[4] **Гид – номард.**
[5] **Лакка – порча.**
[6] **Ати(й)я – бахшиш, ато, тӯҳфа, ҳадя.**

Он беҳ, ки ба худ пок шавем охири хок,
Чун охири кор хок мебояд шуд.

* * *

Аз шабнами ишқ хоки одам гил шуд,
Шӯре бархосту фитнае ҳосил шуд.
Сарнаштари ишқ бар раги руҳ заданд,
Як қатраи хун чакиду номаш дил шуд.

* * *

То валвалаи[1] ишқи ту дар гӯшам шуд,
Ақлу хираду ҳуш фаромӯшам шуд.
То як варақ аз ишқи ту азбар кардам,
Сесад варақ аз ақл фаромӯшам шуд.

* * *

Аз лутфи ту ҳеч банда навмед нашуд,
Мақбули ту ҷуз мақбули ҷовид нашуд.
Меҳрат ба кадом зарра пайваст даме,
К-он зарра беҳ аз ҳазор хуршед нашуд?

* * *

Суфӣ ба самоъ даст аз он афшонад,
То оташи дил ба ҳилате биншонад.
Оқил донад, ки доя гаҳвораи тифл
Аз баҳри сукуни тифл меҷунбонад.

* * *

Кай ҳоли фитода ҳарзагарде донад,
Бедард куҷо лаззати дарде донад.
Номард ба чизе нахарад мардонро,
Марде бояд, ки қадри марде донад.

* * *

Асрори вуҷуд хому нопухта бимонд
В-он гавҳари бас шариф носуфта бимонд.
Ҳар кас ба далели ақл чизе гуфтанд,

[1] **Валвала – шӯру ғавғо; доду фарёд, вовайло.**

Он нукта, ки асл буд, ногуфта бимонд.

* * *

Ин умр ба абри навбаҳорон монад,
Ин дида ба сели кӯҳсорон монад.
Эй дӯст, чунон бизӣ, ки баъд аз мурдан
Ангуштгазидане ба ёрон монад.

* * *

Чарху маҳу меҳр дар таманнои туанд,
Ҷону дилу дида дар тамошои туанд.
Арвоҳи муқаддасони улвӣ[1] шабу рӯз
Абҷадхонони[2] лавҳи[3] савдои туанд.

* * *

Онҳо, ки зи маъбуд хабар ёфтаанд,
Аз ҷумлаи коинот сар ёфтаанд.
Дарюза[4] ҳамекунанд мардон зи назар,
Мардон ҳама аз қарб назар ёфтаанд.

* * *

З-он пеш, ки тоқи чархи аъло[5] задаанд
В-ин боргаҳи сипеҳри мино[6] задаанд,
Мо дар адамободи азал хуш хуфта,
Бе мо рақами ишқи ту бар мо задаанд.

* * *

Он рӯз, ки нур бар Сурайё бастанд
В-ин минтақа бар миёни Ҷавзо бастанд.
Дар катми адам ба сони оташ бар шамъ,
Ишқат ба ҳазор ришта бар мо бастанд.

* * *

---

[1] **Улвӣ – мансуб ба *улв,* олами боло, болоӣ.**
[2] **Абҷадхон – бачаи навомӯзи мактаб.**
[3] **Лавҳ – тахтачаи таълимӣ барои бачаҳои навомӯз.**
[4] **Дарюза – тиҳидастӣ, бенавоӣ, гадоӣ; қаландарӣ, дарвешӣ.**
[5] **Чархи аъло – осмони баланд.**
[6] **Сипеҳри мино – осмони нилгун, осмони кабуд.**

Он рӯз, ки нақши кӯҳу ҳомун бастанд,
Таркиби сиҳиқадони мавзун бастанд.
Побаста ба занҷири ҷунун ман будам,
Мардум сухане ба пойи Маҷнун бастанд.

* * *

Қавме зи хаёл дар ғурур уфтоданд
В-андар талаби ҳуру қусур[1] уфтоданд.
Қавме муташаккиканду[2] қавме ба яқин[3],
Аз кӯйи ту дури дури дур уфтоданд.

* * *

Ҳушам на мувофиқону хешон бурданд,
Ин каҷкулаҳони мӯпарешон бурданд.
Гӯянд: «Чаро ту дил бад-эшон додӣ?»
Валлоҳ, ки ман надодам, эшон бурданд.

* * *

Дар дайр шудам, моҳазаре[4] овparданд,
Яъне, зи шароб соғаре оварданд.
Кайфияти ӯ маро зи худ бехуд кард,
Бурданд марову дигаре оварданд.

* * *

Сабзии биҳишту навбаҳор аз ту баранд,
Он ҷо, ки ба хулд[5] ёдгор аз ту баранд.
Дар Чинистон нақшу нигор аз ту баранд,
Эрон ҳама фоли рӯзгор аз ту баранд.

* * *

Мардони Худо зи хокдони дигаранд,

---

[1] **Қусур – қасрҳо.**
[2] **Муташаккик – гумонкунанда, шаккунанда.**
[3] **Яқин – дар муқобили *гумон:* бешубҳа, бешак(к), чизе, ки вуҷудаш мусаллам аст.**
[4] **Моҳазар – таоми ками бетакаллуф, ки дар вақти даркорӣ мавҷуд ва ҳозир бошад.**
[5] **Хулд – биҳишт.**

Мурғони ҳаво зи ошёни дигаранд.
Мангар ту ба ин чашм бад-эшон, к-эшон
Фориғ зи ду кавн дар макони дигаранд.

* * *

Ёрам ҳама неш бар сари неш занад,
Гӯям, ки мазан, ситезаро беш занад.
Чун дар дили ман мақом дорад шабу рӯз,
Метарсам аз он, ки неш бар хеш занад.

* * *

Он кас, ки ба кӯҳи[1] зулм хиргоҳ занад,
Худро ба дами оҳи саҳаргоҳ занад.
Эй роҳзан, аз даври мукофот битарс,
Роҳе, ки занӣ, туро ҳамон роҳ занад.

* * *

Хубон ҳама сайди субҳхезон бошанд,
Дар банди дуои ашкрезон бошанд.
То ту саги нафсро ба фармон бошӣ,
Оҳучашмон аз ту гурезон бошанд.

* * *

Дар мадраса асбоби амал мебахшанд,
Дар майкада лаззати азал мебахшанд.
Он ҷо, ки бинои хонаи риндон аст,
Сармояи имон ба сабал[2] мебахшанд.

* * *

Ошиқ ҳама дам фикри ғами дӯст кунад,
Маъшуқ карашмае, ки некуст, кунад.
Мо ҷурму гунаҳ кунему ӯ – лутфу карам,
Ҳар кас чизе, ки лоиқи ӯст, кунад.

* * *

Наққош агар зи мӯй паргор кунад,

---

[1] **Дар баъзе нусхаҳо ба ҷойи «кӯҳи» «кӯйи» омадааст.**
[2] **Сабал – дашном.**

Нақши даҳани танги ту душвор кунад.
Он тангиву нозукӣ, ки дорад даҳанат,
Тарсам, ки нафас лаби ту афгор кунад.

* * *

Бо шеру паланг ҳар кӣ омез кунад,
Аз тири дуои фақр парҳез кунад.
Оҳи дили дарвеш ба сӯҳон[1] монад,
Гар худ набурад, бурандаро тез кунад.

* * *

Не дида бувад, ки ҷустуҷӯяш накунад,
Не кому забон, ки гуфтугӯяш накунад.
Ҳар дил, ки дар ӯ бӯйи вафое набувад,
Гар пеши саг афкананд, бӯяш накунад.

* * *

Дар чанги ғами ту дил суруде накунад,
Пеши ту фиғону нола суде накунад.
Нолем ба нолае, ки огаҳ нашавӣ,
Сӯзем ба оташе, ки дуде накунад.

* * *

Хоҳӣ, ки Худо кори наку бо ту кунад,
Арвоҳи малоик ҳама рӯ бо ту кунад.
Ё ҳарчи ризои Ӯ дар он аст, бикун,
Ё розӣ шав ҳарончи Ӯ бо ту кунад.

* * *

З-он хубтарӣ, ки кас хаёли ту кунад,
Ё ҳамчу мане фикри висоли ту кунад.
Шояд, ки ба офариниши худ нозад,
Эзид, ки тамошои ҷамоли ту кунад.

* * *

[1] **Сӯҳон – асбоби пӯлодӣ ва дорои сатҳи ноҳамвор, ки барои соидан ва тез кардани корд, дос, қайчӣ ва дигар абзори бурриш ба кор меравад.**

Ошиқ, ки тавозуъ нанамояд, чӣ кунад?
Шабҳо, ки ба кӯйи ту наояд, чӣ кунад?
Гар бӯса диҳад зулфи туро, ранҷа машав,
Девона, ки занҷир нахояд, чӣ кунад?

* * *

Дил гар раҳи ишқи ӯ напӯяд, чӣ кунад?
Ҷон давлати васли ӯ наҷӯяд, чӣ кунад?
Он лаҳза, ки бар ойина тобад хуршед,
Ойина «ана-ш-шамс»[1] нагӯяд, чӣ кунад?

* * *

Эй бод, ба хоки Мустафоят савганд,
Борон, ба Алии Муртазоят савганд.
Уфтода ба гиря халқ, бас кун, бас кун,
Дарё, ба шаҳиди Карбалоят савганд.

* * *

Дарвешонанд, ҳар он чи ҳаст, эшонанд,
Дар суффаи ёр дар сафи пешонанд.
Хоҳӣ, ки миси вуҷуд зар гардонӣ,
Бо эшон бош, кимиё эшонанд.

* * *

Гар адл кунӣ, бирри[2] ҷаҳонат хонанд
В-ар зулм кунӣ, саги авонат[3] хонанд.
Чашми хирадат боз куну нек бубин,
То з-ин ду кадом беҳ, ки онат хонанд.

* * *

Гаҳ зоҳиди тасбеҳбадастам хонанд,
Гаҳ ринди хароботию мастам хонанд.
Эй вой ба рӯзгори мастурии[4] ман,
Гар з-он ки маро чунон ки ҳастам, хонанд.

---

[1] **«Ана-ш-шамс»** ***(ар.)*** **– «манам хуршед».**
[2] **Бир(р) – некӣ; эҳсону бахшиш.**
[3] **Авон – сарҳанги девони подшоҳӣ.**
[4] **Мастурӣ – пӯшидагӣ; пинҳонӣ.**

* * *

Шаб хез, ки ошиқон ба шаб роз кунанд,
Гирди дару боми дӯст парвоз кунанд.
Ҳар ҷо, ки даре бувад, ба шаб барбанданд,
Илло дари ошиқон, ки шаб боз кунанд.

* * *

Мардони раҳаш майл ба ҳастӣ накунанд,
Худбинию хештанпарастӣ накунанд.
Ҳар ҷо, ки муҷаррадони Ҳақ май нӯшанд,
Хумхона тиҳӣ кунанду мастӣ накунанд.

* * *

Халқони Ту, эй Ҷалол, гуногунанд,
Гоҳе чу алиф рост, гаҳе чун нунанд.
Дар ҳазрати аҷлол чунон маҷнунанд,
К-аз хотиру фаҳми одамӣ берунанд.

* * *

Мардони Ту дил ба меҳри гардун naниҳанд,
Лаб бар лаби ин косаи пурхун наниҳанд.
Дар доираи аҳли вафо чун паргор
Гар сар биниҳанд, пой берун наниҳанд.

* * *

Душман чу ба мо дарнигарад, бад бинад,
Айбе, ки бари мост, яке сад бинад.
Мо ойинаем, ҳар кӣ дар мо нигарад,
Ҳар неку баде, ки бинад, аз худ бинад.

* * *

Комил зи яке ҳунар даҳу сад бинад,
Ноқис ҳама ҷо маоиби[1] худ бинад.
Халқ ойинаи чашму дили якдигаранд,
Дар ойина нек неку бад бад бинад.

* * *

---

[1] **Маоиб *(ар.)* – ҷамъи *маоб*, айбҳо, камбудҳо, нуқсон.**

Дар ишқи ту гоҳ бутпарастам гӯянд,
Гаҳ ринди хароботию мастам гӯянд.
Инҳо ҳама аз баҳри шикастам гӯянд,
Ман шод ба ин ки ҳар чӣ ҳастам, гӯянд.

* * *

Он рӯз, ки банда оваридӣ ба вуҷуд,
Медонистӣ, ки банда чун хоҳад буд.
Ё Раб, Ту гуноҳи банда бар банда магир,
К-ин банда ҳамон кунад, ки тақдири Ту буд.

* * *

Аввал рухи худ ба мо набояст намуд,
То оташи мо ҷойи дигар гардад дуд.
Акнун, ки намудиву рабудӣ дили мо,
Ночор туро дилбари мо бояд буд.

* * *

Аввал, ки маро ишқи нигорам бирабуд,
Ҳамсояи ман зи нолаи ман нағунуд[1].
В-акнун кам шуд нола, чу дардам бифузуд,
Оташ чу ҳама гирифт, кам гардад дуд.

* * *

Чандон, ки ба кӯи салма[2] тор асту пуд,
Чандон, ки дарахти мевадор асту муруд.
Чандон, ки ситора аст бар чархи кабуд,
Аз мо ба бари дӯст салом асту дуруд.

* * *

Рафтам ба калисиёи тарсову яҳуд,
Дидам ҳама бо ёди Ту дар гуфтушунуд.
Бо ёди висоли Ту ба бутхона шудам,
Тасбеҳи бутон замзамаи зикри Ту буд.

* * *

---

[1] **Нағунуд – нахобид.**
[2] **Салма – номи гиёҳест биёбонӣ.**

З-аввал раҳи ишқи ту маро саҳл[1] намуд,
Пиндошт, расад ба манзили васли ту зуд.
Гоме ду-се рафту роҳро дарё дид,
Чун пой дарун ниҳод, мавҷаш бирабуд.

* * *

Фардо, ки заволи шаш ҷиҳат хоҳад буд,
Қадри ту ба қадри маърифат хоҳад буд.
Дар ҳусни сифат кӯш, ки дар рӯзи ҷазо[2]
Ҳашри[3] ту ба сурати сифат хоҳад буд.

* * *

Гар мулки ту Шому гар Яман хоҳад буд
В-аз сарҳади Чин то Хутан хоҳад буд.
Рӯзе, ки аз ин саро кунӣ азми сафар,
Ҳамроҳи ту ҳафт газ замин хоҳад буд.

* * *

Гӯянд ба ҳашр гуфтугӯ хоҳад буд
В-он ёри азиз тундхӯ хоҳад буд.
Аз хайййри[4] маҳз ҷуз накуӣ н-ояд,
Хуш бош, ки оқибат наку хоҳад буд.

* * *

Ошиқ, ки ғамаш бар ҳама кас зоҳир буд,
Ҷамъияти ӯ тафриқаи[5] хотир буд.
Дар даҳр даме хуш назада, шод бизист,
Гӯё, ки дами хушаш дами охир буд.

* * *

Он кас, ки зи рӯйи илму дин аҳл бувад,
Донад, ки ҷавоби шубҳа бас саҳл бувад.
Илми азалӣ иллати исён будан,

---

[1] **Саҳл – осон, сабук, сода.**
[2] **Рӯзи ҷазо – рӯзи қиёмат.**
[3] **Ҳашр – қиёмат, растахез.**
[4] **Хайййр – хайркунанда, карим, некукор, бисёр некукор.**
[5] **Тафриқа – пароканд агӣ.**

Пеши ҳукамо зи ғояти ҷаҳл бувад.

* * *

З-он нола, ки дар бистари ғам дӯшам буд,
Ғамҳои ҷаҳон ҷумла фаромӯшам буд.
Ёрон ҳама дарди ман шуниданд, вале
Ёре, ки дар ӯ кард асар, гӯшам буд.

* * *

Бахшой бар он ки ҷуз ту ёраш набувад,
Ҷуз хӯрдани андӯҳи ту кораш набувад.
Дар ишқи ту ҳолатеш бошад, ки даме
Ҳам бо туву ҳам бе ту қарораш набувад.

* * *

Он вақт, ки ин анҷуму афлок набуд
В-ин обу ҳавову оташу хок набуд.
Асрори ягонагӣ сабақ мегуфтам
В-ин қолабу ин нолаву идрок набуд.

* * *

Ҷое ки ту бошӣ, асари ғам набувад,
Он ҷо ки набошӣ, дили хуррам набувад.
Онро ки зи фурқати ту як дам набувад,
Шодии замину осмон кам набувад.

* * *

Ошиқ ба яқин дон, ки мусалмон набувад,
Дар мазҳаби ишқ куфру имон набувад.
Дар ишқ дилу ақлу тану ҷон набувад,
Ҳар кас, ки чунин бошад, нодон набувад.

* * *

Он кас, ки зи ҷаври чарх афсурда набуд,
Не гул, ки дар ин замона пажмурда набуд.
Онро, ки биёмадаст, зебо омад,
Донӣ, ки биёмада чу оварда набуд.

* * *

Ҳарчанд, ки ҷони ориф огоҳ бувад,
Кай дар ҳарами қудси туаш роҳ бувад.
Дасти ҳама аҳли кашфу арбоби шуҳуд
Аз домани идроки ту кӯтоҳ бувад.

* * *

Дӯшам ба тараб буд, на дилтангӣ буд,
Сайрам ҳама дар олами якрангӣ буд.
Мерафтам, агарчи аз сари лангӣ буд,
Ман будаму санги ман думансангӣ буд.

* * *

Ҳар к-ӯ зи дари умр дарояд, биравад,
Чизеш ба ҷуз ғам накушояд, биравад.
Аз сирри сухан касе нишоне надиҳад,
Жоже ду-се ҳар касе бихояд, биравад.

* * *

Ошиқ, ки ғами ҷони харобаш наравад,
То ҷон бувад, аз ҷон табу тобаш наравад.
Хосияти симоб бувад ошиқро,
То кушта нагардад, изтиробаш наравад.

* * *

Дар дил чу качист, рӯй бар хок чӣ суд?
Чун заҳр ба дил расид, тарёк чӣ суд?
Ту зоҳири худ ба ҷома оростаӣ,
Дилҳои палиду ҷомаи пок чӣ суд?

* * *

Дар дил ҳама ширку рӯй бар хок чӣ суд?
Бо нафси палид ҷомаи пок чӣ суд?
Заҳр аст гуноҳу тавба тарёки вай аст,
Чун заҳр ба дил расид, тарёк чӣ суд?

* * *

Рӯзе, ки чароғи умр хомӯш шавад,
Дар бистари марг ақл мадҳуш шавад.
Бо бедардон макун, Худоё, ҳашрам,

Тарсам, ки муҳаббатам фаромӯш шавад.

* * *

Гар душмани мардон ҳамагӣ ҳарқ[1] шавад,
Ҳам барқсифат ба хештан барқ шавад.
Гар саг ба масал даруни дарё биравад,
Дарё нашавад палиду саг ғарқ шавад.

* * *

То мард ба теғи ишқ бесар нашавад,
Андар раҳи ишқу ошиқӣ барнашавад.
Ҳам ёр талаб куневу ҳам сар хоҳӣ,
Оре, хоҳӣ, вале муяссар нашавад.

* * *

То дил зи алоиқи[2] ҷаҳон ҳур[3] нашавад,
Андар садафи вуҷуди мо дур(р) нашавад.
Пур менашавад косаи сарҳо зи ҳавас,
Ҳар коса, ки сарнагун бувад, пур нашавад.

* * *

Ҳаргиз дилам аз ёди ту ғофил нашавад,
Гар ҷон бишавад, меҳри ту аз дил нашавад.
Уфтода зи рӯйи ту дар ойинаи дил
Аксе, ки ба ҳеч ваҳҷ зоил нашавад.

* * *

То мадрасаву манора вайрон нашавад,
Ин кори қаландарӣ ба сомон нашавад.
То имон куфру куфр имон нашавад,
Як банда ҳақиқатан мусалмон нашавад.

* * *

Як зарра зи ҳадди хеш берун нашавад,
Худбинонро маърифат афзун нашавад.

[1] **Ҳарқ – сӯхтан, сӯзиш.**
[2] **Алоиқ *(ар.)* – ҷамъи *алоқа,* пайвастагиҳо.**
[3] **Ҳур – озод.**

Он факр, ки Мустафо бар он фахр кунад,
Он ҷо нарасӣ, то ҷигарат хун нашавад.

* * *

Гуфтӣ, ки шаб оям, арчи бегоҳ шавад,
Шояд ки забони халқ кӯтоҳ шавад.
Бар хуфта куҷо ниҳон тавонӣ кардан,
К-аз бӯйи хуши ту мурда огоҳ шавад.

* * *

Ё Раб, бираҳониям зи ҳирмон, чӣ шавад?
Роҳе диҳиям ба кӯйи ирфон, чӣ шавад?
Бас габр, ки аз карам мусалмон кардӣ,
Як габри дигар кунӣ мусалмон, чӣ шавад?

* * *

Он ришта, ки бар лаъли лабат суда шавад
В-аз нӯши даҳонат ашколуда шавад.
Хоҳам, ки бад-ин синаи чокам дӯзӣ,
Шояд ки ба ғамҳои ту осуда шавад.

* * *

Рӯзе, ки ҷамоли дилбарам дида шавад,
Аз фарқи сарам то ба қадам дида шавад.
То ман ба ҳазор дида рӯяш нигарам,
Оре, ба ду дида дӯст кам дида шавад.

* * *

Ар куштани ман ду чашми мастат хоҳад,
Шак нест, ки табъи бутпарастат хоҳад.
Тарсанда аз онам, ки агар бар дастат
Ман кушта шавам, кӣ узри дастат хоҳад?

* * *

Дил васли ту, эй меҳргусил, мехоҳад,
Айёми висол муттасил[1] мехоҳад.
Мақсуди ман аз висол бошад васлат,

---

[1] **Муттасил – пайваст, васл.**

Уммед чунон шавад, ки дил мехоҳад.

* * *

Дилбар дили хаста ройгон мехоҳад,
Бифристам, гар дилаш чунон мехоҳад.
В-он гаҳ ба назора дида бар раҳ биниҳам,
То мужда кӣ оварад, ки ҷон мехоҳад.

* * *

Як ними рухат «аласту минкум би баъид»,
Як ними дигар «инна азобӣ ла шадид».
Бар гирди рухат набишта «юҳйӣ ва юмит»,
«Ман мота мина-л-ишқи фа қад мота шаҳид».

* * *

Овард сабо гуле зи гулзори умед,
Ё руҳи қудус шаҳпаре афканд сапед,
Ё кард сабо шақ вароқе аз хуршед,
Ё номаи ёр аст, ки овард навид.

* * *

Гӯшам чу ҳадиси дарди чашми ту шунид,
Филҳол дилам хун шуду аз дида чакид.
Чашми ту наку шавад, ба ман чун нигарӣ,
То кӯр шавад, ҳар он ки натвонад дид.

* * *

Ҳарчанд ки дида рӯйи хуби ту надид,
Як гул зи гулистони висоли ту начид.
Аммо дили савдозада дар муддати умр
Ҷуз васфи ҷамоли ту нагуфту нашунид.

* * *

Маъшуқаи хонагӣ ба коре н-ояд,
К-ӯ дил бараду рӯй ба кас нанмояд.
Маъшуқа хароботию мутриб бояд,
То нимашабон занону кӯбон ояд.

* * *

Дар боғ равам, кӯйи туам ёд ояд,
Бар гул нигарам, рӯйи туам ёд ояд.
Дар сояи сарв агар даме биншинам,
Сарви қади дилҷӯйи туам ёд ояд.

* * *

Ёди ту кунам, дилам ба фарёд ояд,
Номи ту барам, умри шуда ёд ояд.
Ҳар гаҳ, ки маро ҳадиси ту ёд ояд,
Бо ман дару девор ба фарёд ояд.

* * *

Пирем, вале чу ишқро соз ояд,
Ҳангоми нишоту тарабу ноз ояд.
Аз зулфи сиёҳи ту каманде фиканем
Бар гардани умри рафта, то боз ояд.

* * *

Дар дӯзахам ар зулфи ту дар чанг ояд,
Аз ҳоли биҳиштиён маро нанг ояд.
В-ар бе ту ба саҳрои биҳиштам хонанд,
Саҳрои биҳишт бар дилам танг ояд.

* * *

Эй хоҷа, зи фикри гӯр ғам мебояд,
Андар дилу дида сӯзу нам мебояд.
Сад вақт барои кори дунё дорӣ,
Як вақт ба фикри гӯр ҳам мебояд.

* * *

Чашме ба саҳоб[1] ҳамнишин мебояд,
Хотир ба нишот хашмгин мебояд.
Сар бар сари дору сина бар синаи теғ,
Осоиши ошиқон чунин мебояд.

* * *

Эй ишқ, ба дарди ту саре мебояд,

[1] **Саҳоб – абр.**

Сайди ту зи ман қавитаре мебояд.
Ман мурғи ба як шуъла кабобам, бигузор,
К-ин оташро самандаре мебояд.

* * *

Осон гули боғи муддао натвон чид,
Бе сарзаниши хори ҷафо натвон чид.
Бишкуфта гули мурод бар шохи умед,
То сар нанињӣ ба зери по, натвон чид.

* * *

Ҷонам ба лаб аз лаъли хамӯши ту расид,
Аз лаъли хамӯши боданӯши ту расид.
Гӯши ту шунидаам, ки дарде дорад,
Дарди дили ман магар ба гӯши ту расид.

* * *

Гулзори вафо зи хори ман мерӯяд,
Ихлос зи раҳгузори ман мерӯяд.
Дар фикри ту дӯш сар ба зону будам,
Имрӯз гул аз канори ман мерӯяд.

* * *

Ҳар сурати дилкаш, ки туро рӯй намуд,
Хоҳад фалакаш зуд зи чашми ман рабуд.
Рав, дил ба касе деҳ, ки дар атвори вуҷуд
Будаст ҳамешаву дигар хоҳад буд.

* * *

Бешак алиф аст Аҳад, аз Ӯ ҷӯй мадад
В-аз шахси Аҳад ба зоҳир омад Аҳмад.
Дар арз Муҳаммад шуду маҳмуд омад,
Аз «қолаллоҳ»-у «қул Ҳуваллоҳу Аҳад».

* * *

Аз дафтари ишқ ҳар кӣ фарде дорад,
Ашки гулгун, чеҳраи зарде дорад.
Бар гирди саре равад, ки шӯрест дар ӯ,
Қурбони диле шавад, ки дарде дорад.

* * *

З-он пеш, ки тоқи чархи аъло задаанд
В-ин боргаҳи сипеҳри мино задаанд.
Мо дар адамободи азал хуш хуфта,
Бе мо рақами ишқи ту бар мо задаанд.

* * *

Ё Раб, ба ду нури дидаи Пайғамбар,
Яъне ба ду шамъи дудмони[1] Ҳайдар.
Бар ҳоли ман аз айни иноят бинигар,
Дорам назари он, ки наяфтам зи назар.

* * *

То чанд ҳадиси қомату зулфи нигор,
То кай бошӣ ту толиби бӯсу канор.
Гар з-он ки наӣ дурӯғзан ошиқвор,
Дар ишқ чу ӯ ҳазор чун ӯ бигузор.

* * *

Чашмам, ки надошт тоби наззораи ёр,
Шуд ашкфишон ба пеши он симъузор.
Дар сели сиришк акси рухсораш дид,
Нақши аҷабе бар об зад охири кор.

* * *

Сарриштаи давлат, эй бародар, ба каф ор
В-ин умри гиромӣ ба хисорат магузор.
Доим ҳама ҷо, бо ҳама кас, дар ҳама кор
Медор нуҳуфта чашми дил ҷониби ёр.

* * *

Ноқуснавоз гар зи ман дорад ор,
Саҷҷоданишин агар зи ман карда канор.
Ман низ ба рағми ҳар ду андохтаам
Тасбеҳ дар оташ, оташ андар зуннор.

* * *

[1] **Дудмон – хонадон, оила, қабила.**

Ҳар дур(р), ки зи баҳри ашкам уфтад ба канор,
Дар риштаи ҷони худ кашам гавҳарвор.
Гирам ба кафаш чу сабҳа дар фурқати ёр,
Яъне, ки намезанам нафас ҷуз ба шумор.

* * *

Ё Раб, бигушо гireҳ зи кори мани зор,
Раҳме, ки зи ақл оҷизам дар ҳама кор.
Ҷуз даргаҳи Ту кай бувадам даргоҳе,
Маҳрум аз ин дарам макун, ё Ғаффор.

* * *

Бӯстони рухи ту гулситон орад бор,
Лаъли ту ҳаёти ҷовидон орад бор.
Бар хок фишон қатрае аз лаъли лабат,
То буму бари замона ҷон орад бор.

* * *

Гуфтам: «Чашмам». Гуфт: «Ба роҳаш медор»,
Гуфтам: «Ҷигарам». Гуфт: «Пуроҳаш медор».
Гуфтам, ки: «Дилам». Гуфт: «Чӣ дорӣ дар дил?»
Гуфтам: «Ғами ту». Гуфт: «Нигоҳаш медор».

* * *

Ё Раб, дар дил ба ғайри худ ҷо магузор,
Дар дидаи ман гарди таманно магузор.
Гуфтам, гуфтам, зи ман намеояд ҳеч,
Раҳме, раҳме, маро ба ман вомагузор.

* * *

Бо ёри мувофиқ ошноӣ хуштар
В-аз ҳамдами бевафо ҷудоӣ хуштар.
Чун салтанати замона бигзоштанист,
Пайванд ба мулки бенавоӣ хуштар.

* * *

Ё Раб, ба карам бар мани дарвеш нигар,
Бар ман манигар, бар карами Хеш нигар.
Ҳарчанд наям лоиқи бахшоиши Ту,

Бар ҳоли мани хастаи дилреш нигар.

* * *

Лаззоти ҷаҳон чашида бошӣ ҳама умр,
Бо ёри худ орамида бошӣ ҳама умр.
Ҳам охири кор реҳлатат бояд кард,
Хобе бошад, ки дида бошӣ ҳама умр.

* * *

Имрӯз манам ба зӯру бозу мағрур,
Яктоии ман бувад ба олам машҳур.
Ман ҳамчу зумуррадам, аду – чун афъӣ,
Дар дидаи ман назар кунад, гардад кӯр.

* * *

Эй пушти ту гарм карда санҷобу самур[1],
Яксон ба мазоқи ту чи ширину чи шӯр.
Аз ҷониби ишқ бонг бар бонги ту кар
В-аз ҷониби ҳусн арз дар арзи ту кӯр.

* * *

Эй дар талаби Ту оламе дар шару шӯр,
Наздики Ту дарвешу тавонгар ҳама ур[2].
Эй бо ҳама дар ҳадису гӯши ҳама кар
В-эй бо ҳама дар ҳузуру чашми ҳама кӯр.

* * *

Хуршед чу бар фалак занад рояти нур,
Дар партави он хира шавад дида зи дур.
В-он дам, ки кунад зи пардаи абр зуҳур,
«Фа-н-нозиру яҷтали(ҳ) мин ғайри қусур».

* * *

Гар дур фитодам зи висолат ба зарур,

---

[1] **Самур – ҷонварест, шабеҳ ба рӯбоҳ, аммо кӯчактар аз он, рангаш сурхи моил ба сиёҳӣ. Ӯро барои пӯсташ шикор мекунанд ва пӯстashро барои сохтани дасткаш ва астари либос ба кор мебаранд.**
[2] **Ур – урён.**

Дорад дилам аз ёди ту сад навъ ҳузур.
Хосияти сояи ту дорам, ки мудом
Наздики туам, агарчи меуфтам дур.

* * *

Ҳар луқма, ки бар хони авон аст, махӯр,
Гар нафси туро роҳати ҷон аст, махӯр.
Гар нафси туро асал намояд ба масал,
Он хуни дили пиразанон аст, махӯр.

* * *

Дар боргаҳи ҷалолат, эй узрпазир,
Дарёб, ки ман омадаам зору ҳақир.
Аз Ту ҳама раҳмат асту аз ман – тақсир,
Ман ҳеч наям, ҳама Туӣ, дастам гир.

* * *

Дар базми ту, эй шӯх, манам зору асир
В-аз куштани ман ҳеч надорӣ тақсир.
Бо ғайр сухан гӯйӣ, к-«аз рашк бисӯз»,
Сӯям накунӣ нигаҳ, ки «аз ғусса бимир».

* * *

Шамшер бувад абрӯйи он бадри мунир
В-он дида ба хун хӯрдан чуст аст чу шер.
Аз як сӯ шеру аз дигар сӯ шамшер,
Мискин дили ман миёни шеру шамшер.

* * *

Маҷнуну парешони туам, дастам гир,
Саргаштаву ҳайрони туам, дастам гир.
Ҳар бесарупо чу дастгире дорад,
Ман бесарусомони туам, дастам гир.

* * *

Эй фазли Ту дастгири ман, дастам гир,
Сер омадаам зи хештан, дастам гир.
То чанд кунам тавбаву то кай шиканам,
Эй тавбадеҳу тавбашикан, дастам гир.

* * *

Гуфтам, ки: «Дилам». Гуфт: «Кабобе кам гир»,
Гуфтам: «Чашмам». Гуфт: «Саробе[1] кам гир».
Гуфтам: «Ҷонам». Гуфт, ки: «Дар олами ишқ
Бисёр хароб аст, харобе кам гир».

* * *

Огоҳ бизӣ, эй дилу огоҳ бимир,
Чун толиби манзилӣ ту, дар роҳ бимир.
Ишқ аст ба сони зиндагонӣ в-арна
З-ин сон ки туӣ, хоҳ бизӣ, хоҳ бимир.

* * *

Эй сирри Ту дар синаи ҳар маҳрами роз,
Пайваста дари раҳмати Ту бар ҳама боз.
Ҳар кас, ки ба даргоҳи Ту овард ниёз,
Маҳрум зи даргоҳи Ту кай гардад боз.

* * *

То рӯйи туро бидидам, эй шамъи Тароз,
Не кор кунам, на рӯза дорам, на намоз.
Чун бо ту бувам, маҷози ман ҷумла намоз,
Чун бе ту бувам, намози ман ҷумла маҷоз.

* * *

Дар хидмати ту чу сарф шуд умри дароз,
Гуфтам, ки магар ба ту шавам маҳрами роз.
Кай донистам, ки баъди чандин такутоз,
Дар ту нарасам, аз ду ҷаҳон монам боз.

* * *

Дар ҳар саҳаре бо Ту ҳамегӯям роз,
Бар даргаҳи Ту ҳамекунам арзи ниёз.
Бе миннати бандагонат, эй бандanавоз,
Кори мани бечораи саргашта бисоз.

[1] **Сароб – шӯразор; тобишу равшании офтоб дар биёбон, ки аз дур мисли об ба назар ояд.**

* * *

Ман будам дӯшу он бути банданавоз,
Аз ман ҳама лоба буду аз вай ҳама ноз.
Шаб рафту ҳадиси мо ба поён нарасид,
Шабро чӣ гунаҳ, қиссаи мо буд дароз.

* * *

Гар чашми ту дар мақоми ноз ояд боз,
Бемори ту бар сари ниёз ояд боз.
В-ар ҳусни ту як ҷилва кунад бар ориф,
Аз роҳи ҳақиқат ба маҷоз ояд боз.

* * *

Дил ҷуз раҳи ишқи ту напӯяд ҳаргиз,
Ҷон ҷуз сухани ишқ нагӯяд ҳаргиз.
Саҳрои дилам ишқи ту шӯристон кард,
То меҳри касе дар он нарӯяд ҳаргиз.

* * *

Донӣ, ки маро ёр чӣ гуфтаст имрӯз:
«Ҷуз мо ба касе дарманигар, дида бидӯз».
Аз чеҳраи хеш оташе афрӯзад,
Яъне, ки биёву дар раҳи дӯст бидӯз.

* * *

Ҷаҳде бикун,ар пандпазирӣ, ду-се рӯз,
То пештар аз марг бимирӣ ду-се рӯз.
Дунё зани пирест, чӣ бошад,ар ту
Бо пиразане унс бигирӣ ду-се рӯз.

* * *

Дилхаставу ҷонфигору мижгон хунрез,
Рафтам бари он ёри маҳи меҳрангез.
Ман ҷой накарда гарм, гардун ба ситез
Зад бонг, ки: «Ҳон, чанд нишинӣ, бархез».

* * *

Аллоҳ, ба фарёди мани бекас рас,
Фазлу карамат ёри мани бекас бас.

Ҳар кас ба касею ҳазрате менозад,
Ҷуз ҳазрати Ту надорад ин бекас кас.

* * *

Эй ҷумлаи бекасони оламро кас,
Як ҷав карамат тамоми оламро бас.
Ман бекасаму Ту бекасонро ёрӣ,
Ё Раб, Ту ба фарёди мани бекас рас.

* * *

Наврӯз шуду ҷаҳон баровард нафас,
Ҳосил зи баҳори умр моро ғаму бас.
Аз қофилаи баҳор н-омад овоз,
То лола ба боғ сарнагун сохт ҷарас.

* * *

Дорам дилаке ғамин, биёмурзу мапурс,
Сад воқеа дар камин, биёмурзу мапурс.
Шарманда шавам агар бипурсӣ амалам,
Ё Акрами акрамин, биёмурзу мапурс.

* * *

Дар дил дардест аз ту пинҳон, ки мапурс,
Танг омада чандон дилам аз ҷон, ки мапурс.
Бо ин ҳама ҳолу дар чунин танг диле
Ҷо карда муҳаббати ту чандон, ки мапурс.

* * *

Эй шавқи ту дар мазоқ чандон, ки мапурс,
Ҷонро ба ту иштиёқ чандон, ки мапурс.
Он даст, ки доштам ба домони висол,
Бар сар задам аз фироқ чандон, ки мапурс.

* * *

Шоҳо, зи дуои марди огоҳ битарс,
Аз сӯзи дилу оҳи саҳаргоҳ битарс.
Бар лашкару бар сипоҳи худ ғарра машав,
Аз омадани сели баногоҳ битарс.

* * *

Андар сафи дӯстони мо бошу матарс,
Хоки дари остони мо бошу матарс.
Гар ҷумла ҷаҳон қасд ба ҷони ту кунанд,
Фориғдил шав, аз они мо бошу матарс.

* * *

Эй ойинаи зоти Ту зоти ҳама кас,
Миръоти[1] сифоти Ту сифоти ҳама кас.
Зомин шудам аз баҳри наҷоти ҳама кас,
Бар ман бинавис саййиоти[2] ҳама кас.

* * *

Эй воқифи асрори замири ҳама кас,
Дар ҳолати аҷз дастгири ҳама кас.
Ё Раб, Ту маро тавба деҳу узр пазир,
Эй тавбадеҳу узрпазири ҳама кас.

* * *

То дарназанӣ ба ҳар чӣ дорӣ оташ,
Ҳаргиз нашавад ҳақиқати ҳоли ту х(в)аш.
Андар як дил ду дӯстӣ н-ояд худ,
Моро хоҳӣ, хате ба олам даркаш.

* * *

Чун зоти ту манфӣ бувад, эй соҳиби ҳуш,
Аз нисбати афъол ба худ бош хамӯш.
Ширин масале шунав, макун рӯй туруш,
«Саббиту-л-Арша аввалан сумма нуқуш».

* * *

Чун теша мабошу ҷумла бар худ матарош,
Чун ранда зи кори хеш бебаҳра мабош.
Таълим зи арра гир дар касби маош,
Ниме сӯйи худ мекашу ниме мепош.

---

[1] **Миръот** ***(ар.)*** **– ойина.**
[2] **Саййиот** ***(ар.)*** **– гуноҳон.**

* * *

Дар майдон о, бо сипару тиркаш бош,
Сар ҳеҷ ба худ макаш, ба мо саркаш бош.
Гӯ хоҳ замона обу хоҳ оташ бош,
Ту шод бизию дар миёна х(в)аш бош.

* * *

Гар қурби Худо металабӣ, дилҷӯ бош
В-андар пасу пеши халқ некугӯ бош.
Хоҳӣ, ки чу субҳ содиқу-л-қавл шавӣ,
Хуршедсифат бо ҳама кас якрӯ бош.

* * *

Шоҳӣ талабӣ, бирав гадои ҳама бош,
Бегона зи хешу ошнои ҳама бош.
Хоҳӣ, ки туро чу тоҷ бар сар доранд,
Дасти ҳама гиру хоки пойи ҳама бош.

* * *

Чун шаб бирасад, зи субҳхезон мебош,
Чун шом шавад, зи ашкрезон мебош.
Овез дар он ки ногузир аст туро
В-аз ҳар чӣ хилофи ӯ, гурезон мебош.

* * *

Аз қадди баланди ёру зулфи пасташ
В-аз наргиси бе хумору бе май масташ.
Тарсо ба калисиёи габрам бинӣ,
Ноқус ба дастею ба дасте дасташ.

* * *

Дил ҷойи ту шуд в-агарна пурхун кунамаш,
Дар дида туӣ в-агарна Ҷайҳун кунамаш.
Уммеди висоли туст ҷонро в-арна
Аз тан ба ҳазор ҳила берун кунамаш.

* * *

Савдои туам дари ҷунун мезад дӯш,
Дарёи ду дида мавҷи хун мезад дӯш.

Дар нимашабе хайли хаёли ту расид
В-арна ҷонам хайма бурун мезад дӯш.

* * *

Дорам гунаҳон зи қатраи борон беш,
Аз шарми гунаҳ фикандаам сар дар пеш.
Овоз ояд, ки: «Саҳл бошад дарвеш,
Ту дархури худ кунию мо – дархури хеш».

* * *

Шӯхе, ки ба дида буд доим ҷояш,
Рафт аз назарам сарви қади раънояш.
Гашт аз пайи ӯ қатразанон мардуми чашм,
Чандон ки зи ашк обила шуд бар пояш.

* * *

Оташ ба ду дасти хеш бар хирмани хеш
Чун худ задаам, чӣ нолам аз душмани хеш?
Кас душмани ман нест, манам душмани хеш,
Эй вои ману дасти ману домани хеш!

* * *

Пайваста маро зи Холиқи ҷисму араз,
Ҳаққо, ки ҳамин буду ҳамин аст ғараз.
К-он ҷисми латифро ба хилватгаҳи ноз
Фориғ бинам ҳамеша з-осеби мараз[1].

* * *

Эй бар сари ҳарфи ину он нозада хат,
Пиндори дуӣ далели буъд[2] аст ба хат.
Дар ҷумлаи коинот бе саҳву ғалат
Як айн фаҳасб дону як зот фақат.

* * *

Гаштӣ ба вуқуф[3] бар мавоқиф[1] қонеъ,

---

[1] **Мараз – беморӣ.**
[2] **Буъд – дурӣ (муқ. *наздикӣ*).**
[3] **Вуқуф – истодан; донистан, огоҳӣ.**

Шуд қасди мақосидат зи мақсад монеъ.
Ҳаргиз нашавад, то накунӣ кашфи ҳиҷеб[2],
Анвори ҳақиқат аз мутолеъ толеъ.

* * *

Кай бошаду кай либоси ҳастӣ шуда шақ[3],
Тобон гашта ҷамоли ваҷҳи мутлақ.
Дил дар сатавоти[4] нури ӯ мустаҳлак[5],
Ҷон дар ғалаботи шавқи ӯ мустағрақ[6].

* * *

Дил кард басе нигоҳ дар дафтари ишқ,
Ҷуз дӯст надид ҳеч рӯ дарх(в)ари ишқ.
Чандон ки рухат ҳусн ниҳад бар сари ҳусн,
Шӯрида дилам ишқ ниҳад бар сари ишқ.

* * *

Бар уди дилам навохт як замзама ишқ,
З-он замзамаам зи пой то сар ҳама ишқ.
Ҳаққо, ки ба аҳдҳо наоям берун
Аз уҳдаи ҳақгузории якдама ишқ.

* * *

Моро шудааст дину ойин ҳама ишқ,
Бистар ҳама меҳнат асту болин – ҳама ишқ.
Субҳоналлоҳ, рухеву чандин ҳама ҳусн,
Инно лиллоҳ, дилеву чандин ҳама ишқ.

* * *

Халқон ҳама бар даргаҳат, эй Холиқи пок,

---

[1] **Мавоқиф *(ар.)* – ҷамъи *мавқуф*, ҷойҳои тавaққуф, истгоҳҳо.**
[2] **Ҳиҷеб – ҳиҷоб, парда.**
[3] **Шақ – пора.**
[4] **Сатавот *(ар.)* – ҷамъи *сатват,* 1.қаҳр; 2.виқор. *Дар ин ҷо:* шукӯҳу азамат.**
[5] **Мустаҳлак – нестшуда, нобудшуда, маъдум.**
[6] **Мустағрақ – дар об раванда, ғарқшуда; касе, ки сахт саргарми коре шуда бошад.**

Ҳастанд пайи қатраи обе ғамнок.
Саққои саҳобро бифармо аз лутф,
То об занад бар сари ин муште хок.

* * *

Домони ғинои ишқ пок омад, пок,
З-олудагии ниёз бо муште хок.
Чун ҷилвагару назорагӣ ҷумла худ Ӯст,
Гар мову ту дар миён набошем, чӣ бок.

* * *

Гар фазл кунӣ, надорам аз олам бок
В-ар адл кунӣ, шавам ба якбора ҳалок.
Рӯзе сад бор гӯям, эй Сонеъи пок:
«Муште хокам, чӣ ояд аз муште хок...».

* * *

Бар чеҳра надорам аз мусалмонӣ ранг,
Бар ман дорад шараф саги аҳли фаранг.
Он рӯсияҳам, ки бошад аз будани ман
Дӯзахро нангу аҳли дӯзахро нанг.

* * *

То шер будам, шикори ман буд паланг,
Пирӯз шудам, ба ҳар чӣ кардам оҳанг[1].
То ишқи туро ба бар даровардам танг,
Аз беша бурун кард маро рӯбаҳи ланг.

* * *

Дар ишқи ту, эй нигори пуркинаву ҷанг,
Гаштем саропои ҷаҳон бо дили танг.
Шуд даст зи кору монд по аз рафтор,
Ин баски ба сар задему он – баски ба санг.

* * *

Дасте, ки задӣ ба ноз дар зулфи ту чанг,
Чашме, ки зи диданат зи дил бурдӣ занг.

---

[1] **Оҳанг –** ***дар ин ҷо:*** **қасд, тасмим.**

Он чашм бубаст бе туам дида ба хун
В-он даст бикӯфт бе туам сина ба санг.

* * *

Пурсид касе манзили он меҳргусил,
Гуфтам, ки: «Дили ман аст ӯро манзил».
Гуфто, ки: «Дилат куҷост?» Гуфтам: «Бари ӯ».
Пурсид, ки: «Ӯ куҷост?» Гуфтам: «Дар дил».

* * *

Дармонд касе, ки баст дар хубон дил
В-аз меҳри бутон нагашт пайвандгусил.
Дар сурати гул маънии ҷон диду бимонд
Пойи дили ӯ то ба қиёмат дар гил.

* * *

Шайдои туро рӯҳи муқаддас манзил,
Савдои туро ақли муҷаррад маҳмил.
Сайёҳи ҷаҳони маърифат, яъне дил
Дар баҳри ғамат даст ба сар, пой ба гил.

* * *

Эй аҳди ту аҳди дӯстони сари пул,
Аз меҳри ту кин хезаду аз қаҳри ту зул(л)[1].
Пурмашғалаву миёнтиҳӣ ҳамчу дуҳул,
Эй якшаба ҳамчу шамъу якрӯза чу гул.

* * *

Дар боғ куҷо равам, ки нолад булбул,
Бе ту чӣ кунам ҷилваи сарву сунбул.
Ё қадди ту ҳаст, ончи медорад сарв,
Ё рӯйи ту ҳаст, ончи медорад гул.

* * *

Эй чордаҳсола маҳ, ки дар ҳусну ҷамол,
Ҳамчун маҳи чордаҳ расидӣ ба камол.
Ё Раб, нарасад ба ҳуснат осеби завол,

---

[1] **Зул(л) – хорӣ, залолат.**

Дар чордаҳсолагӣ бимонӣ сад сол.

* * *

Меруст зи дашти Ховарон лолаи ол[1],
Чун донаи ашки ошиқон дар маҳу сол.
Бинмуд чу рӯйи дӯст аз парда ҷамол,
Чун сурати ҳоли ман шудаш сурати ҳол.

* * *

Ҳар наът, ки аз қабили хайр асту камол,
Бошад зи нуути зоти поки мутаол.
Ҳар васф, ки дар ҳисоби шарр асту вубол,
Дорад ба қусури қобилиёт маол.

* * *

Ё Раб, ба Алӣ ибни Абӯтолибу Ол,
Он шери Худованди ҷаҳон ҷалла ҷалол.
К-андар се макон расӣ ба фарёди ҳама –
Андар дами назъу қабру ҳангоми суол.

* * *

Гар бо ғами ишқ созгор ояд дил,
Бар маркаби орзу савор ояд дил.
Гар дил набувад, куҷо ватан созад ишқ?
В-ар ишқ набошад, ба чӣ кор ояд дил?

* * *

Ҳар ҷо, ки вуҷуд карда сайр аст, эй дил,
Медон ба яқин, ки маҳзи хайр аст, эй дил.
Ҳар шар зи адам бувад, адам ғайри вуҷуд,
Пас шар ҳама муқтазои ғайр аст, эй дил.

* * *

Чандат гуфтам, ки дида бардӯз, эй дил,
Дар роҳи фано фитна маяндӯз, эй дил.
Акнун, ки шудӣ ошиқу бадрӯз, эй дил,
Тан дардеҳу ҷон кану ҷигар сӯз, эй дил.

---

[1] **Ол – сурх.**

* * *

Дар ишқ чӣ беҳ зи бурдборӣ, эй дил,
Гӯям ба ту як сухан зи ёрӣ, эй дил.
Ҳарчанд расад зи ёр хорӣ, эй дил,
Зинҳор ба рӯйи ӯ наёрӣ, эй дил.

* * *

Бо худ дари васли ту гушудан мушкил,
Дилро ба фироқ озмудан мушкил.
Мушкил ҳолеву турфа мушкил ҳоле,
Будан мушкил бо ту, набудан мушкил.

* * *

Бо аҳли замона ошноӣ мушкил,
Бо чархи куҳан ситезароӣ мушкил.
Аз ҷону ҷаҳон қатъ намудан осон,
Дарҳам задани дил ба ҷудоӣ мушкил.

* * *

Бар лавҳи адам лавоеҳи[1] нури қидам,
Лоеҳ гардиду на дар ин сир(р) маҳрам.
Ҳақро машумар ҷудо зи олам, зеро-к
Олам дар Ҳақ ҳақ асту Ҳақ дар олам.

* * *

Ранҷураму дар дил аз ту дорам сад ғам,
Бе лаъли лабат ҳарифи дардам ҳама дам.
З-ин умр малулам мани мискини ғариб,
Хоҳад шавад оромгаҳам кӯйи адам.

* * *

Гар пора кунӣ маро зи сар то ба қадам,
Мавҷуд шавам зи ишқи ту ман зи адам.
Ҷоне дорам зи ишқи ту карда рақам,
Хо́ҳиш ба шодӣ кушу хо́ҳиш – ба ғам.

* * *

[1] **Лавоеҳ *(ар.)* – ҷамъи лавҳ, навиштаҳо.**

Ман донаку ним доштам, ҳуббаи кам,
Ду кӯзаи май харидаму пораи кам.
Бар барбати мо на зер мондасту на бам,
То кай гӯӣ қаландариву ғам-ғам.

* * *

Аз гардиши афлоку нифоқи анҷум,
Сарриштаи кори хештан кардам гум.
Аз пой фитодаам, маро даст бигир,
Эй қиблаи ҳафтум, эй имоми ҳаштум.

* * *

Ҳам дар раҳи маърифат басе тохтаам,
Ҳам дар сафи олимон сар андохтаам.
Чун парда зи пеши хеш бардоштаам,
Бишнохтаам, ки ҳеч нашнохтаам.

* * *

Ҳак карданӣ аст он чи бингоштаам,
Афканданӣ аст он чи бардоштаам.
Ботил будаст он чи пиндоштаам,
Ҳосил, ки ба ҳарза умр бигзоштаам.

* * *

Гар ман гунаҳи ҷумла ҷаҳон кардастам,
Афви Ту умед аст, ки гирад дастам.
Гуфтӣ, ки ба рӯзи аҷз дастат гирам,
Оҷизтар аз ин махоҳ, к-акнун ҳастам.

* * *

Табро шабхун задам, дар оташ куштам,
Якчанд ба таъвизи китобаш куштам.
Бозаш як бор дар арақ кардам ғарқ,
Чун лашкари Фиръавн дар обаш куштам.

* * *

Дерест, ки тири фақрро омоҷам,
Бар торами афлоки фалокат тоҷам.
Як шамма зи муфлисии худ баргӯям,

Чандонки худо ғанист, ман муҳтоҷам.

* * *

Ҳарчанд ба сурат зи ту дур уфтодам,
Зинҳор мабар зан(н), ки шудӣ аз ёдам.
Дар кӯйи вафои ту агар хок шавам,
З-он ҷо натавонад, ки рабояд бодам.

* * *

Дӣ бар сари гӯр залла ғорат кардам,
Мар поконро ҷунуб зиёрат кардам.
Шукронаи он, ки рӯза хӯрдам рамазон,
Дар ид намози бетаҳорат кардам.

* * *

Ё Раб, ман агар гуноҳи беҳад кардам,
Донам ба яқин, ки бар тани худ кардам.
Аз ҳар чӣ мухолифи ризои Ту бувад,
Баргаштаму тавба кардаму бад кардам.

* * *

То чанд ба гирди сари имон гардам,
Вақт аст, к-аз афъол пушаймон гардам.
Хокам зи калисиёву обам зи шароб,
Кофиртар аз онам, ки мусалмон гардам.

* * *

Удам чу набуд, чӯби бед овардам,
Рӯйи сияҳу мӯйи сафед овардам.
Чун худ гуфтӣ, ки ноумедӣ куфр аст,
Фармони Ту бурдаму умед овардам.

* * *

Андӯҳи ту аз дили ҳазин медуздам,
Номат зи забони ону ин медуздам.
Меноламу қуфл бар даҳон мефиканам,
Мегиряму хун дар остин медуздам.

* * *

Чун хок шудӣ, хоки туро хок шудам,
Чун хоки туро хок шудам, пок шудам.
Ғам сӯйи ту ҳаргиз гузаре менакунад,
Охир чӣ ғамат, аз он ки ғамнок шудам.

* * *

Андар талаби ёр чу мардона шудам,
Аввалқадам аз вуҷуд бегона шудам.
Ӯ илм намешунид, лаб барбастам,
Ӯ ақл намехарид, девона шудам.

* * *

Онон, ки ба номи нек мехонандам,
Аҳволи даруни бад намедонандам.
Гар з-онки дарун бурун бигардонандам,
Муставҷиби[1] онам, ки бисӯзонандам.

* * *

Чунон шудаам, ки дид натвонандам,
То пеши ту, эй нигор, биншонандам.
Хуршед туӣ, ба зарра ман монандам,
Чун зарра ба хуршед ҳамедонандам.

* * *

Гар халқ чунонки ман манам, донандам,
Ҳамчун саг зи дар бадар ронандам.
В-ар з-онки дарун бурун бигардонандам,
Муставҷиби онам, ки бисӯзонандам.

* * *

Он дам, ки ҳадиси ошиқӣ бишнудам,
Ҷону дилу дидаро ба ғам фарсудам.
Мепиндоштам, ошиқу маъшуқ дуанд,
Чун ҳар ду якест, ман худ аҳвал[2] будам.

* * *

---

[1] **Муставҷиб *(ар.)* – сазовор, шоиста.**
[2] **Аҳвал *(ар.)* – олус, каҷчашм, дубин.**

Умре ба ҳавас боди ҳаво паймудам,
Дар ҳар коре хуни ҷигар полудам.
Дар ҳар чӣ задам даст, зи ғам фарсудам,
Даст аз ҳама боздоштам, осудам.

* * *

Ман аз Ту ҷудо набудаам, то будам,
Ин аст далели толеи масъудам.
Дар зоти Ту нопадидам, ар маъдумам
В-аз нури Ту зоҳирам, агар мавҷудам.

* * *

Ҳаргиз набувад шикасти кас мақсудам,
Озурда нашуд зи ман диле, то будам.
Сад шукр, ки чашми айббинам кӯр аст,
Шодам, ки ҳасуд нестам, маҳсудам[1].

* * *

Дар кӯйи ту ман сӯхтадоман будам
В-аз оташи ғам сӯхтахирман будам.
Оре, ҷоно, дӯш ба бомат будам,
Гуфтӣ: «Дузд аст», дузд набуд, ман будам.

* * *

Дар васли ту пайваста ба гулшан будам,
Дар ҳаҷри ту бо нолаву шеван будам.
Гуфтам ба дуо, ки чашми бад дур зи ту,
Эй дӯст, магар чашми бадат ман будам?

* * *

Якчанд давидаму қадам фарсудам,
Охир бе ту падид н-омад судам.
То даст ба байъату вафоят судам,
Дар хона нишастаму фурӯ осудам.

* * *

З-омезиши ҷону тан туӣ мақсудам

[1] **Маҳсуд *(ар.)* – касе, ки бар ӯ рашку ҳасад баранд.**

В-аз мурдану зистан туӣ мақсудам.
Ту дер бизӣ, ки ман бирафтам зи миён,
Гар «ман» гӯям, зи «ман» туӣ мақсудам.

* * *

Дар хоб ҷамоли ёри худ медидам
В-аз боғи висоли ӯ гуле мечидам.
Мурғи саҳарӣ зи хоб бедорам кард,
Эй кош, ки бедор намегардидам.

* * *

Рӯзе зи пайи гулоб мегардидам,
Пажмурда узори гул дар оташ дидам.
Гуфтам, ки: «Чӣ кардаӣ, ки месӯзандат?»
Гуфто, ки: «Дар ин боғ даме хандидам».

* * *

Дишаб, ки ба кӯйи ёр мегардидам,
Донӣ, ки пайи чӣ кор мегардидам?
Қурбони хилофи ваъдааш мегаштам,
Гирди сари интизор мегардидам.

* * *

Гар дар сафарам, туӣ рафиқи сафарам
В-ар дар ҳазарам, туӣ аниси ҳазарам.
Алқисса, ба ҳар куҷо, ки бошад гузарам,
Ҷуз ту набувад ҳеч касе дар назарам.

* * *

Гар дасти тазарруъ ба дуо бардорам,
Беху буни кӯҳҳо зи ҷо бардорам.
Лекин зи тафаззулоти маъбуди Аҳад,
«Фасбир сабран ҷамил»-ро бардорам.

* * *

Ё Раб, чу ба ваҳдатат яқин медорам,
Имон ба Ту оламофарин медорам.
Дорам лаби хушку дидаи тар, бипазир,
К-аз хушку тари ҷаҳон ҳамин медорам.

* * *

Аз ҳаҷри ту, эй нигор, андар норам,
Месӯзам аз ин дарду дам андар н-орам.
То даст ба гардани ту андар н-орам,
Оғушта ба хун чу дона андар норам[1].

* * *

Аз хоки дарат рахти иқомат набарам
В-аз дасти ғамат ҷон ба саломат набарам.
Бардор ниқоб аз руху бинмой ҷамол,
То ҳасрати он рух ба қиёмат набарам.

* * *

Озурдатарам, гарчи камозортарам,
Бисёртарам, гарчи вафодортарам.
Бо ҳар кӣ вафову сабр ман кардам беш,
Субҳоналлоҳ, ба чашми ӯ хортарам.

* * *

Ҷаҳде бикунам, ки дил зи ҷон баргирам,
Роҳи сари кӯйи дилситон баргирам.
Чун парда миёни ману дилдор манам,
Бархезаму худро зи миён баргирам.

* * *

Соқӣ, агарам май надиҳӣ, мемирам
В-ар соғари май зи каф ниҳӣ, мемирам.
Паймонаи ҳар кӣ пур шавад, мемирад,
Паймонаи ман чу шуд тиҳӣ, мемирам.

* * *

На аз сари кори бохалал метарсам,
На низ зи тақсири амал метарсам.
Тарсам зи гуноҳ нест, омурзиш ҳаст,
Аз собиқаи рӯзи азал метарсам.

* * *

---

[1] **Нор – анор.**

То зан(н) набарӣ, к-аз он ҷаҳон метарсам
В-аз мурдану аз кандани ҷон метарсам.
Чун марг ҳақ аст, ман чаро тарсам аз ӯ,
Ман хешпарастаму аз он метарсам.

* * *

Машҳуду[1] хафӣ[2] чу ганҷи дақёнусам,
Пайдову ниҳон чу шамъ дар фонусам.
Алқисса, дар ин чаман чу беди маҷнун
Меболаму дар тараққии маъкусам[3].

* * *

Айбам макун, эй хоҷа, агар майнӯшам,
Дар ошиқиву бодапарастӣ кӯшам.
То ҳушёрам, нишаста бо ағёрам,
Чун беҳушам, ба ёр ҳамоғӯшам.

* * *

Ё Раб, зи гуноҳи зишти худ мунфаилам
В-аз қавли баду феъли бади худ хиҷилам.
Файзе ба дилам зи олами қудс расон,
То маҳв шавад хаёли ботил зи дилам.

* * *

Аз ҷумлаи дардҳои бедармонам
В-аз ҷумлаи сӯзу доғи бепоёнам.
Сӯзандатар он аст, ки чун мардуми чашм
Дар чашми манию диданат натвонам.

* * *

З-он дам, ки қарини меҳнату афғонам,
Ҳар лаҳза зи ҳиҷрон ба лаб ояд ҷонам.
Маҳрум зи хоки остонат з-онам,
К-аз сели сиришки худ гузар натвонам.

---

[1] **Машҳуд *(ар.)* – ошкоро.**
[2] **Хафӣ *(ар.)* – пинҳон.**
[3] **Маъкус *(ар.)* – баръаксшуда, чаппа.**

* * *

Як рӯз биуфтӣ ту дар майдонам,
Он рӯз ҳанӯз дар хами чавгонам.
Гуфтӣ суханею кӯфтӣ бар ҷонам,
Он кушт марову ман ғуломи онам.

* * *

Бемеҳрии он баҳонаҷӯ медонам,
Бе дарду ситам одати ӯ медонам.
Ҷуз ҷавру ҷафо одати он бадхӯ не,
Ман шеваи ёри худ наку медонам.

* * *

Рӯят бинам, чу чашмро боз кунам,
Тан дил шавадам, чу бо туе роз кунам.
Ҷуз номи ту посух надиҳад ҳеч касе,
Ҳар ҷо, ки ба номи халқ овоз кунам.

* * *

Бе рӯйи ту ройи истиқомат накунам,
Касро ба ҳавои ту маломат накунам.
Дар ҷустани васли ту иқомат накунам,
Аз ишқи ту тавба то қиёмат накунам.

* * *

Аз бими рақиб тавфи кӯят накунам
В-аз таънаи халқ гуфтугӯят накунам.
Лаб бастаму аз пой нишастам, аммо
Ин натвонам, ки орзуят накунам.

* * *

Бо чашми ту ёди наргиси тар накунам,
Бе лаъли ту орзуи Кавсар накунам.
Гар Хизр ба ман бе ту диҳад оби ҳаёт,
Кофир бошам, ки бе ту лаб тар накунам.

* * *

Бо дарди ту андешаи дармон накунам,
Бо зулфи ту орзуи имон накунам.

Ҷоно, ту агар ҷон талабӣ, хуш бошад,
Андешаи ҷон барои ҷонон накунам.

* * *

Ишқи ту зи хосу ом пинҳон чӣ кунам?
Дарде, ки зи ҳад гузашт, дармон чӣ кунам?
Хоҳам, ки дилам бар дигаре майл кунад,
Ман хоҳаму дил нахоҳад, эй ҷон, чӣ кунам?

* * *

Ёдат кунам, ар шоду агар ғамгинам,
Номат барам, ар хезам, агар биншинам.
Бо ёди ту хӯ кардаам, эй дӯст, чунон-к
Дар ҳар чӣ назар кунам, туро мебинам.

* * *

Он бахт надорам, ки ба комат бинам,
Ё даргузарӣ, ҳам ба саломат бинам.
Васли ту ба ҳеч гуна дастам н-ояд,
Номат бинависаму ба номат бинам.

* * *

То бурдӣ аз ин диёр ташрифи қудум,
Бар дил рақами шавқи ту дорам марқум[1].
Ин қисса маро кушт, ки ҳангоми видоъ
Аз давлати дидори ту гаштам маҳрум.

* * *

Ғамнокаму аз кӯйи ту бо ғам наравам,
Ҷуз шоду умедвору хуррам наравам.
Аз даргаҳи ҳамчу ту кариме ҳаргиз
Навмед касе нарафту ман ҳам наравам.

* * *

Ё Раб, Ту чунон кун, ки парешон нашавам,
Муҳтоҷи бародарону хешон нашавам.
Бе миннати халқ худ маро рӯзӣ деҳ,

[1] **Марқум *(ар.)* – навишта, сабтшуда.**

То аз дари Ту бар дари эшон нашавам.

* * *

Ҷоно, ману ту намунаи паргорем,
Сар гарчи ду кардаем, як тан дорем.
Бар нуқта равонем кунун чун паргор,
Дар охири кор сар ба ҳам боз орем.

* * *

Ҳарчанд гаҳе зи ишқ бегона шавам,
Бо офияти куништ ҳамхона шавам,
Ногоҳ парирухе ба ман-бар гузарад,
Баргардаму з-он ҳадис девона шавам.

* * *

Ҳайҳот, ки боз бӯйи май мешунавам,
Овозаи ҳою ҳую ҳай мешунавам.
Аз гӯши дилам сирри илоҳӣ ҳар дам
Ҳақ мегӯяд, вале зи най мешунавам.

* * *

Донӣ, ки чиҳо, чиҳо, чиҳо мехоҳам,
Васли ту мани бесарупо мехоҳам.
Фарёду фиғону нолаам донӣ чист?
Яъне, ки туро, туро, туро мехоҳам.

* * *

Не боғ, на бӯстон, на чаман мехоҳам,
Не сарву на гул, на ёсуман мехоҳам.
Хоҳам зи Худои хеш кунҷе, ки дар он
Ман бошаму он касе, ки ман мехоҳам.

* * *

Сармояи ғам зи даст осон надиҳам,
Дил барнаканам зи дӯст, то ҷон надиҳам.
Аз дӯст, ки ёдгор дарде дорам,
Он дард ба сад ҳазор дармон надиҳам.

* * *

Дар кӯйи ту сар дар сари ханҷар бинињам,
Чун муҳраи ҷон ишқи ту дар бар биниҳам.
Номардам, агар ишқи ту аз дил биканам,
Савдои ту, кофирам, гар аз сар биниҳам.

* * *

Дорам зи Худо хоҳиши ҷанноти наим,
Зоҳид ба савобу ман ба уммеди азим.
Ман дасти тиҳӣ меравам, ӯ – тухфа ба даст,
То з-ин ду кадом хуш кунад табъи карим.

* * *

Дӣ тозагуле зи гулшан овард насим,
К-аз накҳати он машоми ҷон ёфт шамим.
Не, не, ғалатам, ки сафҳае буд зи сим,
Мушкин рақамаш муаттар аз хулқи карим.

* * *

Мобайни ду айни ёр аз нун то мим,
Бинӣ алифе кашида бар сафҳаи сим.
Не, не, ғалатам, ки аз камоли эъҷоз
Ангушти набист карда маҳро ба ду ним.

* * *

Чун доира мо зи пӯстпӯшони туем,
Дар доираи ҳалқабагӯшони туем.
Гар бинвозӣ, зи ҷонхурӯшони туем
В-ар нанвозӣ ҳам, аз хамӯшони туем.

* * *

Ҳарчанд зи кор худ хабардор наем,
Беҳуда тамошогаҳи гулзор наем.
Бар ҳошияи китоб чун нуқтаи шак
Бекор наем, агарчи даркор наем.

* * *

Афсӯс, ки мо оқибатандеш наем,
Дорем либоси фақру дарвеш наем.
Ин кибру манӣ ҷумла аз он аст, ки мо

Қонеъ ба насибу қисмати хеш наем.

* * *

Бо ёди ту бо дидаи тар меоям
В-аз бодаи шавқ бехабар меоям.
Айёми фироқ чун ба сар омадааст,
Ман низ ба сӯйи ту ба сар меоям.

* * *

Мо дар раҳи савдои ту манзил кардем,
Сӯзест дар оташе, ки дар дил кардем.
Дар шаҳр маро миёни чашм мехонанд,
Неку номе зи ишқ ҳосил кардем.

* * *

Ҳарчанд ки дил ба васл шодон кардем,
Дидем, ки хотират парешон кардем.
Хуш бош, ки мо хӯй ба ҳиҷрон кардем,
Бар худ душвору бар ту осон кардем.

* * *

Мо тайи бисоти мулки ҳастӣ кардем,
Бе нуқси худӣ худопарастӣ кардем.
Бар мо майи васл нек мепайвандад,
Туф бар рухи май, ки зуд мастӣ кардем.

* * *

Мо бо маю мастӣ сари тақво дорем,
Дунёталабему майли уқбо дорем.
Кай дунйиву дин ҳарду ба ҳам ояд рост,
Ин аст, ки мо на дин, на уқбо дорем.

* * *

Шамъам, ки ҳама ниҳон фурӯ мегирям,
Механдаму ҳар замон фурӯ мегирям.
Чун ҳеч кас аз гиряи ман огаҳ нест,
Хуш-хуш ба миёни ҷон фурӯ мегирям.

* * *

Мо ҷуз ба ғами ишқи ту сар н-афрозем,
То сар дорем, дар ғамат дарбозем.
Гар ту сари мо бесару сомон дорӣ,
Моему саре дар қадамат андозем.

* * *

Дар мастабаҳо[1] дурдкашон мо бошем,
Бадномиро ному нишон мо бошем.
Аз бад батароне[2], ки ту шон мебинӣ,
Чун нек бубинӣ, бадашон мо бошем.

* * *

Як ҷав ғами айём надорем, хушем,
Гар чошт бувад, шом надорем, хушем.
Чун пухта ба мо мерасад аз матбахи ғайб,
Аз кас тамаи хом надорем, хушем.

* * *

Бибрид зи ман нигори ҳамхонагиям,
Бидрид ба тан либоси фарзонагиям.
Маҷнун ба насиҳати дилам омадааст,
Бингар ба куҷо расида девонагиям.

* * *

Мо қиблаи тоат он ду рӯ медонем,
Имон сари зулфи мушкбӯ медонем.
Бо ин ҳама дилдор ба мо неку нест,
Мо толеи хешро наку медонем.

* * *

Ман лоиқи ишқу дарди ишқи ту наям,
Зинҳор, ки ҳамнабарди ишқи ту наям.
Чун оташи ишқи ту барорад шуъла,
Ман донаму ман, ки марди ишқи ту наям.

* * *

---

[1] **Мастаба – майкада, майхона.**
[2] **Батарон – бадтарон.**

Дар ҳазрати подшоҳи даврон моем,
Дар доираи вуҷуд султон моем.
Манзури халоиқ аст ин синаи мо,
Пас, ҷоми ҷаҳоннамои халқон моем.

* * *

Уфтода манам ба гӯшаи байти ҳазан[1],
Ғамҳои ҷаҳон мунисн ғамхонаи ман.
Ё Раб, Ту ба фазли хеш дармонамро
Бахшой ба руҳи ҳазрати Вайси Қаран.

* * *

Эй чашми ман аз дидани рӯят равшан,
Аз дидани рӯят шуда хуррам дили ман.
Рӯят шуда гул, хурраму хандон гашта,
Равшан, маҳи ман, гашта зи рӯят дили ман.

* * *

Эй дӯст, туро ба ҷумлагӣ гаштам ман,
Ҳаққо, ки дар ин сухан на зарқ асту на фан.
Гар ту зи вуҷуди худ бурун ҷастӣ пок,
Шояд, санамо, ба ҷойи ту ҳастам ман.

* * *

Дар дарвешӣ ҳеч каму беш мадон,
Як мӯй ту дар тасарруфи хеш мадон.
В-онро, ки бувад рӯй ба дунёву ба дин,
Дар дӯзах ё биҳишт дарвеш мадон.

* * *

Бигрехтам аз ишқи ту, эй симинтан,
Бошад, ки зи ғам бозраҳам мискин ман.
Ишқ омаду аз нимараҳам бозовард,
Монандаи хуниён расан дар гардан.

* * *

Фарёд зи дасти фалаки бесару бун,

---

[1] **Байти ҳазан – хонаи ҳузн ва ғаму андӯҳ.**

К-андар бари ман на нав биҳишту[1] на куҳун.
Бо ин ҳама низ шукр мебояд кард,
Гар з-ин батарам кунад, кӣ гӯяд, ки макун?

* * *

Эй Холиқи Зулҷалолу Ҳаййи Раҳмон,
Созандаи корҳои бесомонон,
Хасмони маро мутеи ман мегардон,
Бераҳмонро раҳими[2] ман мегардон.

* * *

Баҳрест вуҷуди ҷовидон мавҷзанон,
З-он баҳр надида ғайри мавҷ аҳли ҷаҳон.
Аз ботини баҳр мавҷ бин, гашта аён,
Бар зоҳири баҳру баҳр дар мавҷ ниҳон.

* * *

Ҷон асту забон асту забон душмани ҷон,
Гар ҷон-т ба кор аст, нигаҳ дор забон.
Ширин сухане бигуфт шоҳи санамон:
«Сар барги дарахт аст, забон боди хазон».

* * *

Чандин чӣ занӣ назора гирди майдон,
Ин ҷо дами аждаҳосту захми пилон.
То ҳар кӣ дарояд, бниҳад ӯ дилу ҷон,
Фориғ чӣ кунад гирди сарои султон?

* * *

Рафтам ба табибу гуфтам аз дарди ниҳон,
Гуфто: «Аз ғайри дӯст барбанд даҳон».
Гуфтам, ки: «Ғизо?» Гуфт: «Ҳамин хуни ҷигар»,
Гуфтам: «Парҳез?» Гуфт: «Аз ҳар ду ҷаҳон».

* * *

Рӯят дарёи ҳусну лаълат марҷон,

---

[1] **Биҳишт (аз масдари *ҳиштан*) – фурӯ гузошт.**
[2] **Раҳим *(ар.)* – меҳрубон.**

Зулфат анбар, садаф даҳону дандон.
Абрӯ киштиву чини пешонӣ мавҷ,
Гирдоби бало ғабғабу[1] чашмат тӯфон.

* * *

Фарёду фиғон, ки боз дар кӯйи муғон,
Майхора зи май на ном ёбад, на нишон.
З-он гуна ниҳон гашт, ки бар халқи ҷаҳон
Гаштаст ниҳон гаштани ӯ низ ниҳон.

* * *

Ҳастӣ ба сифоте, ки дар ӯ буд ниҳон,
Дорад сараён[2] дар ҳама аъёни ҷаҳон.
Ҳар васф зи айне, ки бувад қобили он,
Бар қадри қабули айн гаштаст аён.

* * *

Он дӯст, ки ҳаст ишқи ӯ душмани ҷон,
Барбод ҳамедиҳад ғамаш хирмани ҷон.
Ман дар талабаш дарбадару кӯйбакӯй,
Ӯ дар дилу карда даст дар гардани ҷон.

* * *

Ё Раб, зи қаноатам тавонгар гардон
В-аз нури яқин дилам мунаввар гардон.
Рӯзии мани сӯхтаи саргардон
Бе миннати махлуқ муяссар гардон.

* * *

Ё Раб, зи ду кавн бениёзам гардон
В-аз афсари фақр сарфарозам гардон.
Дар роҳи талаб маҳрами розам гардон,
З-он раҳ, ки на сӯйи Туст, бозам гардон.

* * *

---

[1] **Ғабғаб – манаҳ.**

[2] **Сараён – асар кардан ва ҷорӣ шудани чизе дар аҷзои чизи дигар; шаб рафтан.**

Ё Раб, зи камоли лутф хосам гардон,
Воқиф ба ҳақоиқи хавосам гардон.
Аз ақли ҷафокор дилафгор шудам,
Девонаи худ куну халосам гардон.

* * *

Дорам гила аз дард, на чандон чандон,
Бо гиря тавон гуфт, на хандон-хандон.
Дурру гуҳарам ҷумла ба тороҷ бирафт,
Он дурру гуҳар чӣ буд? Дандон, дандон.

* * *

Дунё гузарон, меҳнати дунё гузарон,
Не бар падарон монаду не бар писарон.
То битвонӣ, умр ба тоат гузарон,
Бингар, ки фалак чӣ мекунад бо дигарон.

* * *

Бар гӯши дилам зи ғайб овоз расон,
Мурғи дили хастаро ба парвоз расон.
Ё Раб, ки ба дӯстии мардони раҳат
Ин гумшудаи маро ба ман боз расон.

* * *

Ё Раб, Ту маро ба ёри дамсоз расон,
Овозаи дардам ба ҳамовоз расон.
Он кас, ки ман аз фироқи ӯ ғамгинам,
Ӯро ба ману маро ба ӯ боз расон.

* * *

Қавме, ки ҳақ аст қиблаи ҳимматашон,
То сар дорӣ, макаш сар аз хидматашон.
Онҳо, ки чашида заҳри офоқ зи даҳр,
Хосияти тарёқ диҳад суҳбаташон.

* * *

Фарёд зи шабравию шабрангияшон
В-аз чашми сиёҳу сурати зангияшон.
Аз аввали шаб то дами охири шаб

Инҳо ҳама дар рақсу манам чангияшон.

* * *

Рухсори ту бе ниқоб дидан натавон,
Дидори ту бе ҳиҷоб дидан натавон.
Модом, ки дар камоли ишроқ[1] бувад,
Сарчашмаи офтоб, дидан натавон.

* * *

Бо гулрухи хеш гуфтам: «Эй ғунчадаҳон,
Ҳар лаҳза мапӯш чеҳра чун ишвадеҳон».
Зад ханда, ки: «Ман ба акси хубони ҷаҳон
Дар парда аён бошаму бепарда – ниҳон».

* * *

Ҳосил зи дари ту доимо коми ҷаҳон,
Лутфи ту бувад боиси ороми ҷаҳон.
Бо файзи Худо то ба абад тобон бод,
Меҳри аламат мудом бар боми ҷаҳон.

* * *

Бингар ба ҷаҳон сирри илоҳӣ пинҳон,
Чун оби ҳаёт дар сиёҳӣ пинҳон.
Пайдо омад зи баҳр моҳӣ анбӯҳ,
Шуд баҳр зи анбӯҳии моҳӣ пинҳон.

* * *

Чун ҳақ ба тафосили шуун гашт баён,
Машҳуд шуд ин олами пурсуду зиён.
Гар боз раванд оламу оламиён,
Бо рутбаи иҷмоли Ҳақ оянд аён.

* * *

Судат накунад ба хона-дар биншастан,
Доман-т ба доманам бибояд бастан.
К-он рӯз, ки дасти мо ба домони ту аст,
Моро натавон зи доманат бигсастан.

---

[1] **Ишроқ – тобидан, дурахшидан.**

* * *

Пул бар забари муҳити қулзум бастан,
Роҳи гардиш ба чарху анҷум бастан.
Нешу дами мору думи каждум бастан,
Битвон, натвон даҳони мардум бастан.

* * *

Аз соҳати[1] дил ғубори касрат рӯфтан,
Беҳ з-он, ки ба ҳарза дурри ваҳдат суфтан.
Мағрури сухан машав, ки тавҳиди Худо
Воҳид дидан бувад, на воҳид гуфтан.

* * *

Ишқ он сифате нест, ки битвон гуфтан
В-ин дур(р) ба саралмос нашояд суфтан.
Савдост, ки мепазем, валлоҳ, ки ишқ
Бикр омаду бикр ҳам бихоҳад рафтан.

* * *

Аз бода ба рӯйи шайх ранг овардан,
Ислом зи ҷониби фаранг овардан.
Ноқус ба Каъба дар диранг овардан,
Битвон, натвон туро ба чанг овардан.

* * *

То лаъли ту дилфурӯз хоҳад будан,
Корам ҳама оҳу сӯз хоҳад будан.
Гуфтӣ, ки: «Ба хонаи ту оям рӯзе»,
Он рӯз кадом рӯз хоҳад будан?

* * *

Саҳл аст маро бар сари ханҷар будан,
Ё баҳри муроди хеш бесар будан.
Ту омадаӣ, ки кофареро бикушӣ,
Ғозӣ чу туӣ, хуш аст кофар будан.

* * *

[1] **Соҳат** ***(ар.)*** **– ноҳия, хона, майдон.**

Дунё насазад дар ӯ мушавваш будан,
Аз сӯзи ғамаш даме дар оташ будан.
Мо ҳечу ҷаҳон ҳечу ғаму шодӣ ҳеч,
Хуш нест барои ҳеч нох(в)аш будан.

* * *

Дар роҳи Худо ҳиҷоб шуд як сӯзан,
Рав, ҷумлаи кори хешро як сӯ зан.
Дармондаи нафси хеш гаштиву туро
Як сӯ – ғами молу духтару як сӯ – зан.

* * *

Ё Раб, Ту зи хоби ноз бедораш кун
В-аз мастии ҳусни хеш ҳушёраш кун.
Ё бехабараш кун, ки надонад худро,
Ё он ки зи ҳоли худ хабардораш кун.

* * *

Як лаҳза чароғи орзуҳо пуф кун,
Қатъи назар аз ҷамоли ҳар Юсуф кун.
З-ин шаҳд як ангушт ба коми ту кашам,
Аз лаззат агар маст нагардӣ, туф кун.

* * *

Хоҳӣ, ки касе шавӣ, зи ҳастӣ кам кун,
Нохӯрда шароби васл, мастӣ кам кун.
Бо зулфи бутон дароздастӣ кам кун,
Бутро чӣ гунаҳ, ту бутпарастӣ кам кун.

* * *

Дарвешӣ кун, қасди дари шоҳ макун
В-аз домани факр даст кӯтоҳ макун.
Андар даҳани мор шаву мол маҷӯй,
Дар чоҳ нишину талаби ҷоҳ макун.

* * *

Гуфтам, ки: «Рухам ба ранги чун коҳ макун,
Касро зи ману кори ман огоҳ макун».
Гуфто, ки: «Агар висоли мо металабӣ,

Гар мекушамат, дам мазану оҳ макун».

* * *

Ё Раб, Ту ба фазл мушкилам осон кун,
Аз фазлу карам дарди маро дармон кун.
Бар ман манигар, ки бекасу беҳунарам,
Ҳар чиз, ки лоиқи Ту бошад, он кун.

* * *

Ё Раб, назаре бар мани саргардон кун,
Лутфе ба мани дилшудаи ҳайрон кун.
Бар ман макун он чи ман сазои онам,
Он-ч аз караму лутфи Ту зебад, он кун.

* * *

Эй ғам, гузаре ба кӯйи бадномон кун,
Фикри мани саргаштаи бесомон кун.
З-он соғари лабрез, ки пурмай зи ғам аст,
Як ҷуръа ба кори бесаранҷомон кун.

* * *

Эй нӯҳ далаӣ, даҳ дала, ҳар даҳ яла кун,
Саррофи вуҷуд бошу худро чала кун.
Як субҳ ба ихлос биё бар дари дӯст,
Гар кори ту барнаёяд, он гаҳ гила кун.

* * *

Дар даргаҳи мо дӯстии якдила кун,
Ҳар чиз, ки ғайри мост, онро яла кун.
Як субҳ ба ихлос биё бар дари мо,
Гар кори ту барнаёяд, он гаҳ гила кун.

* * *

Эй шамъ, чу абр гиряву зорӣ кун
В-эй оҳи ҷигарсӯз, сипаҳдорӣ кун.
Чун баҳраи васли ӯ надорӣ, эй дил,
Дандон ба ҷигар неҳу ҷигархорӣ кун.

* * *

Эй нола, гарат дамест, изҳоре кун
В-он ғофилу мастро хабардорӣ кун.
Эй дасти муҳаббати вилоят, бадар ой
В-эй ботини шаръи дӯстӣ, коре кун.

* * *

Афъоли бадам зи халқ пинҳон мекун,
Душвори ҷаҳон бар дилам осон мекун.
Имрӯз хушам бидору фардо бо ман
Он-ч аз карами Ту месазад, он мекун.

* * *

Розе, ки ба шаб лаби ту гӯяд бо ман,
Гуфтори забон нагардадаш пероман.
З-он сар ба гиребони сухан сар н-орад,
Пероҳани ҳарф танг дорад доман.

* * *

Ошиқ ману девона ману шайдо ман,
Шуҳра ману афсона ману расво ман.
Кофир ману бутпараст ману тарсо ман,
Инҳо ману сад бор батар з-инҳо ман.

* * *

Эй зулфи мусалсалат балои дили ман
В-эй лаъли лабат гиреҳгушои дили ман.
Ман дил надиҳам ба кас барои дили ту,
Ту дил ба касе мадеҳ барои дили ман.

* * *

Эй ишқи ту мояи ҷунуни дили ман,
Ҳусни рухи ту рехта хуни дили ман.
Ман донаму дил, ки дар висолат чунам,
Касро чӣ хабар зи андаруни дили ман.

* * *

Шуд дида ба ишқ раҳнамуни дили ман,
То кард пур аз ғусса даруни дили ман.
Зинҳор, агар дилам бимонад рӯзе,

Аз дида талаб кунед хуни дили ман.

* * *

Бахте на, ки бо дӯст даромезам ман,
Сабре на, ки аз ишқ бипарҳезам ман.
Дасте на, ки бо қазо даровезам ман,
Пое на, ки аз дасти ту бигрезам ман.

* * *

Эй он, ки турост ор аз дидани ман,
Меҳрат бошад ба ҷойи ҷон дар тани ман.
Он дасти нигорбаста хоҳам, ки занӣ
Бо хуни ҳазор кушта дар гардани ман.

* * *

Эй гашта саросема ба дарёи ту ман
В-эй аз туву худ гумшуда дар рои ту ман.
Ман дар ту куҷо расам, ки дар зоту сифот,
Пинҳонии ман туиву пайдои ту ман.

* * *

Султон гӯяд, ки «нақди ганҷинаи ман»,
Суфӣ гӯяд, ки «далқи пашминаи ман».
Ошиқ гӯяд, ки «дарди деринаи ман»,
Ман донаму ман, ки чист дар синаи ман.

* * *

Асрори азалро на ту дониву на ман
В-ин ҳарфи муаммо на ту хониву на ман.
Ҳаст аз паси парда гуфтугӯйи ману ту,
Чун парда даруфтад, на ту мониву на ман.

* * *

Зад шуъла ба дил оташи пинҳонии ман,
З-андоза гузашт меҳнати ҷонии ман.
Маъзурам, агар сухан парешон уфтод,
Маълум шавад магар парешонии ман.

* * *

Дорам зи ҷафои фалаки ойинагун
В-аз гардиши ин сипеҳри хаспарвари дун,
Аз дида рухе, ҳамчу пиёла ҳама ашк
В-аз сина диле, ҳамчу сурохӣ ҳама хун.

* * *

Шӯрида дилею ғусса гардун-гардун,
Гирён чашмеву ашк Ҷайҳун-Ҷайҳун.
Коҳида таневу шуъла хирман-хирман,
Ҳар шуъла зи кӯҳи Қоф афзун-афзун.

* * *

Фарёд зи дасти фалаки ойинагун,
К-аз ҷавру ҷафои ӯ ҷигар дорам хун.
Рӯзе ба ҳазор ғам ба шаб меорам,
То худ фалак аз парда чӣ орад берун.

* * *

То гирди рухи ту сунбул омад берун,
Сад нола зи ман чу булбул омад берун.
Пайваста зи гил сабза бурун меояд,
Ин турфа, ки аз сабза гул омад берун.

* * *

Дар роҳи ягонагӣ на куфр асту на дин,
Як гом зи худ бурун неҳу роҳ бубин.
Эй ҷони ҷаҳон, ту роҳи ислом гузин,
Бо мори сияҳ нишину бо мо манишин.

* * *

Гар сақфи сипеҳр гардад ойинаи Чин
В-ар тахтаи фӯлод шавад рӯйи замин.
Аз рӯзии ту кам нашавад, дон ба яқин,
Медон, ки чунин асту чунин асту чунин.

* * *

Эй дар ҳама шаън зоти Ту пок аз шайн[1],

---

[1] **Шайн *(ар.)* – айб.**

На дар ҳақи Ту кайф[1] тавон гуфт, на айн[2].
Аз рӯйи тааққул[3] ҳама ғайранду сифот,
Зотат бувад аз рӯйи таҳаққуқ[4] ҳама айн.

* * *

Ё Раб, ба рисолати Расули сақалайн,
Ё Раб, ба ғазокунандаи Бадру Ҳунайн.
Исёни маро ду ҳисса кун дар арасот,
Ниме ба Ҳасан бубахшу ниме – ба Ҳусайн.

* * *

Бар зарра нишинам, бичамад, тахтам бин,
Мӯре ба ду манзил бибарад, рахтам бин.
Гар луқма масал зи қурси хуршед кунам,
Торикии сина оварад, бахтам бин.

* * *

Ҳон, ёрон, ҳую ҳо, ҷавонмардон ҳу,
Мардӣ куниву нигоҳ дорӣ сари кӯ.
Гар тир чунон расад, ки бишкофад мӯ,
Бояд, ки зи якдигар нагардонӣ рӯ.

* * *

Ҳарчанд ки ёр саргарон аст ба ту,
Ғамгин нашавӣ, ки меҳрубон аст ба ту.
Дилдор мисоли сурати ойина аст,
То ту нигаронӣ, нигарон аст ба ту.

* * *

Эй ойинаро дода ҷило сурати ту,
Як ойина кас надид бе сурати ту.
Не, не, ки зи лутф дар ҳама ойинаҳо
Худ омадаӣ ба дидани сурати ту.

---

[1] **Кайф *(ар.)* – чӣ гунагӣ; ҳолат.**
[2] **Айн *(ар.)* – ба чашм дидан, яқин дар дидор, ба вузуҳ дидан.**
[3] **Тааққул *(ар.)* – бо неруи ақл ба амре пай бурдан.**
[4] **Таҳаққуқ *(ар.)* – ҳақиқат пайдо кардан, ба ҳақиқат пайвастан.**

* * *

Дурам агар аз саодати хидмати ту,
Пайваста дилат ойинаи талъати ту.
Аз гармии офтоби ҳаҷрам чӣ ғам аст,
Дорам чу паноҳи сояи давлати ту.

* * *

Ҷону дили ман фидои хоки дари ту,
Гар фармоӣ, ба дида оям бари ту.
Васлат гӯяд, ки ту надорӣ сари мо,
Бесар бодо, ҳар кӣ надорад сари ту.

* * *

Эй гашта ҷаҳони ташна сероб аз ту,
Эй ранги гулу лолаи хушоб аз ту.
Муҳтоҷ ба кимиёи иксири туем,
Беш аз ҳама ақл гашта сероб аз ту.

* * *

Эй шуълаи Тур, Тур пурнур аз ту
В-эй маст ба ним ҷуръа Мансур аз ту.
Ҳар шайъи ҷаҳон, ҷаҳон маншур аз ту,
Май аз туву маст аз туву махмур аз ту.

* * *

Эй равнақи кеши бутпарастон аз ту
В-эй ғорати дини сад мусалмон аз ту.
Куфр аз ману ишқ аз ману зуннор аз ман,
Дил аз туву дин аз туву имон аз ту.

* * *

Эй сабзии сабзаи баҳорон аз ту
В-эй сурхии рӯйи гулъузорон аз ту.
Оҳи дилу ашки беқаророн аз ту,
Фарёд, ки бод аз туву борон аз ту.

* * *

Абрест, ки хуни дида борад ғами ту,
Заҳрест, ки тарёқ надорад ғами ту.

Дар ҳар нафасе ҳазор меҳнатзадаро
Бедил кунаду зи ғам барорад ғами ту.

* * *

Аз дидаи санг хун чаконад ғами ту,
Бегонаву ошно надонад ғами ту.
Дам даркашаму ғамат ҳама нӯш кунам,
То аз паси ман ба кас намонад ғами ту.

* * *

Эй пиру ҷавони даҳр шод аз ғами ту,
Фориғ дили ҳеч кас мабод аз ғами ту.
Мискин мани бечора дар ин олами хок
Саргардонам чу гирдбод аз ғами ту.

* * *

Эй нолаи пири қуртапӯш[1] аз ғами ту
В-эй наъраи ринди майфурӯш аз ғами ту.
Афғони муғони ниранӯш аз ғами ту,
Хуни дили ошиқон ба ҷӯш аз ғами ту.

* * *

Эй омада кори ман ба ҷон аз ғами ту,
Танг омада бар дилам ҷаҳон аз ғами ту.
Ҳон, эй дилу дида, то ба сар барнакунам
Хоки ҳама дашти Ховарон аз ғами ту.

* * *

Эй нолаи пири хонақоҳ аз ғами ту
В-эй гиряи тифли бегуноҳ аз ғами ту.
Афғони хурӯси субҳгоҳ аз ғами ту,
Оҳ аз ғами ту, ҳазор оҳ аз ғами ту.

* * *

Эй каъбапараст, чист кини ману ту,
Соҳибназаранд хурдабини ману ту.
Гар барсанҷанд куфру дини ману ту,

[1] **Қурта – курта, пероҳан.**

Донанд ниҳояти яқини ману ту.

* * *

Эй шамъи дилам қомати санҷидаи ту,
Васли ту ҳаёти ин ситамдидаи ту.
Чун ойина пур шуд дилам аз акси рухат,
Сӯят нигарам, валек аз дидаи ту.

* * *

Эй дар дили ман асли таманно ҳама ту
В-эй дар сари ман мояи савдо ҳама ту.
Ҳарчанд ба рӯзгор дарменигарам,
Имрӯз ҳама туиву фардо ҳама ту.

* * *

Эй дар дилу ҷон сурату маънӣ ҳама ту,
Мақсуди ҳама зи дину дунйӣ ҳама ту.
Ҳам бо ҳама ҳамдамиву ҳам бе ҳама ту,
Эй бо ҳама ту, бе ҳама ту, не ҳама ту.

* * *

Шабҳои дароз, эй дареғо бе ту,
Ту хуфта ба ноз, эй дареғо бе ту.
Дуриву фироқ, эй дареғо бе ту,
Ман дар такутоз, эй дареғо бе ту.

* * *

Дарди дили ман давош медонӣ ту,
Сӯзи дили ман сазош медонӣ ту.
Ман ғарқи гунаҳ, пардаи исён дар пеш,
Пинҳон чӣ кунам, ки фош медонӣ ту.

* * *

Ман мешунавам, ки менабахшоӣ ту,
Ҳар ҷо, ки шикастаест, он ҷоӣ ту.
Мо ҷумла шикастагони даргоҳи туем,
Дар ҳоли шикастагон чӣ фармоӣ ту.

* * *

Эй Холиқи зулҷалол в-эй Раҳмон Ту,
Сомондеҳи кори бесару сомон Ту.
Хасмони маро мутеи ман мегардон,
Бераҳмонро раҳими ман гардон Ту.

* * *

Моро набувад диле, ки кор ояд аз ӯ,
Ҷуз нола, ки ҳар даме ҳазор ояд аз ӯ.
Чандон гирям, ки кӯчаҳо гил гардад,
Най рӯяду нолаҳои зор ояд аз ӯ.

* * *

Зулфаш бикашӣ, шаби дароз ояд аз ӯ
В-ар бигзорӣ, чангали боз ояд аз ӯ.
В-ар печу хамаш зи якдигар боз кунӣ,
Олам-олам мушк фароз ояд аз ӯ.

* * *

Ишқ аст, ки шери нар забун ояд аз ӯ,
Аз ҳар чӣ гумон барӣ, фузун ояд аз ӯ.
Гаҳ душмание кунад, ки меҳр афзояд,
Гаҳ дӯстие, ки бӯйи хун ояд аз ӯ.

* * *

Савдои сари бесарусомон як сӯ,
Бемеҳрии чарху даври гардон як сӯ.
Андешаи хотири парешон як сӯ,
Инҳо ҳама як сӯ, ғами ҷонон як сӯ.

* * *

Абр аз деҳқон, ки жола мерӯяд аз ӯ,
Дашт аз Маҷнун, ки лола мерӯяд аз ӯ.
Хулд аз суфию ҳури айн аз зоҳид,
Мову дилаке, ки нола мерӯяд аз ӯ.

* * *

Эй дил, чу фироқи ёр дидӣ, хун шав
В-эй дида, мувофиқат бикун, Ҷайҳун шав.
Эй ҷон, ту азизтар наӣ аз ёрам,

Бе ёр нахоҳамат, зи тан берун шав.

* * *

Эй дар сифати зоти Ту ҳайрон кеҳу меҳ
В-аз ҳар ду ҷаҳон хидмати даргоҳи Ту беҳ.
Иллат Ту ситониву шифо ҳам Ту диҳӣ,
Ё Раб, Ту ба фазли хеш бистону бидеҳ.

* * *

Андар шашу чор ғоиб ояд ногоҳ,
Дар ҳашту ду асби хеш дорад кӯтоҳ.
Дар ҳафтуму севвум бифиристад чизе,
Андар нӯҳу панҷу як бипардозад роҳ.

* * *

Эй хокнишини даргаҳи қадри ту моҳ,
Дасти ҳавас аз домани васлат кӯтоҳ.
Дар кӯйи ту з-он хона гирифтам, ки мабод
Озурда шавад хаёлат аз дурии роҳ.

* * *

Эй зоҳиду обид аз ту дар нолаву оҳ,
Наздики туву дури туро ҳол табоҳ.
Кас нест, ки аз дасти ғамат ҷон бибарад,
Онро ба тағофул кушӣ, инро – ба нигоҳ.

* * *

Инак, сари кӯйи дӯст, инак, сари роҳ,
Гар ту наравӣ, равандагонро чӣ гуноҳ?
Ҷома чӣ кунӣ кабуду ниливу сиёҳ,
Дил соф куну қабо ҳамепӯшу кулоҳ.

* * *

Аз ишқи бутони симғабғаб тавба
В-аз шурби мудому лофи машраб тавба.
Дар дил ҳаваси гуноҳу дар лаб тавба,
З-ин тавбаи нодуруст, ё Раб, тавба.

* * *

Ҷуз васли ту дил ба ҳар чӣ бастам, тавба,
Бе ёди ту ҳар ҷо, ки нишастам, тавба.
Дар ҳазрати ту тавба шикастам сад бор,
З-ин тавба, ки сад бор шикастам, тавба.

* * *

Аз ҳар чӣ на аз баҳри ту кардам тавба
В-ар бе ту ғаме хӯрдам, аз он ғам тавба.
В-он низ, ки баъд аз он барои ту кунам
Гар беҳтар аз он тавон, аз он ҳам тавба.

* * *

Маъмураи дил ба илм ороста беҳ,
Матмураи тан зи кина пироста беҳ.
Аз ҳастии худ ҳарчи тавон коста беҳ,
Ҳар чиз, ки ғайри туст, нохоста беҳ.

* * *

Аз мардуми садранг сияҳпӯшӣ беҳ
В-аз халқи фурӯмоя фаромӯшӣ беҳ.
Аз суҳбати нотамоми бехосиятон
Кунҷею фароғатею хомӯшӣ беҳ.

* * *

Дар гуфтани зикри Ҳақ забон аз ҳама беҳ,
Тоат, ки ба шаб кунӣ ниҳон, аз ҳама беҳ.
Хоҳӣ зи пули Сирот осон гузарӣ,
Нон деҳ ба ҷаҳониён, ки нон аз ҳама беҳ.

* * *

Эй нек накардаву бадиҳо карда
В-он гаҳ ба наҷоти худ таманно карда.
Бар афв макун такя, ки ҳаргиз набувад
Нокарда чу карда, карда чун нокарда.

* * *

Зоҳид хушдил, ки тарки дунё карда,
Майхора хиҷил, ки маъсиятҳо карда.
Тарсам, ки кунад умеду бим охири кор

Нокарда чу карда, карда чун нокарда.

* * *

Чашмам, ки сиришки лолагун оварда
В-аз ҳар мижа қатраҳои хун оварда.
Не, не, ба назораат дили хуншудаам
Аз равзани сина сар бурун оварда.

* * *

Баҳрест, на коҳанда, на афзоянда,
Амвоҷ бар ӯ равандаву оянда.
Олам чу иборат аз ҳамин амвоҷ аст,
Набвад ду замон, балки ду он поянда.

* * *

Афсӯс, ки умр рафт бар беҳуда,
Ҳам луқма ҳарому ҳам нафас олуда.
Фармудаи нокарда пушаймонам кард,
Афсӯс зи кардаҳои нофармуда.

* * *

То кай зи ҷаҳони пургазанд андеша?
То чанд зи ҷони мустаманд андеша?
Он, к-аз ту тавон ситад, ҳамон колбад аст,
Як мазбала гӯ мабош, чанд андеша.

* * *

Ҳиҷрони туро чу гарм шуд ҳангома,
Бар оташи ман қатра фишон аз хома.
Ман рафтаму мурғи руҳи ман пеши ту монд,
То ҳамчу кабӯтар аз ту орад нома.

* * *

Дунёталабон зи ҳирс мастанд ҳама,
Мусокушу Фиръавнпарастад ҳама.
Ҳар аҳд, ки бо Худой бастанд ҳама,
Аз дӯстии ҳирс шикастанд ҳама.

* * *

Чун бози сафед дар шикорем ҳама,
Бо нафсу ҳавои нафс ёрем ҳама.
Гар парда зи рӯйи корҳо баргиранд,
Маълум шавад, ки дар чӣ корем ҳама.

* * *

Эй рӯйи ту меҳри оламорои ҳама,
Васли ту шабу рӯз таманнои ҳама.
Гар бо дигарон беҳ зи манӣ, вой ба ман
В-ар бо ҳама кас ҳамчу манӣ, вои ҳама.

* * *

Савдо ба сарам ҳамчу паланг андар кӯҳ,
Ғам бар сари ғам ба сони санг андар кӯҳ.
Дур аз ватани хешу ба ғурбат монда,
Чун шер ба дарёву наҳанг андар кӯҳ.

* * *

Онам, ки туам зи хок бардоштаӣ,
Нақшам ба муроди хеш бингоштаӣ.
Корам чу ба дасти хеш бигзоштаӣ,
Мерӯям аз он сон, ки туам коштаӣ.

* * *

Эй ғам, ки ҳиҷоби сабр бишкофтаӣ,
Бетобии ман дидаву бартофтаӣ.
Шаб тираву ёр дуру кас мӯнис на,
Эй ҳаҷр, бикуш, ки бекасам ёфтаӣ.

* * *

Дорам санаме, чеҳрабарафрӯхтае
В-аз хирмани даҳр дидабардӯхтае.
Ӯ ошиқи дигарею ман ошиқи ӯ,
Парвонасифат сӯхтае, сӯхтае.

* * *

Ман кистам? Оташбадилафрӯхтае
В-аз хирмани даҳр дида бардӯхтае.
Дар роҳи вафо чу сангу оташ гардам,

Шояд ки расам ба суҳбати сӯхтае.

* * *

Ман кистам? Аз хеш батангомадае,
Девонаи бо хирад баҷангомадае.
Дӯшина ба кӯйи дӯст аз рашкам сӯхт
Нолидани пойи дил басангомадае.

* * *

Ҳастӣ, ки зуҳур мекунад дар ҳама шай(ъ),
Хоҳӣ, ки барӣ ба ҳоли ӯ бо ҳама пай.
Рав, бар сари май ҳубобро бин, ки чӣ сон
Май вай бувад андар ваю вай дар май вай.

* * *

Ё пасту баланди даҳрро саркӯбе,
Ё хору хаси замонаро ҷорӯбе.
То чанд тавон вазъи мукаррар дидан?
Азле, насабе, қиёмате, ошӯбе.

* * *

Ё саркашии сипеҳрро саркӯбе,
Ё хору хаси замонаро ҷорӯбе.
Бигрифт дилам аз ин хасисон, ё Раб,
Ҳашре, нашре, қиёмате, ошӯбе.

* * *

Аҳде ба сари забони худ барбастӣ,
Сад хона пур аз бутон, яке нашкастӣ.
Ту пиндорӣ ба як шаҳодат растӣ,
Фардот кунад хумор, к-акнун мастӣ.

* * *

Ғам ҷумла насиби чархи хам боястӣ,
Ё бо ғами ман сабр ба ҳам боястӣ,
Ё мояи ғам чу умр кам боястӣ,
Ё умр ба андозаи ғам боястӣ.

* * *

Зулфат сим асту мушкро кон гаштӣ,
Азбаски бичустӣ, ту ҳама он гаштӣ.
Эй оташ, то сард будӣ, сӯхтаем,
Эй вой, аз он рӯз, ки сӯзон гаштӣ.

* * *

Эй шери Худо, амир Ҳайдар, фатҳе
В-эй қалъакушои дари Хайбар, фатҳе.
Дарҳои умед бар рухам баста шудаст,
Эй соҳиби Зулфиқору Қанбар, фатҳе.

* * *

Дар кӯйи худам маскану маъво додӣ,
Дар базми висоли худ маро ҷо додӣ.
Алқисса, ба сад карашмаву ноз маро
Ошиқ кардиву сар ба саҳро додӣ.

* * *

Аввал ҳама ҷоми ошноӣ додӣ,
Охир ба танам заҳри ҷудоӣ додӣ.
Чун кушта шудам, бигуфтӣ: «Ин куштаи кист?»
Дод аз ту, ки доди бевафоӣ додӣ.

* * *

Эй шоҳи вилояти ду олам, мададе,
Бар аҷзу парешонии ҳолам мададе.
Эй шери Худо, зуд ба фарёдам рас,
Ҷуз ҳазрати ту пеши кӣ нолам, мададе.

* * *

Ман кистам? Аз қайди ду олам фарде,
Анқоманише, баландҳиммат марде.
Девонаи бехуде, биёбонгарде,
Лабрези муҳаббате, саропо дарде.

* * *

Аз чеҳра ҳама хона мунаққаш кардӣ
В-аз бода рухони мо чу оташ кардӣ.
Шодию нишоти мо яке шаш кардӣ,

Айшат хуш бод, ки айши мо х(в)аш кардӣ.

* * *

Ишқам додӣ, зи аҳли дардам кардӣ,
Аз донишу ҳушу ақл фардам кардӣ.
Саҷҷоданишини бовиқоре будам,
Майхораи ринду ҳарзагардам кардӣ.

* * *

Эй дида, маро ошиқи ёре кардӣ,
Доғам зи рухи лолаузоре кардӣ.
Коре кардӣ, ки ҳеч натвон кардан,
Аллоҳ, Аллоҳ, чӣ хуб коре кардӣ.

* * *

Эй дил, то кай мусибатафзо гардӣ?
Эй хуншуда, чанд дардпаймо гардӣ?
Андохтиям дар ба дару кӯй ба кӯй,
Расво кардӣ маро ту, расво гардӣ.

* * *

Эй он ки ба гирди шамъ дуд овардӣ,
Яъне, ки хат арчи хуш набуд, овардӣ.
Гар дуди дили ман аст, дерат бигирифт
В-ар хатти ба хуни мост, зуд овардӣ.

* * *

Эй чарх, басе лайлу наҳор овардӣ,
Гаҳ фасли хазону гаҳ баҳор овардӣ.
Мардони ҷаҳонро ҳама бурдӣ ба замин,
Номардонро ба рӯйи кор овардӣ.

* * *

Эй кош маро ба нафт олояндӣ,
Оташ бизанандию набахшояндӣ.
Дар чашми азизи ман намак сояндӣ
В-аз дӯст ҷудо шудан нафармояндӣ.

* * *

Дасте на, ки аз нахли ту чинам самаре,
Пое на, ки аз кӯйи ту ёбам гузаре.
Чашме на, ки бар хеш бигирям қадаре,
Рӯе на, ки бар хок бимолам саҳаре.

* * *

Эй зоти Ту дар сифоти аъён сорӣ,
Авсофи Ту дар сифоташон мутворӣ.
Васфи Ту чу зоти мутлақ аст, аммо нест
Дар зимни мазоҳир аз тақайюд орӣ.

* * *

Ҳангоми сапедадам хурӯси саҳарӣ,
Донӣ, ки чаро ҳамекунад навҳагарӣ?
Яъне, ки намуданд дар ойинаи субҳ,
Аз умр шабе гузашту ту бехабарӣ.

* * *

Гирам, ки ҳазор мусҳаф азбар дорӣ,
Бо он чӣ кунӣ, ки нафси кофар дорӣ.
Сарро ба замин чӣ мениҳӣ баҳри намоз,
Онро ба замин бинеҳ, ки бар сар дорӣ.

* * *

Эй шамъ, намунае зи сӯзам дорӣ,
Хомӯшию мурдану румузам дорӣ.
Дорӣ хабар аз сӯзи шаби ҳиҷронам,
Оё чӣ хабар зи сӯзи рӯзам дорӣ?

* * *

Чун гул ба гулоб шуста рӯе дорӣ,
Чун мушк ба май ҳалшуда мӯе дорӣ.
Чун арсагаҳи қиёмат аз анбӯҳи халқ
Пурофату меҳнат сари кӯе дорӣ.

* * *

Эй дил, бари дӯст туҳфа ҷуз ҷон набарӣ,
Дардат чу диҳанд, номи дармон набарӣ.
Бе дард зи дарди дӯст нолон гаштӣ,

Хомӯш, ки арзи дардмандон набарӣ.

* * *

Пайваста ту дил рабудаӣ, маъзурӣ,
Ғам ҳеч наёзмудаӣ, маъзурӣ.
Ман бе ту ҳазор шаб ба хун дархуфтам,
Ту бе ту шабе набудаӣ, маъзурӣ.

* * *

Аз кибр мадор ҳеч дар дил ҳавасе,
К-аз кибр ба ҷое нарасидаст касе.
Чун зулфи бутон шикастагӣ одат кун,
То сайд кунӣ ҳазор дил дар нафасе.

* * *

Эй дар сари ҳар кас аз хаёлат ҳавасе,
Бе ёди ту барнаёяд аз ман нафасе.
Мафрӯш маро ба ҳечу озод макун,
Ман хоҷа яке дораму ту банда басе.

* * *

То нагзарӣ аз ҷамъ, ба фарде нарасӣ,
То нагзарӣ аз хеш, ба марде нарасӣ.
То дар раҳи дӯст бесару по нашавӣ,
Бедард бимониву ба дарде нарасӣ.

* * *

Гаҳ шонакаши турраи Лайло бошӣ,
Гаҳ дар сари Маҷнун ҳама савдо бошӣ.
Гаҳ ойинаи ҷамоли Юсуф гардӣ,
Гаҳ оташи хирмани Зулайхо бошӣ.

* * *

Ҷон чист? Ғаму дарду балоро ҳадафе,
Дил чист? Даруни сина сӯзеву тафе.
Алқисса, пайи шикасти мо баста сафе,
Марг аз тарафею зиндагӣ аз тарафе.

* * *

Бигшуд нигори ман ҳиҷоб аз тарафе,
Бардошт сапедадам ҳиҷоб аз тарафе.
Гар нест қиёмат, зи чӣ рӯ гашт падид
Моҳ аз тарафею офтоб аз тарафе?

* * *

Эй дил, зи шароби ҷаҳл мастӣ то кай?
В-эй нестшаванда, лофи ҳастӣ то кай?
Гар ғарқаи баҳри ғафлату оз наӣ,
Тардоманию ҳавопарастӣ то кай?

* * *

Эй аз ту ба боғ ҳар гулеро ранге,
Ҳар мурғеро зи шавқи ту оҳанге.
Бо кӯҳ зи андӯҳи ту рамзе гуфтам,
Бархост садои нола аз ҳар санге.

* * *

Аз дарди ту нест чашми холӣ зи наме,
Ҳар ҷо, ки дилест, шуд гирифтори ғаме.
Бемории ту боиси нобудани мост,
Эй боиси умри мо, мабодат аламе.

* * *

Беповусарони дашти хуношомӣ
Мурданд зи ҳасрату ғами нокомӣ.
Меҳнатзадагони водии шавқи туро
Ҳиҷрон кушаду аҷал кашад бадномӣ.

* * *

Дил доғи ту дорад, ар-на бифрӯхтаме,
Дар дида туӣ в-агарна медӯхтаме.
Дил манзили туст в-арна рӯзе сад бор
Дар пеши ту чун сипанд месӯхтаме.

* * *

Ҳаққо, ки агар чу мурғ пар доштаме,
Рӯзе зи ту сад бор хабар доштаме.
Ин воқеаам агар набудӣ дар пеш,

Кай дида зи дидори ту бардоштаме.

* * *

Дарде дорему синаи бирёне,
Ишқе дорему дидаи гирёне.
Ишқеву чӣ ишқ? Ишқи оламсӯзе,
Дардеву чӣ дард? Дарди бедармоне.

* * *

Эй он ки давои дардмандон донӣ,
Рози дили зори мустамандон донӣ.
Ҳоли дили хешро чӣ гӯям бо Ту?
Ногуфта Ту худ ҳазорчандон донӣ.

* * *

Гуфтӣ, ки ба вақти маҷлис афрӯхтанӣ
Оё ки чӣ нуктаҳост бардӯхтанӣ?
Эй бехабар аз сӯхтаву сӯхтанӣ,
Ишқ омаданӣ бувад, на омӯхтанӣ.

* * *

Моро ба сари чоҳ барӣ, даст занӣ,
Лоҳавл куниву шаст бар шаст занӣ.
Бар мо ба ситам ҳамеша дасте дорӣ,
Гӯйӣ, асасию шомгаҳ маст занӣ.

* * *

То чанд сухан тарошию ранда занӣ?
То кай ба ҳадаф тири пароканда занӣ?
Гар як варақ аз илми хамӯшӣ хонӣ,
Бисёр бад-ин гуфтушунав ханда занӣ.

* * *

Гар з-он ки ҳазор Каъба обод кунӣ,
Беҳ з-он набувад, ки хотире шод кунӣ.
Гар банда кунӣ зи лутф озодеро,
Беҳтар, ки ҳазор банда озод кунӣ.

* * *

Ё Раб, дари халқ такягоҳам накунӣ,
Муҳтоҷи гадову подшоҳам накунӣ.
Мӯйи сияҳам сапед кардӣ ба карам,
Бо мӯйи сапед рӯсиёҳам накунӣ.

* * *

Ёқут зи дида рехтам, то чӣ кунӣ?
Дар пойи ғами ту бехтам, то чӣ кунӣ?
Аз ҳар кӣ ба ту гурехтам, суд накард,
Аз ту ба ту даргурехтам, то чӣ кунӣ?

* * *

Дунёи дании пурҳавасро чӣ кунӣ?
Олудаи ҳар нокасу касро чӣ кунӣ?
Он ёр талаб кун, ки туро бошаду бас,
Маъшуқаи сад ҳазор касро чӣ кунӣ?

* * *

Боз ой, ки то сидқи ниёзам бинӣ,
Бедории шабҳои дарозам бинӣ.
Не, не, ғалатам, ки худ фироқи ту, буто,
Кай зинда гузорадам, ки бозам бинӣ?

* * *

Эй дил, агар он орази дилҷӯ бинӣ,
Зарроти ҷаҳонро ҳама неку бинӣ.
Дар ойина кам нигар, ки худбин нашавӣ,
Худ ойина шав, то ҳамагӣ Ӯ бинӣ.

* * *

Эй Холиқи зулҷалолу эй бор Худой,
То чанд равам дар ба дару ҷой ба ҷой?
Ё хонаи уммеди маро дар барбанд,
Ё қуфли муҳиммоти маро дар бигшой.

* * *

Бо фоқаву фақр ҳамнишинам кардӣ,
Бехешу табору беқаринам кардӣ.
Ин мартабаи муқаррабони дари Туст,

Оё ба чӣ хидмат инчунинам кардӣ?

* * *

Эй Холиқи зулҷалоли ҳар ҷонваре
В-эй раҳбару раҳнамои ҳар бехабаре.
Бастам камари умед бар даргаҳи Ту,
Бигшой даре, ки ман надорам ҳунаре.

* * *

Ё Раб, Ё Раб, каримию ғаффорӣ,
Раҳмону раҳиму роҳиму сатторӣ.
Хоҳам, ки ба раҳмати худовандии Хеш
Ин бандаи шарманда фурӯ нагзорӣ.

* * *

М-озор дилеро, ки ту ҷонаш бошӣ,
Маъшуқаи пайдову ниҳонаш бошӣ.
З-он метарсам, ки аз дилозории ту
Дил хун шаваду ту дар миёнаш бошӣ.

* * *

Эй он ки ба кунҳат нарасад идроке,
Кавнайн ба пеши карамат хошоке.
Аз рӯйи карам агар бибахшӣ ҳамаро,
Бахшида шавад пеши Ту мушти хоке.

* * *

Вассофии худ ба рағми ҳосид то кай?
Тарвиҷи чунин матои косид то кай?
То маъдумӣ, хаёли ҳастӣ аз ту
Фосид бошад, хаёли фосид то кай?

* * *

То битвонӣ, бикаш ба ҷон бори диле,
Мекӯш, ки то шавӣ зи дил ёри диле.
Озори диле маҷӯ, ки ногоҳ кунӣ
Кори ду ҷаҳон дар сари озори диле.

* * *

Наздиконро беш бувад ҳайронӣ,
К-эшон донанд сиёсати султонӣ.
Моро ба сари чоҳ барӣ, даст занӣ,
Лоҳавл кунию даст бар дил ронӣ.

* * *

Ҳастӣ, ки аён нест равон дар шоне,
Дар шони дигар ҷилва кунад ҳар оне.
Ин нукта ба ҷуз «кулли явмин фӣ шаън»,
Гар боядат аз каломи Ҳақ бурҳоне.

* * *

Гар дар талаби гавҳари конӣ, конӣ
В-ар зинда ба бӯйи васли ҷонӣ, ҷонӣ.
Алқисса, ҳадиси мутлақ аз ман бишунав,
Ҳар чиз, ки дар ҷустани онӣ, онӣ.

* * *

Хоҳӣ чу Халил Каъба бунёд кунӣ
В-онро ба намозу рӯза обод кунӣ.
Рӯзе ду ҳазор банда озод кунӣ,
Беҳ з-он набувад, ки хотире шод кунӣ.

* * *

То тарки алоику[1] авоиқ[2] накунӣ,
Як саҷдаи шоистаи лоиқ накунӣ.
Ҳаққо, ки зи доми Лоту Уззо бираҳӣ,
То тарки худу ҷумла халоиқ накунӣ.

* * *

Аз содагию салимию мискинӣ
В-аз саркашию такаббуру худбинӣ.
Бар оташ агар нишониям, биншинам,
Бар дида агар нишонамат, наншинӣ.

---

[1] **Алоиқ *(ар.)* – ҷамъи *алоқа*; он чи инсон ба он дилбастагӣ дорад аз молу зану фарзанд.**
[2] **Авоиқ *(ар.)* – ҷамъи *оиқ* ва *оиқа*; боздоранда, он чи сари роҳи касе ё чизе воқеъ шавад.**

* * *

Гар дар Яманӣ, чу бо манӣ, пеши манӣ,
Гар пеши манӣ, чу бе манӣ, дар Яманӣ.
Ман бе ту чунонам, эй нигори яманӣ,
Худ дар ғалатам, ки ман туям, ё ту манӣ.

* * *

Майдони фароху марди майдоне не,
Мардони ҷаҳон чунонки медонӣ, не.
Дар зоҳирашон ба авлиё мемонанд,
Дар ботинашон бӯйи мусалмонӣ не.

* * *

Эй дар хами чавгони Ту сарҳо шуда гӯй,
Берун на зи фармони Ту як дил сари мӯй.
Зоҳир, ки ба дасти мост, шустем тамом,
Ботин, ки ба дасти Туст, онро Ту бишӯй.

* * *

Дар кӯйи ту медиҳанд ҷоне ба ҷаве,
Ҷоне чӣ бувад, ки корвоне ба ҷаве.
Аз васли ту як ҷав ба ҷаҳоне арзад,
З-ин ҷинс, ки моем, ҷаҳоне – ба ҷаве.

* * *

Таҳқиқи маонӣ зи иборот маҷӯй,
Бе рафъи қуюду эътиборот маҷӯй.
Хоҳӣ ёбӣ зи иллати ҷаҳл раҳо,
Қонуни наҷот аз «Ишорот» маҷӯй.

* * *

Дар зулмати ҳайрат ар гирифтор шавӣ,
Хоҳӣ, ки зи хоби ҷаҳл бедор шавӣ.
Дар сидқ талаб наҷот, зеро ки ба сидқ
Шоистаи файзи нури анвор шавӣ.

* * *

Дар мадраса гарчи донишандӯз шавӣ
В-аз гармии баҳс маҷлисафрӯз шавӣ.

Дар мактаби ишқ бо ҳама доноӣ
Саргашта чу тифлони навомӯз шавӣ.

* * *

Аз ҳастии хеш то пушаймон нашавӣ,
Сарҳалқаи орифону мастон нашавӣ.
То дар назари халқ нагардӣ кофир,
Дар мазҳаби ошиқон мусалмон нашавӣ.

* * *

Гар сайди адам шавӣ, зи худ раста шавӣ
В-ар дар сифати хеш шавӣ, баста шавӣ.
Медон, ки вуҷуди ту ҳиҷоби раҳи туст,
Бо худ манишин, ки ҳар замон хаста шавӣ.

* * *

Дунё – роҳе, биҳишт – манзилгоҳе,
Ин ҳарду ба назди аҳли маънӣ – коҳе.
Гар ошиқи содиқӣ, зи ҳарду бигузар,
То Дӯст туро ба худ намояд роҳе.

* * *

Омад бари ман қосиди он сарви сиҳӣ,
Овард биҳӣ, то набувад дасти тиҳӣ.
Ман ҳам рухи худ бад-он биҳӣ молидам,
Яъне, зи мараз ниҳодаам рӯ ба беҳӣ.

* * *

То ту ҳаваси худоӣ аз сар наниҳӣ,
Дар ҳарду ҷаҳон набошадат рӯйи беҳӣ.
В-ар он ки ба бандагӣ фуруд орӣ сар,
З-андешаи ину он ба куллӣ бираҳӣ.

* * *

Покию муназзаҳию беҳамтоӣ,
Касро нарасад мулк бад-ин зебоӣ.
Халқон ҳама хуфтаанду дарҳо баста,
Ё Раб, Ту дари лутф ба мо бигшоӣ.

* * *

Гуфтам, ки: «Кирои ту бад-ин зебои?»
Гуфто: «Худро, ки ман худам яктое.
Ҳам ишқаму ҳам ошиқу ҳам маъшуқам,
Ҳам ойинаи ҷамолу ҳам бинои».

* * *

Эй дилбари исонафаси тарсойӣ,
Хоҳам, ки ба пеши банда бе тарс ойӣ.
Гаҳ пок кунӣ ба остин чашми тарам,
Гаҳ бар лаби хушки ман лаби тар сойӣ.

* * *

Бардорам дил, гар аз ҷаҳон фармоӣ,
Фармон барам, ар суду зиён фармоӣ.
Биншинам, агар бар сари оташ, гӯӣ,
Бархезам, агар аз сари ҷон, фармоӣ.

* * *

Он ҷо, ки бибоӣ, на падидӣ гӯӣ,
Он ҷо, ки набоӣ, аз замин баррӯӣ.
Ошиқ кунию муроди ошиқ ҷӯӣ,
Инат хушию зарифию некуӣ.

* * *

Ойинасифат ба дасти ӯ некуӣ,
З-ин сӯй намудаӣ, вале з-он сӯӣ.
Ӯ дида туро, ки айни ҳастии ту Ӯст,
З-онаш ту надидаӣ, ки акси Ӯӣ.

* * *

Эй он, ки барорандаи ҳоҷот Туӣ,
Ҳам кофилу кофии муҳиммот Туӣ.
Сирри дили хештан чӣ гӯям бо Ту,
Чун олими сирру ва-л-хафийёт Туӣ.

* * *

Эй он, ки гушояндаи ҳар банд Туӣ,
Берун зи иборати чиву чанд Туӣ.

Ин давлати ман бас, ки манам бандаи Ту,
Ин иззати ман бас, ки Худованд Туӣ.

* * *

Субҳоналлоҳ, ба ҳар ғаме ёр Туӣ,
Субҳоналлоҳ, кушоиши кор Туӣ.
Субҳоналлоҳ, ба амри Ту кунфаякун,
Субҳоналлоҳ, Ғафуру Ғаффор Туӣ.

* * *

Аллоҳ Туӣ в-аз дилам огоҳ Туӣ,
Дармонда манам, далели ҳар роҳ Туӣ.
Гар мӯрчае дам занад андар таҳи чоҳ,
Огаҳ зи дами мӯрча дар чоҳ Туӣ.

* * *

Эй он, ки ба мулки хеш поянда Туӣ
В-аз домани шаб субҳнамоянда Туӣ.
Кори мани бечора қавӣ баста шудаст,
Бигшой, Худоё, ки гушоянда Туӣ.

***Таҳияи Иброҳими Наққош***

***Панҷакент – Чкалов – Душанбе***
***2011-2013***

# ФЕҲРИСТИ МАНОБЕЪ


1. Абӯсаиди Абулхайр. Рубоиёт. *Ба хати Аббоси Муставфӣ юл-Мамоликӣ. – Теҳрон, 1388 ҳ.ш.*
2. Абӯсаиди Абулхайр. Рубоиёт. *Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Собири Кирмонӣ. – Теҳрон, 1374 ҳ.ш.*
3. Таронаҳои дилангез. *(Маҷмӯаи рубоиёти Абӯсаид Абулхайр, Бобо Тоҳири Урён, Наҷмиддини Кубро ва Бобо Афзал). Тартибдиҳанда Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1986.*
4. Абӯсаиди Абулхайр. Шабнами ишқ *(Рубоиёт). Ба эҳтимом ва муқаддимаю тавзеҳоти Саидумрон Саидзода. – Хуҷанд, 1993.*
5. Ашъори ҳакимон ва орифон. *Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов. – Душанбе: Адиб, 2010.*
6. Муҳаммади Биҳиштӣ. Фарҳанги Сабо. – *Теҳрон: Сабо, 1371 ҳ.ш.*

**АБӮСАИДИ АБУЛХАЙР**
**«РУБОИЁТ»**

**Мураттиб *Иброҳими Наққош***
**Муҳаррир *Равшани Ҳамроҳ***
**Муҳаррири ороиш *А. Исоев***
**Муҳаррири техникӣ *К. Эгамбардиев***

**БИ № 4507**

**Ба матбаа супурда шуд. Ба чоп имзо шуд. Андозаи 60Х84 $^1/_{16}$. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ . Ҷузъи нашрию ҳисобӣ . Адади нашр 1000. Супориши №. Нархи шартномавӣ.**

**Муассисаи нашриявии “Ирфон”-и**
**Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17.**